2025



# ТАҲҚИҚОТИ ЗАМИНАВИИ TEACH: МУШОҲИДАИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ ДАР СИНФХОНА ДАР ТОҶИКИСТОН

## ҲИСОБОТИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоботи заминавӣ барои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» омода карда шудааст.

Шартнома № MOES/LEARN/CQS/2023-02[1]

**Иҷрокунанда:**
Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Таҳлил ва машварат». Таҳқиқоти заминавии TEACH: Мушоҳидаи ҷараёни таълим дар синфхона дар Тоҷикистон. Ҳисоботи заминавӣ, шаҳри Душанбе, соли 2025.

**Маълумот барои тамос:**
**Абдуазиз Қосимов, Директор**
Суроға: кӯчаи Пӯлодӣ 28 (ошёнаи 2, ҳуҷраи 7), шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734013
Телефон: (+992) 93 572 10 08
Почтаи электронӣ: abduaziz.kasymov@z-analytics.tj | research@z-analytics.tj

[1] Тамоми ҳуқуқҳо барои интишори ҳисобот ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд.

© Нусхабардории ин ҳисобот ё қисмҳои он бе ризоияти пешакии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъиян манъ аст.

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ЛОИҲАИ «МУҲИТИ ТАЪЛИМ – АСОСИ ТАҲСИЛОТИ БОСИФАТ»**

Грант тахти рақами **IDA/E1560**

Шартнома тахти рақами **MOES/LEARN/CQS/2023-02**

Хизматрасониҳои машваратӣ оид ба ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти заминавии TEACH: Мушоҳидаи ҷараёни таълим дар синфхона дар Тоҷикистон

# ҲИСОБОТИ ЗАМИНАВӢ

| | |
|---|---|
| Фармоишгар: | **Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** |
| Мушовир: | **ҶДММ «Таҳлил ва машварат»** |
| Санаи пешниҳод: | **Июн, 2025** |

**Душанбе – 2025**

# Мундариҷа

Рӯйхати диаграммаҳо ........ 5
Рӯйхати ҷадвалҳо ........ 7
Рӯйхати ихтисорот ........ 7
Луғати истилоҳот ........ 8
Сипосгузорӣ ........ 9
Шарҳи муфассал ........ 10
1 Маълумоти ибтидоӣ ........ 14
Омӯзиши рӯйимизӣ ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
Чаҳорчӯбаи сиёсат ........ 17
Маълумот дар бораи лоиҳа ........ 18
Методологияи таҳқиқот ........ 20
Ҳадафи таҳқиқот ........ 20
Вазифаҳои таҳқиқот ........ 20
Механизми таҳқиқот ........ 21
Таҳияи интихобнома ........ 22
Воситаҳо (воситаҳои мушоҳиданамоӣ) ........ 25
Мулоҳизаҳои ахлоқӣ ........ 25
Равиши таҳлили маълумот ........ 26
Омӯзиши мушоҳидакунандагон ва санҷиши эътимоднокӣ ........ 27
Маҳдудият ва роҳҳои кам кардани таъсири он ........ 29
2. Шарҳи мухтасар ........ 31
3. Натиҷаҳои таҳқиқоти *TEACH Secondary*: Андешаҳо дар бораи таҷрибаи омӯзгорон – Муқоисаи муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ ........ 37
Вақт барои иҷрои супориш ........ 38
Холҳо дар доираи таҳқиқот и TEACH Secondary аз рӯи унсур ........ 41
Самти 1: Натиҷаҳои «Фарҳанги идораи синфхона» ........ 43
Натиҷаҳои «Фарҳанги идораи синфхона» вобаста ба синф ........ 50
Самти 2: Натиҷаҳои «Дастурдиҳӣ” ........ 51
Дастурдиҳӣ: натиҷаҳо вобаста ба синф ........ 62
Самти 3: Натиҷаҳои малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ ........ 64
Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ: натиҷаҳо вобаста ба синф ........ 72
Таҳлили гендерӣ аз рӯи унсур ........ 74
Фаъолиятҳои назарраси муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
Хулосаҳо ва тавсияҳо ........ 80
Тавсияҳо ........ 80
Адабиёти истифодашуда ........ 82
Замимаҳо ........ 84
Замимаи 1. Намунаҳо ва тавсифи холҳои рафтор аз рӯи унсур дар доираи Teach Primary ........ 84
Замимаи 2. Раванди омодасозӣ ва тартиби баргузории TEACH Secondary ........ 103
Замимаи 3. Шакли мукаммали намунаи интихобшудаи таҳқиқот ........ 107
Замимаи 4: Воситаҳои мушоҳидакунии таҳқиқот ........ 111

# Рӯйхати диаграммаҳо

Расми 1: Соҳаҳои фарогирифтаи воситаи Teach ........ 21
Диаграммаи 3.1a: Тақсимоти холҳои миёна дар доираи таҳқиқоти TEACH Secondary аз рӯи самт ва дар умум дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ........ 37
Диаграммаи 3.1b: Тақсимоти холҳои миёна дар доираи таҳқиқоти TEACH Secondary аз рӯи самт ва дар умум дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ........ 38
Диаграммаи 3.2a: Тағйирёбандаҳои тақсимоти вақт барои иҷрои супориш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ........ 39
Диаграммаи 3.2b: Тағйирёбандаҳои тақсимоти вақт барои иҷрои супориш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ........ 39
Диаграммаи 3.3a: Тақсимоти холҳои миёна дар доираи таҳқиқоти Teach Secondary аз рӯи унсур дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ........ 41
Диаграммаи 3.3b: Тақсимоти холҳои миёна дар доираи таҳқиқоти Teach Secondary аз рӯи унсур дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ........ 42
Диаграммаи 3.4a: Муҳити дастгирикунандаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ........ 44
Диаграммаи 3.4b: Муҳити дастгирикунандаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ........ 46
Диаграммаи 3.5a: Интизориҳои рафтори мусбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ 48
Диаграммаи 3.5b: Интизориҳои рафтори мусбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ 49
Диаграммаи 3.6a: Фарҳанги идораи синфхона дар сатҳи синф дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ........ 50
Диаграммаи 3.6b: Фарҳанги идораи синфхона дар сатҳи синф дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ........ 50
Диаграммаи 3.7a: Раҳнамоӣ ва гузаронидани самараноки дарс дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ........ 53
Диаграммаи 3.7b: Раҳнамоӣ ва гузаронидани самараноки дарс дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ........ 54
Диаграммаи 3.8a: Роҳҳои санҷидани фаҳмиши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ........ 55
Диаграммаи 3.8b: Роҳҳои санҷидани фаҳмиши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ........ 56
Диаграммаи 3.9a: Робитаи мутақобила дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ........ 58
Диаграммаи 3.9b: Робитаи мутақобила дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ........ 59
Диаграммаи 3.10b: Тафаккури интиқодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ........ 60
Диаграммаи 3.11a: Дастурдиҳӣ вобаста ба синф дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ 62
Диаграммаи 3.11b:Дастурдиҳӣ вобаста ба синф дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ 63
Диаграммаи 3.12a: Мустақилият дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ........ 65
Диаграммаи 3.12b: Мустақилият дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ........ 66
Диаграммаи 3.13a: Матонат дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ........ 67
Диаграммаи 3.13b: Матонат дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ........ 68
Диаграммаи 3.14a: Малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ........ 70
Диаграммаи 3.14b: Малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ........ 71
Диаграммаи 3.15a: Малакаҳои иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ вобаста ба синфҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ........ 72
Диаграммаи 3.15b: Малакаҳои иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ вобаста ба синфҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ........ 73
Диаграммаи 3.16a: Фарҳанги синфхона вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ........ 74

Диаграммаи 3.16b: Фарҳанги синфхона вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ........ 74
Диаграммаи 3.17a: Дастурдиҳӣ вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ........ 76
Диаграммаи 3.17b: Дастурдиҳӣ вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ........ 76
Диаграммаи 3.18a: Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ........ 77
Диаграммаи 3.18b: Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ........ 78
Расми A4.1: Соҳаҳои TEACH Secondary........ 105

# Рӯйхати ҷадвалҳо

Ҷадвали 0.2. Шарҳи муфассали натиҷаҳо – ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ................. 33
Ҷадвал 3. 15 Натиҷаҳои беҳтарини муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ......................... 79

Ҷадвали A1.1: Ҷадвали намунавии баҳогузории муҳити ташаккулдиҳандаи таълим ............ 84
Ҷадвали A1.2: Ҷадвали намунавии баҳогузории интизориҳои рафтори мусбат ..................... 87
Ҷадвали A1.3: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои гузаронидани дарс .............................. 89
Ҷадвали A1.4: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои санҷиши сатҳи фаҳмиш....................... 92
Ҷадвали A1.5: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои робитаи мутақобила ........................... 94
Ҷадвали A1.6: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои тафаккури интиқодӣ ........................... 95
Ҷадвали A1.7: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои мустақилият........................................ 97
Ҷадвали A1.8: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои матонат ............................................... 99
Ҷадвали A1.9: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ ..... 101

# Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| **АНДСМИ** | Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **БУ** | Бонки Умумиҷаҳонӣ |
| **ВМИ** | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ДҶТИБКМ** | Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф |
| **Лоиҳаи LEARN** | Лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» |
| **МТЛ** | Маркази татбиқи лоиҳа |
| **МТТДБО** | Маркази таҳқиқот барои таъмини дастрасии баробар ва омӯзиш |
| **Мушовир** | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Таҳлил ва машварат» |
| **НБМФМҶ** | Низоми байналмилалии мушоҳида ва фикру мулоҳизаҳои ҷавобии омӯзгорон |
| **НТҶ** | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| **ПМТЗ** | Протокол барои мушоҳидаҳои таълими забономӯзӣ |
| **СМТ** | Сифати математикии таълим |
| **СҲИР** | Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд |
| **ҶДММ** | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд |
| **ҲҶТ** | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **CLASS-S** | Низоми баҳодиҳӣ барои арзёбии синфхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ |
| **TEACH** | Таҳқиқоти TEACH: Мушоҳидаи таълим дар синфхона |
| **TIPPS** | Низоми амалияҳо ва равандҳои педагогикии омӯзиш |

# Луғати истилоҳот

| | |
|---|---|
| **Мустақилият** | Назорат аз болои амалҳо, қарорҳо ва ё қобилияти идоракунии худ, яъне мустақил будан ва интихоб кардан бе назорат ё таъсири дигарон аст. Дар доираи воситаи *TEACH* ин рафтор дар ҳолати зерин айён мебошад: омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки онҳо ҳуқуқи интихобро дошта бошанд ва нақшҳои назаррасро дар синф иҷро кунанд, ҳамзамон хонандагонро барои иштирок дар дарс ташвиқ кунад. |
| **Сифати тадрис** | Ҷанбаҳои таълими омӯзгорон, ки ба натиҷаҳои ниҳоии маърифатӣ ва эҳсосотии хонандагон таъсири мусбӣ мерасонанд. Ин дар асл маънои фароҳам овардани таҷрибаҳои таълимии ҷолиб ва мувофиқро дорад, ки ниёзҳои гуногуни хонандагонро қонеъ мекунад. Он инчунин ҳамчун яке аз унсурҳои «сифати таълим» номида мешавад. |
| **Матонат** | Саъю кӯшиш барои иҷрои ягон амал ва идома додани он то ба охир бе таслимшавӣ, ҳатто агар он душвор ҳам бошад. Ин матонат ва суботкорӣ мебошад. Дар доираи воситаи *TEACH* ин рафтор вақте айён мегардад, ки омӯзгор кӯшишҳои хонандагонро барои азхудкунии малакаҳо ё мафҳумҳои нав ҳавасманд мекунад, нисбати мушкилот муносибати мусбат дорад ва ба хонандагон мефаҳмонад, ки нокомӣ ва ноумедӣ ҳамчун як қисмати муфиди раванди таълим мебошад ва ҳамчунин онҳоро барои гузоштани ҳадафҳо тарғиб менамояд. |
| **Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ** | Қобилияти фаҳмиш, идоракунӣ, роҳнамоии эҳсосот, бунёд ва нигоҳ доштани муносибатҳои мусбат ва қабули қарорҳои масъулиятнок. Ин малакаҳо, ба монанди худидоракунӣ, муқовимат ба фишори равонӣ, ҳамкорӣ, муошират ва кунҷковӣ барои шахсони ҳамаи синну сол муҳим мебошанд, зеро онҳо ба некӯаҳволӣ, муваффақияти академӣ ва натиҷаҳои умумӣ дар тули ҳаёт ва кор мусоидат мекунанд. |
| **Унсурҳои TEACH** | Ин истилоҳ ба 9 гурӯҳ, иборат аз 3–4 рафтори ба ҳам марбут (дар маҷмӯъ 32 рафтори *TEACH* мавҷуд аст) дахл дорад, ки дар Воситаи TEACH барои муқаррар намудани холҳо аз рӯи методи *TEACH* барои ҳар яке аз 9 унсур истифода мешаванд. Барои холҳои унсурҳо ҷадвали 5-хола истифода мешавад. Ба ҳар як рафтор алоҳида хол дода мешавад. Рафторҳо дар асоси далелҳои хаттии ҳангоми мушоҳида ҷамъовардашуда ҳамчун паст, миёна ё баланд тавсиф карда мешаванд. Ин холҳои рафтор амалияҳои таълимиро муайян мекунанд. |

# Сипосгузорӣ

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Таҳлил ва Машварат» (Мушовир) ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурӯҳи идоракунии лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» (Лоиҳаи LEARN) ҷиҳати ҳамкории судманд дар таҳияи методологияи ин таҳқиқот, инчунин ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барои ҳамкорӣ ва дастгирӣ дар раванди гузаронидани таҳқиқот изҳори сипос менамояд. Мушовир, ҳамзамон ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳми арзанда миннатдории хешро иброз медорад.

Мушовир ба роҳбарият ва кормандони лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат», аз ҷумла ба **Бадриддин Музаффарзода (муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори лоиҳа), Асрор Алиев (сармутахассис оид ба таҳсилот), Умедҷон Иноятов (сармутахассис оид ба арзёбӣ), Савриозод Ёғибекова (мутахассис оид ба мониторинг ва арзёбӣ)** ва **Вайсиддин Абдулмаҷитзода (мутахассис оид ба таҳсилот)** барои роҳнамоӣ, саҳми назаррас дар таҳияи методологияи пурсиш ва дастгирии ҳамаҷониба дар тамоми ҷараёни пурсиш арзи сипос мекунад.

Гурӯҳ ба **Ҷад Ширер** (коршинос/мушовири байналмилалӣ), ки вобаста ба таҳияи саволномаҳои таҳқиқот ва ҳисоботи ҷорӣ машварат ва роҳнамоӣ додааст, миннатдорӣ менамояд. Таҷриба ва роҳнамоии ӯ дар таҳияи пурсиш, таъмини аҳамият ва сифати он нақши муҳим бозид.

**Иҷрокунандагони таҳқиқот:**

| | |
|---|---|
| Гулнора Бекназарова | Роҳбари гурӯҳи таҳқиқотчиён/ҳамоҳангсоз |
| Абдуазиз Касимов | Таҳлилгар – оморшинос |
| Абдуҳалим Мирзоев | Менеҷер оид ба корҳои саҳроӣ/Ёрдамчии ҳамоҳангсоз |
| Фозил Шарипов | Менеҷери коркарди маълумотҳо |
| Гулрафтор Чонмаҳмадова | Мутахассиси илмӣ-методӣ |
| Ҷад Ширер | Мушовири байналмилалӣ |
| Тимур Назаров | Мушовир/таҳлилгар |
| Танноз Шарифова | Мушовир/таҳлилгар |

**Муаллифони ҳисобот:**

Ҷад Ширер

Тимур Назаров

Танноз Шарифова

# Шарҳи муфассал

Таҳқиқоти мазкур дар чаҳорчӯбаи TEACH Secondary, ки як воситаи ройгони мушоҳидаи синфхона ба шумор меравад ва имкони дарк кардани яке аз ҷанбаҳои камтар омӯхташуда, вале хеле муҳими таҳсили хонандагонро таъмин мекунад: он чӣ ки дар дохили синфхона рух медиҳад. Таваҷҷуҳи он ба 3 ҷанбаи муҳими рафтори омӯзгор равона шудааст: фарҳанги идоракунии синфхона, дастурдиҳӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ – эмотсионалӣ. Ҳар яке аз ин 3 самти таҷриба ба 9 унсур ва 32 намунаи рафтор тақсим карда мешавад.

Таҳқиқот сифати таҷрибаи омӯзгоронро дар 65 муассисаи таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 65 муассисаи таҳсилоти умумии назоратии Тоҷикистон (91% деҳот ва 9% шаҳр) арзёбӣ намуд. Мушоҳидаҳо дар байни 426 нафар омӯзгор (44% занон ва 56% мардҳо), ки аз фанҳои гуногун хонандагони синфҳои 7 – 11 – ро таълим медоданд, гузаронида шуданд. Нобаробарии гендерии мушоҳидашуда дар байни омӯзгорон аз ихтисоси фаннӣ вобаста аст. Омӯзгорони ҷинси мард асосан аз фанҳои дақиқ (математика, физика, химия) ва занҳо бештар аз фанҳои гуманитарӣ (адабиёт, забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) меомӯзонданд. Азбаски аксари дарсҳои мушоҳидашуда ба фанҳои дақиқ рост меомаданд, шумораи бештари мардон дар ин мушоҳидаҳо иштирок доштанд. Дарсҳо ба таври тасодуфӣ бо истифода аз методологияи TEACH, дар асоси рӯйхатҳои пешниҳоднамудаи директори муассисаи таълимӣ интихоб гардиданд.

Хулосаҳои умумӣ нишон доданд, ки 80% – и омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон дар самти Фарҳанги идоракунии синфхонаҳо аз 3 хол болотар гирифтанд. Бо вуҷуди ин, дар малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ самаранокии хеле кам нишон доданд, ки дар байни онҳо танҳо 13% холи аз 3 боло соҳиб гаштанд. Ин натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки гарчанде омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон дар идоракунии синфҳо ва расонидани маводи таълимӣ муваффақ мебошанд, вале рушди малакаҳои малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ дар байни хонандагон як самти муҳим барои такмил ба ҳисоб меравад, ки рушди мақсадноки касбӣ ва дастгириро тақозо мекунад.

Таҳлилҳо фарқиятҳои назаррасро байни 65 муассисаи таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 65 муассисаи таҳсилоти умумии назоратӣ муайян намуд. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ каме бештар аз 10% омӯзгорон дар самти малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ шудаанд (аз 2 хол камтар). Баръакс, тақрибан 30% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ дар самти мазкур мушкилӣ доранд. Ҳам муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва ҳам назоратӣ (мутаносибан 83% ва 77%) дар самти «Фарҳанги идоракунии синфхона» қобилиятҳои қавӣ дошта, аз 3 хол баландтар гирифтанд. Бо вуҷуди ин, дар самти малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ танҳо 14% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 12% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ аз 3 хол зиёдтар ба даст оварда, заифиро нишон доданд.

**Вобаста ба «Вақт барои иҷрои супориш»:** Омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар қисми зиёди дарс фаъолиятҳои омӯзиширо пайваста таъмин менамуданд (мутаносибан 97% ва 96% вақт). Ҳангоми пешниҳод гардидани фаъолиятҳо, дар 46% (муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ) ва 42% (муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ) ҳамаи хонандагон ба иҷрои супориш машғул буданд. Ҳамзамон, дар 76% муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 75% муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ назоратӣ иштирокчиёни фаъол мушоҳида гардиданд.

**Фарҳанги идоракунии синфхона**: Дар маҷмӯъ, омӯзгорони ҳарду гурӯҳи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти «Фарҳанги идоракунии синфхона» сатҳи миёнаи самаранокиро нишон доданд, ки ба ҳисоби миёна 3.3 аз 5 холро ташкил медиҳад. Онҳо бо хонандагон муомилаи эҳтиромона доранд (46% пайваста, зиёда аз 50% то андозае эҳтиромона) ва муоширати мусбиро истифода мебаранд (100% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 98% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ баъзан ё пайваста муоширати дурурстро ба роҳ мондаанд). Бо вуҷуди ин, танҳо 31% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 25% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ба эҳтиёҷоти хонандагон ба таври муассир посух медиҳанд ва омӯзгорони ҳар ду гурӯҳ ба стереотипҳои ҷинсӣ ва маъюбӣ муқобилият нишон медиҳанд. Сарфи назар аз он, ки 95% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 93% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ба хонандагон новобаста аз ҷинс ва маъюбият муносибати баробар доштанд.

**Интизориҳои рафтори мусбӣ**: Аз рӯи интизориҳои рафтори мусбӣ ҳар ду гурӯҳи омӯзгорон аз 5 хол 3,2 холро ба даст оварданд. Тақрибан 40% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ интизориҳои рафтори аниқ, дар ҳоле ки 60% танҳо интизориҳои рӯякиро муқаррар мекунанд. Қисми зиёди омӯзгорон (46% омӯзгорони муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва 52% омӯзгорони муассисаҳои таълимии назоратӣ) рафтори мусбии хонандагонро ба эътибор намегиранд. Баръакс, 48% омӯзгорони мактабҳои лоиҳавӣ ва 41% омӯзгорони мактабҳои назоратӣ рафтори мусбии хонандагонро каме эътироф мекунанд. Ниҳоят, 50% омӯзгорони ҳар ду гурӯҳ дар ислоҳи рафтори ношоиста то андозае муассиранд, 40 % омӯзгорон ё дар ислоҳи рафтори номуносиб самаранок амал мекунанд, ё дар синфхонаашон хонандагони боинтизом таҳсил мекунанд.

**Муҳити дастгирикунандаи таълим**: Дар ҳоле ки ҳар ду гурӯҳи омӯзгорон дар таъмини муҳити дастгирикунандаи таълим ва муқаррар кардани интизориҳои рафтори мусбӣ аз холи миёнаи умумӣ холи каме болотар гирифтаанд, онҳо дар соҳаи «Дастурдиҳӣ», ба монанди гузаронидани дарс, санҷиши фаҳмиш ва пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои ҷавобӣ аз холи миёнаи умумӣ холи пасттар гирифтанд. Ғайр аз он, онҳо дар тарғиби мустақилияти хонандагон, тарбияи матонат ва рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва муштарак натиҷаҳои паст нишон доданд. Таҳлил дар сатҳи синфҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ вобаста ба таъмини муҳити дастгирикунандаи таълим фарқияти ҷиддие нишон намедиҳад, ҳарчанд омӯзгорони синфи 7 дар муқаррар кардани интизориҳои рафтори мусбат каме бартарӣ доранд (3.5 хол). Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ омӯзгорони синфи 8 нисбат ба синфҳои дигар фаъолияташон беҳтар аст (3,6 хол барои омӯзиши дастгирикунанда, 3,5 хол барои интизориҳои рафтори мусбат). Омӯзгорони синфи 10 дар ин самт нишондиҳандаҳои пасттаринро нишон доданд (мутаносибан 3,2 хол ва 2,9 хол).

**Дастурдиҳӣ:** Дар самти «Дастурдиҳӣ» бошад, омӯзгорони ҳар ду навъи мактабҳо самаранокии миёнаро нишон доданд ва ба ҳисоби миёна аз 5 хол 3,0 холро ба даст оварданд. Онҳо дар самти гузаронидани дарс ва санҷиши фаҳмиши хонандагон нишондиҳандаҳои нисбатан қавӣ доштанд, вале дар пешниҳоди фикру баррасии мушаххас ва рушди малакаҳои робитаи мутақобила натиҷаҳои нисбатан мусбат нишон доданд.

**Гузаронидани дарс:** Қобили зикр аст, ки 49% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 46% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ҳадафҳои дарсро равшан баён менамоянд. Аксарияти омӯзгорон (67% дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва 63% дар муассисаҳои таълимии назоратӣ) ду шакли баёни мавзуро истифода мебаранд.

Тақрибан чаҳоряки онҳо (мутаносибан 24% ва 25%) аз се ё зиёда шакли баёни мавзуро истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, қисми омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ (мутаносибан 50% ва 49%) алоқамандии мавзуи дарсро бо мавзуи гузашта бо ҳаёти хонандагон ё масъалаҳои воқеии зиндагӣ ноаён ё номафҳмо баён намуданд. Илова бар ин, зиёда аз се як ҳиссаи (36%) ҳар ду гурӯҳ чунин робитаро барпо накарданд. Зиёда аз 54 % омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 45 фоизи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ фаъолияти таълимиро то ҳадде бо усули моделӣ амалӣ менамоянд, дар ҳоле ки танҳо 17% омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ ва 16% омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ онро пурра пешниҳод мекунанд.

**Санҷиши фаҳмиш**: Зиёда аз 60% омӯзгорон (66% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 63% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ) барои арзёбии дониши танҳо қисми муайяни хонандагон, на барои ҳамаи хонандагон аз саволҳо истифода мебаранд. Тақрибан 40% омӯзгорон (42% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 38% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ) фаҳмиши қисме аз хонандагонро ҳангоми кори гурӯҳӣ ё кори мустақилона назорат мекунанд. Қисми зиёди омӯзгорон (69% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 63% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ) ба дарс каме дигаргунӣ ворид мекунанд ва ин дигаргунӣ одатан кӯтоҳмуддат ва рӯякӣ мебошанд.

**Робитаи мутақобила**: Дар ин самт иштироккунандагон натиҷаҳои пасттарро ба даст оварданд, ки холи имконпазир 3,0 хол аз 5 аст. Аксарияти зиёди омӯзгорон (62% дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва 64% дар муассисаҳои таълимии назоратӣ) дар бораи нофаҳмиҳои хонандагон танҳо шарҳҳои умумӣ ё рӯякӣ медиҳанд. Ба ҳамин монанд, зиёда аз нисфи омӯзгорон (56% дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва 53% дар муассисаҳои таълимии назоратӣ) дар бораи муваффақиятҳои хонандагон танҳо шарҳҳои умумӣ ё рӯякӣ пешниҳод менамуданд.

**Тафаккури интиқодӣ**: Самти заифтарин буда, ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 2,7 хол аз 5 холи имконпазир ба даст оварда шуд. 49% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 43% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ду ё зиёда саволҳои кушода медиҳанд, вале аксарияти вақт ҷавобҳоро пайгирӣ намекунанд. Аксарияти омӯзгорони ҳар ду гурӯҳ (65% дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва 61% дар муассисаҳои таълимии назоратӣ) танҳо супоришҳои тафаккурии рӯякӣ медиҳанд. Ҳангоми пешниҳоди супоришҳои тафаккурӣ, аксарияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ (60%) ва муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ (55%) онҳоро иҷро мекунанд. Бо вуҷуди ин, аксарияти хонандагони ҳар ду гурӯҳ (55% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 61% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ) на андешаи худро шарҳ медиҳанд ва на саволҳои кушода медиҳанд.

**«Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ»:** Самаранокии омӯзгорро дар таҳкими мустақилият, матонат ва малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ таҳлил мекунад. Дар умум омӯзгорони ҳар ду гурӯҳи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ин самт самаранокии маҳдуд нишон дода, 2,3 хол аз 5 холи имконпазирро ба даст оварданд. Онҳо дар ташвиқу рушди малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ ноком буданд ва танҳо қисман дар инкишофи мустақилияти хонандагон ва матонати онҳо натиҷа нишон доданд.

**Мустақилият**: Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ба ҳисоби миёна 2,7 хол ва муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ 2,6 хол гирифтанд. Қариб нисфи омӯзгорони муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ (45%) ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии назоратӣ (48%)

ба хонандагон танҳо интихоби рӯякӣ пешниҳод карданд, ки ба ҳадафҳои таълим алоқаманд нестанд. Аксарияти омӯзгорон (70% дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва 65% дар муассисаҳои таълимии назоратӣ) ба хонандагон супоришҳои маҳдуд, пеш аз ҳама корҳои вобаста ба тозакунии синфхона ё иштироки муқаррарӣ пешниҳод карданд. Ғайр аз ин, дар 68% синфхонаҳои мактабҳои лоиҳавӣ ва 66% синфхонаҳои мактабҳои назоратӣ камтар аз се ду ҳиссаи хонандагон ба таври ихтиёрӣ дар дарс иштирок карданд.

**Матонат**: Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ба ҳисоби миёна 2,3 хол ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ 2,2 хол гирифтанд. Бо вуҷуди он ки 61% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 50% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ гоҳ-гоҳ кӯшишу заҳмати хонандагонро эътироф мекарданд, аксар вақт ин қадрдонӣ бештар ба зиракиву қобилияти зеҳнӣ нигаронида шуда буд, на ба кӯшиши мушаххаси дарсӣ. Аксарияти омӯзгорон (76% дар мактабҳои лоиҳавӣ ва 72% дар мактабҳои назоратӣ) нисбат ба мушкилоти хонандагон муносибати бетарафона дошта, натавонистанд нокомии хонандагонро ҳамчун як қисми раванди таълим ба таври возеҳ шарҳ диҳанд. Ҷолиби диққат аст, ки аксарияти омӯзгорон (66% дар мактабҳои лоиҳавӣ ва 68% дар мактабҳои назоратӣ) хонандагонро барои гузоштани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат ташвиқ накарданд.

**Малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ**: Ин самти заифтарин буд, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ба ҳисоби миёна 1,9 хол ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ 1,8 хол гирифтанд. Аксарияти омӯзгорон, 69% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 74% дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ҳамкории байни хонандагонро ташвиқ накарданд. Ба ҳамин монанд, аксари омӯзгорон 68% дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва 73% дар муассисаҳои таълимии назоратӣ малакаҳои байнишахсиро тарғиб накарданд. Танҳо 29% омӯзгорони мактабҳои лоиҳавӣ ва 25% омӯзгорони мактабҳои назоратӣ то андозае ин малакаҳоро шарҳ доданд, вале аҳамияти онҳоро барои хонандагон наомӯзонданд. Дар натиҷа, беш аз нисфи хонандагон (51% дар мактабҳои лоиҳавӣ ва 57% дар мактабҳои назоратӣ) дар давоми фаъолиятҳои гурӯҳӣ ҳамкорӣ накарданд ё рафтори манфӣ нишон доданд.

**Хулоса**, омӯзгорони Тоҷикистон ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ заминаи муайяни малакаҳои омӯзгориро доро мебошанд ва ниёз ба такмил ва рушди баъзе самтҳои муҳими педагогӣ доранд. Ҳарчанд омӯзгорон дар ташкили муҳити дастгирикунандаи синф ва пешниҳоди дарс бо унсурҳои санҷиши фаҳмиш ва робитаи мутақобила маҳоратҳои миёнаро нишон медиҳанд, мушкилоти асосии онҳо дар рушди малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалии хонандагон, ба монанди мустақилият, устуворӣ ва қобилияти ҳамкорӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала як самти калидии рушди мақсадноки касбӣ ва дастгирии омӯзгоронро нишон медиҳад, то таҷрибаи таълимии фарогир ва ҳамаҷониба барои хонандагони Тоҷикистон таъмин гардад.

Дар асоси натиҷаҳои мазкур Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои зеринро ҳамчун тадбирҳои амалӣ дар доираи татбиқи лоиҳаи «Муҳити таълим — асоси таҳсилоти босифат» (Project LEARN) амалӣ намояд. Ин тавсияҳо, ки дар асоси мушоҳидаҳои раванди таълим дар синфхона таҳия шудаанд, ба беҳтарсозии муҳити таълимӣ ва такмили усулҳои таълим дар зинаи таҳсилоти умумӣ равона гардидаанд. Дар натиҷа тавсияҳои зерин пешниҳод гардидаанд:

- **Афзалият додан ба малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ ва ҳамкорӣ**: Фароҳам овардани имкониятҳо дар самти омодагии касбии омӯзгорон, то онҳо тавонанд дар хонандагон мустақилият, матонат ва малакаҳои иҷтимоиву ҳамкориро рушд диҳанд.
- **Тарғиби мустақилият ва матонати хонандагон**: Ташвиқ намудани омӯзгорон ҷиҳати ҳавасмандгардонии рушди инкишофи ботинӣ ва матонати хонандагон.
- **Такмили тафаккури интиқодӣ**: Такмили қобилияти омӯзгорон дар ташвиқи тафаккури интиқодӣ тавассути додани саволҳои кушода ва ба роҳ мондани фаъолиятҳои сатҳи баланди зеҳнӣ, бахусус дар синфҳои 9 ва 10.
- **Тақвият додани робитаи мутақобила**: Ташаккул додани малакаҳои омӯзгорон дар пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои возеҳ, мушаххас ва амалӣ.
- **Бартараф кардани қолабҳо (стереотипҳо) ва таассубҳо**: Омӯзгоронро дар бартараф кардани қолабҳо (стереотипҳо) дар бораи ҷинсият ва маъюбият ҳангоми дарсҳо ташвиқ намоед, то эҳтиром ва адолат дар муҳити таълимӣ тақвият ёбад.

# 1. Маълумоти ибтидоӣ

## *Омӯзиши рӯйимизӣ*

Талабот ба таҳсилоти умумӣ дар кишварҳои сатҳи даромадашон паст ва миёна ба таври назаррас афзуда истодааст. Бо ташаббуси «Таҳсилот барои ҳама» ва ҷорӣ намудани таҳсилоти ибтидоии ройгон дар як қатор ҷабҳаҳо шумораи бештари хонандагон ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва хатми он дастрасӣ пайдо карданд. Ин боиси тақвияти таваҷҷӯҳ ба марҳилаи баъдии гузариш ва дастгирии хонандагон барои идомаи таҳсили хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гардидааст (Foundation Mastercard, соли 2020; Null et al., соли 2017). Идома ёфтани таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, инчунин бо ҷорӣ гардидани таҳсилоти умумии ройгон дар бисёр кишварҳои сатҳи даромадашон паст ва миёна осон гардонида мешавад. (Evans & Acosta, соли 2021). Он ҳамчунин пешрафти назаррасеро, ки дар тӯли ду даҳсолаи охир дар таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти умумӣ ба даст омадааст, тасдиқ мекунад, ки омори охирин коҳиши якбораи шумораи хонандагони аз таҳсил дурмондаро дар саросари ҷаҳон нишон медиҳад (ЮНИСЕФ, соли 2021).

Таваҷҷӯҳ вобаста ба зиёд кардани шумораи хонандагон, таъмини таҳсилоти умумии босифат ва мутобиқ ба талаботи замон, ки хонандагонро на танҳо барои таҳсил, балки ҷиҳати омӯзиши шуғл ва иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ омода месозад, ба афзалияти асосии низомҳои маорифи кишварҳои сатҳи даромадашон паст ва миёна табдил ёфтааст. (Hatch, соли 2015). Ин таваҷҷӯҳи бештар дар посух ҳам ба талаботи рӯзафзун ба таҳсилоти умумӣ ва ҳам мушкилоте, ки ба сифати таълим дар ин замина таъсир мерасонанд. Масалан, бо сабаби зиёд шудани талабот ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дастрас набудани таълими босифат барои бисёриҳо, як қатор омӯзгорони ғайритахассус ва камтаҷриба вуҷуд доранд (Бонки Умумиҷаҳонӣ, соли 2018). Андозаи калони синфхонаҳо ва норасоии захираҳо метавонанд ба омӯзгорон фишори иловагӣ расонанд. Илова бар ин, равандҳои ислоҳоти барномаҳои таълимӣ талаботи наверо ба миён меоранд, ки аксаран бе фароҳамсозии имкониятҳои кофӣ барои рушди касбии омӯзгорон амалӣ мешаванд. Дар натиҷа, омӯзгорон маҷбур мешаванд малакаҳо ва усулҳоеро ба кор баранд, ки барои татбиқи онҳо ба таври кофӣ омода нестанд. (Mastercard Foundation, соли 2020; Ochoa et al.,

соли 2018).

Вазъро боз ҳам мураккабтар мегардонад он, ки бисёре аз хонандагон ҳангоми ворид шудан ба зинаи таҳсилоти умумӣ сатҳи пасти саводи хондану навиштан ва ҳисоббарорӣ доранд, ки ин метавонад ба раванди омӯзиш ва иштироки фаъолонаи онҳо дар дарсҳо таъсири манфӣ расонад, зеро барномаҳои таълимӣ ва мазмуни онҳо мураккабтар мешаванд (Бонки Умумиҷаҳонӣ, соли 2018). Масалан, далелҳо нишон додаанд, ки 61% наврасони синни таҳсилоти умумӣ дар саросари ҷаҳон ба сатҳи ҳадди ақали маҳорати хониш ҷавобгӯ нестанд, ки ин тамоюл дар кишварҳои сатҳи даромадашон паст ва миёна (масалан, 89% дар минтақаи Африқои қисми ҷануби Сахара) нигаронии боз ҳам зиёдро ба вуҷуд меорад (ЮНЕСКО, соли 2017). Вобаста ба ин, маълумотҳо нишон медиҳанд, ки эҳтимолияти тарки мактаб аз ҳисоби бештар гардидани синну соли хонандагон зиёд шуда истодааст. Масалан, як таҳқиқот, ки хавфи тарки таҳсилро дар 44 кишвари рӯ ба тараққӣ таҳлил намудааст, нишон медиҳад, ки гарчанде дар синни наврасӣ (масалан, 2.6% барои ҳам писарон ва ҳам духтарон дар синни 10-солагӣ) эҳтимоли тарки таҳсил хеле кам аст, ин нишондиҳанда дар синну соли 14 то 19 ба ба ҳисоби миёна 39% дар миёни писарон ва 50.2% дар миёни духтарон ба таври назаррас афзоиш меёбад. Ин таҳқиқотҳо ба таъсири таркнамоии мактаб ба наврасон ва инчунин хатарҳои бузурге, ки духтарон ба он рӯ ба рӯ мешаванд, бахусус духтарони деҳот ва аз ҷиҳати иқтисодӣ камбизоат, нишон медиҳанд (Wils et al., соли 2019).

Дар тамоми заминаҳо, омилҳои марбут ба омӯзгорон ва хонандагон зарурати тамаркузи бештар ба ҳар ду ҷанбаи сифати таҳсилот дар зинаи таҳсилоти умумӣ, яъне сифати сохторӣ ва раванди сифат таъкид менамоянд. Сифати сохторӣ ба унсурҳои муҳити синф равона шудааст, ки таълими самаранокро таъмин мекунанд, дар ҳоле ки раванди сифати ба сатҳ ва мазмуни таълим, яъне ба сифати онҷӣ ки мустақиман дар синф дар ҷараёни дарс сурат мегирад, дахл дорад. Омӯзиши босифат омили асосии муваффақияти хонандагон дар зинаи таҳсилоти умумӣ маҳсуб меёбад. Ин на танҳо шумораи кофии омӯзгоронро талаб мекунад, балки инчунин зарур аст, ки омӯзгорон ба малака ва захираҳои зарурӣ барои таълим ва дастгирии ҳамаҷонибаи хонандагон дар муҳитҳои омӯзишии ҳар чӣ бештар гуногунмуҳтаво муҷаҳҳаз бошанд. Таҳқиқотҳо, аз ҷумла бо ҷалби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нишон доданд, ки фарқият байни таъсири омӯзгори пуртаҷриба ва камтаҷриба ба натиҷаҳои санҷишҳои хонандагон ба як-ду соли таҳсил баробар аст (Bau & Das, соли 2017; Evans & Yuan, соли 2018; Hanushek & Rivkin, соли 2010). Илова бар ин, маълумотҳои таҳқиқотӣ нишон медиҳанд, ки чанд соли пайдарпайи таълими босифат метавонад камбудиҳои таълимии хонандагони гурӯҳҳои канормондаро рӯйпӯш намояд. (Hanushek & Rivkin, соли 2010; Nye et al, соли 2004) ва натиҷаҳои дарозмуддати таҳсили хонандагонро ба таври назаррас беҳтар мегардонад (Chetty et al., соли 2014).

Дар маънои васеътар, манфиатҳое, ки метавон аз беҳбуди таҳсилоти умумӣ ба даст овард, низ хеле назаррас мебошанд. (нигаред ба баррасии Null et al., соли 2017). Масалан, дар таҳқиқоте, ки маълумотро аз чанд кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар бар мегирад, иқтисоддонҳо чунин мешуморанд, ки ҳар як соли таҳсил дар мактаб 5-12% фоида меорад (Barro & Lee, соли 2010). Илова бар ин, афзоиши малакаҳои маърифатӣ (когнитивӣ) дар чунин шароитҳо боиси баланд шудани музди меҳнат ва рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) мегардад. (Hanushek & Woessmann, соли 2008). Бо дарназардошти ин ҳамбастагӣ, таваҷҷӯҳи бештар ба баланд бардоштани сатҳи сифат таҳсилот дар зинаи таҳсилоти умумӣ метавонад на танҳо ба беҳтар шудани натиҷаҳои ҷавонон, балки ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишварҳои сатҳи даромаднокиашон паст ва миёна мусоидат намояд. (Null et al., соли 2017).

Дар робита ба афзуншавии эҳтиёҷот ҷиҳати беҳтар намудани сифати таҳсилоти умумӣ дар кишварҳои сатҳи даромаднокиашон паст ва миёна Бонки Умумиҷаҳонӣ барномаи TEACH Secondary-ро таҳия намудааст, бо мақсади муайян намудани эҳтиёҷоти рушди касбии омӯзгорони таҳсилоти умумӣ ва баланд бардоштани таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар саросари ҷаҳон. Таҳияи воситаи TEACH Secondary, инчунин ба муваффақияти TEACH Primary ва TEACH ECE мусоидат намуд, ки боиси афзоиши талаботи истифодабарандагон, аз ҷумла ҳукумат, марказҳои таҳлилӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ ба тафсили воситае, ки дар синфхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ истифода мешавад, оварда расонд.

Як қисми воситаи TEACH Secondary ин пешниҳод кардани чаҳорчӯба барои муайянкунӣ ва ченкунии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишварҳои саиҳи даромаднокиашон паст ва миёна мебошад. Илова бар ин, он ба низом даровардани маълумоти далелӣ оид ба методҳои самараноки таълими зинаи таҳсилоти умумӣ мусоидат намуда, то ба қадри имкон аз намунаҳои таҳқиқотии кишварҳои сатҳи даромаднокиашон паст ва миёна истифода мебарад ва доираи умумиро фароҳам меорад, то миёни ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз сатҳи миллӣ то синфхона барои муайянкунӣ ва муҳокимаи методҳои сифатии ба далелҳо асосёфтаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба вуҷуд оварад. Ҳисоботи мазкур хусусияти бисёре аз чунин методҳои таълими босифатро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон тавассути воситаи TEACH Secondary: омӯзиш карда шудааст, шарҳ медиҳад.

***<u>Фарқиятҳо вобаста ба ченакҳои арзёбӣ</u>***

Воситаи TEACH Secondary бо мақсади мушоҳидаи синфхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия шудааст ва ворид намудани тағйиротро дар тавсифҳо ва намунаҳои тамоми восита тақозо менамояд, то он барои чунин муҳитҳо мувофиқтар гардад. Воситаи TEACH Secondary чор самти асосии TEACH Primary-ро нигоҳ медорад, вале ду самти онро — «Вақт барои омӯзиш» ва «Дастурдиҳӣ» васеъ мекунад, то мувофиқати бештар ва татбиқи беҳтарро барои синфхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин намояд.

Масалан, тағйироте, ки дар воситаи *TEACH Secondary* ворид карда шудааст, талаботи бештари маърифатиро инъикос мекунад, ки таҳсилоти умумӣ метавонад ба миён орад, чуноне ки тавассути унсури васеъкардашудаи тафаккури интиқодӣ дидан мумкин аст ва акнун рафтори наверо дар бар мегирад, ки аҳамияти ба хонандагон фароҳам овардани имкониятҳоро барои шарҳ додани фикри онҳо дар раванди дарсҳо таҷассум мекунад.

Фаъолтар шудани нақши хонандагон дар синфхонаҳои зинаи таҳсилоти умумӣ низ тавассути тағйиротҳое, ки дар воситаи мазкур ворид шудаанд, инъикос ёфтааст. Масалан, соҳаи «Вақт барои омӯзиш» васеъ карда шуд ва акнун рафтори наверо дар бар мегирад, ки ба иштироки фаъолонаи хонандагон дар синф нигаронида шудааст. Он дар ҷараёни баррасии васеъи далелҳо ҳамчун таҷрибаи муҳим ва самаранок дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъкид шудааст. Рафторҳои мавҷуда (масалан, 1.2, 6.1 ва 6.3) боз ҳам тағйир дода шуданд, то мустақилияти бештар ва масъулияти хонандагон дар зинаи таҳсилоти умумӣ беҳтар инъикос ёбанд.

Илова бар ин, TEACH Secondary дар муқоиса бо TEACH Primary маводҳои бештарро аз фанҳои гуногун дар бар мегирад, омӯзиши илмҳои табиӣ, аз ҷумла биология, химия ва физика, инчунин математика, забон ва ададбиёт ишора мекунанд. Соҳаҳои мавҷудаи омӯзиш низ васеъ карда шудаанд, то мавзӯъҳои мукаммалтари барномаи таълимӣ (масалан,

омор ва алгебра дар доираи математика) дар бар гирифта шаванд. Ин тағйирот дар мисолҳои рафтор, инчунин тавассути васеъ кардани ҷадвали тафаккури интиқодӣ инъикос карда мешаванд.

Дар раванди мутобиқсозӣ ба муҳитҳои гуногуни таълимие, ки TEACH Secondary метавонад дар онҳо татбиқ гардад, низ ба таври иловагӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда шуд. Азбаски мушоҳидакунандагон мумкин аст мӯҳтавои омӯзиши ба омӯзгор, хонанда ё ба ҳамсол нигаронидашуда дар муҳити анъанавии синф ё дар шароити махсусгардонидашуда, ба монанди лабораторияҳои таълимӣ дар мактабҳо мушоҳида кунанд, вобаста ба ворид намудани мисолҳо кӯшиш карда шуданд, ки як қатор мӯҳтавои таълимро бо мақсади таъмини мутобиқат ва татбиқнамоӣ инъикос мекунанд.

## *Чаҳорчӯбаи сиёсат*

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМРМ 2030) ҳамчун санади асосии роҳнамо амал мекунад. Ҳадафи дарозмуддати он аз таъсиси низоми муассири маориф, ки имкониятҳои фарогир ва баробарро барои ҳама фароҳам меорад, рушди зеҳнӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва саҳмгузорӣ ба некӯаҳволии умумии аҳолӣ иборат мебошад. Ҳадафҳои асосии ин стратегия иборатанд аз:

- **Баланд бардоштани сифат ва аҳамияти таълим дар ҳамаи зинаҳо**: Ин мавзӯи марказӣ буда, ислоҳоти барномаи таълимӣ, баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимро дар бар мегирад.
- **Таъмини дастрасии баробар ва иштирок дар соҳаи маориф ва илм**: Кӯшишҳо барои фарогирии гурӯҳҳои дар канормонда ва таъмини дастрасии васеъ ба имкониятҳои омӯзишӣ дар тӯли ҳаёт нигаронида шудаанд.
- **Тақвияти идоракунии самараноки бахши маориф**: Ин баланд бардоштани иқтидор дар сатҳҳои миллӣ ва зермиллиро барои таъмини самаранокии идоракунӣ ва роҳбарии муассисаҳои таълимӣ дар бар мегирад.

Илова ба СМРМ 2030 Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нигаронида шудааст, ки ҳадафи он таҳкими муҳити таълиму омӯзиш ва беҳтарнамоии натиҷаҳои таълим мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (соли 2013, бо тағйиру иловаҳо) асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Дар солҳои охир Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ба табдилдиҳии рақамӣ дар соҳаи маориф таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст, тавре ки дар Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 зикр шудааст. Ин дар худ беҳтарсозии саводнокии рақамии омӯзгорон, рушди захираҳои таълимӣ тариқи маҷозӣ (онлайн) ва баланд бардоштани дастрасӣ ба Интернетро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки сатҳи дастрасӣ ба Интернет айни замон мушкилии ҷиддӣ боқӣ мемонад, чунон ки дар ҳисобот қайд шудааст (танҳо 16% муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар солҳои 2022 – 2023 ба Интернет дастрасӣ доштанд).

Шарикони байналмилалӣ, ба монанди Бонки Умумиҷаҳонӣ ва ЮНИСЕФ, ВМИ-ро дар ноил шудан ба ин ҳадафҳои сиёсӣ фаъолона дастгирӣ мекунанд. Ҷалби онҳо аксарияти вақт тавассути маблағгузорӣ ба муосиргардонии инфрасохтор, таҳияи низомҳои арзёбӣ, беҳтар

кардани дастрасӣ ба гурӯҳҳои осебпазир, пешбурди сиёсат ва банақшагирии бар далелҳо асосёфта инъикос мегардад.

Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқоти TEACH дар Тоҷикистон, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи педагогиро дар байни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нишон медиҳад, фаҳмишҳои муҳимро дар сатҳи синф пешниҳод мекунанд, ки ба афзалиятҳои стратегии ВМИ бевосита алоқаманд мебошанд. Соҳаҳои муайяншуда барои такмил, ба монанди малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ, тафаккури интиқодӣ ва робитаи мутақобила, бевосита бо ҳадафҳои фаромиллӣ вобаста ба баланд бардоштани сифати таълим ва омода кардани хонандагон баҳри ноил гардидан ба муваффақиятҳои оянда ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ мувофиқат мекунанд. Ҳамин тавр, тавсияҳое, ки аз таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, метавонанд бевосита ба татбиқи лоиҳаи LEARN ва дигар ташаббусҳои миллӣ дар соҳаи маориф, ки ба таҳкими муҳити муассир ва баробари таълим дар Тоҷикистон нигаронида шудаанд, тақвият бахшанд.

## *Маълумот дар бораи лоиҳа*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» (Лоиҳаи LEARN) барои солҳои 2023–2029 аз Бонки Умумиҷаҳонӣ маблағи грантиро ба миқдори 50,0 миллион доллари ИМА дарёфт намудааст. Лоиҳа аз ҷониби аз ҷониби Гурӯҳи идоракунии лоиҳа дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ) дар ҳамбастагии зич бо Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АНДСМИ) амалӣ карда мешавад.

Ҳадафи Лоиҳа баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии интихобшуда мебошад. Дар ин замина, «муҳити таълиму омӯзиш» ба муҳити ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва педагогие такя мекунад, ки таълим дар он сурат мегирад. Ин муҳит дар асоси малакаҳо ва салоҳиятҳои омӯзгорон, инчунин муҳити ҷисмонии омӯзиш, ки барои фаъолиятҳои таълимӣ дастрас мебошанд, ташаккул меёбад. Он на танҳо синфхонаҳо, балки муҳити васеътари муассисаи таълимиро дар бар мегирад, ки дар он хонандагон таҳсил менамоянд ва омӯзгорон дарс медиҳанд. Беҳтар намудани ин муҳит барои баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷаҳои таҳсили хонандагон ниҳоят муҳим мебошад.

Лоиҳа аз қисматҳои зерин иборат аст:

- **Қисмати 1. Таҳияи Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳити таълим ҷиҳати беҳтар намудани таҷрибаи таълим ва омӯзиш.**
  - Гузаронидани бознигарии стандартҳо ва таҷрибаҳои мавҷудаи таълим;
  - Таҳия ва татбиқи Чаҳорчӯбаи нави миллӣ дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ;
  - Такмили равандҳои мониторинг ва арзёбии муҳити таълим;
  - Беҳтар намудани сатҳи тахассуснокии омӯзгорон бе халалдор намудани фаъолияти кории онҳо.
- **Қисмати 2. Баланд бардоштани сифат ва устувории муҳити таълим ва омӯзиш.**
  - Барқарорсозии базаи моддии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
  - Таъмини риояи стандартҳои ҳадди ақали таълим;
  - Коҳиш додани шумораи бастҳои таълимӣ;

- Муосиргардонии раванди таълимӣ дар ҳамкорӣ бо донорҳо;

**Қисмати 3. Афзун намудани иқтидор дар соҳаи баҳодиҳии таҳсил ва идоракунии Лоиҳа**

- Рушди иқтидор барои гузаронидани арзёбии миллии омӯзиш;
- Татбиқи стандартҳои байналмилалии арзёбӣ;
- Тақвияти иқтидори идоракунии ВМИ.

Таҳқиқоти TEACH: Мушоҳидаи чараёни таълим дар синфхонаҳо дар Тоҷикистон дар доираи **Қисмати 1. Таҳияи Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳити таълим ҷиҳати беҳтар намудани таҷрибаи таълим ва омӯзиш** амалӣ карда шуд.

Таълими босифат ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини таъсиррасон ба натиҷаҳои омӯзиши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ эътироф шудааст. Бо вуҷуди ин, дар бисёре аз кишварҳои сатҳи даромаднокиашон паст ва миёна низомҳои маориф аксарияти вақт воситаҳои самаранокро барои арзёбии воқеии дар синфхонаҳо ба амал омадаро надоранд. Методҳои анъанавӣ, ба монанди баррасии тахассус, натиҷаҳои санҷиш ё нақшаҳои дарсӣ наметавонанд таҷрибаи ҳаррӯзаи таълимӣ ва ҳамкории омӯзгор ва хонандагонро, ки сифати таълимро муайян мекунанд, инъикос кунанд.

Барои бартараф намудани ин камбудӣ Бонки Умумиҷаҳонӣ воситаи TEACH (Таълими самараноки ҳамаи кӯдакон) мушоҳидаи чараёни таълимро таҳия кардааст. Воситаи TEACH як воситаи стандартӣ, камхарҷ ва мидёспазир аст, ки махсусан барои арзёбии таҷрибаи омӯзгорон дар синфхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна дар кишварҳои сатҳи даромаднокиашон паст ва миёна таҳия шудааст. Он ба ҳукуматҳо, ҷонибҳои манфиатдори соҳаи маориф ва шарикони рушд имкон медиҳад, маълумоти объективӣ ва муқоисашавандаро вобаста ба таҷрибаҳо таълимӣ, ки ба омӯзиши хонандагон, рушди иҷтимоӣ-эмотсионалӣ ва ҷалби онҳо сахт алоқаманданд, ҷамъоварӣ кунанд.

Дар заминаи талошҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтарсозии сифати таълим ва дастгирии қабули қарорҳои бар далелҳо асосёфта дар соҳаи маориф, воситаи TEACH барои гузаронидани таҳқиқоти васеи мушоҳидаи синфхона интихоб гардид. Ҳадаф аз ҷамъоварии маълумоти дақиқ ва таҷриба дар бораи он, ки фаъолияти омӯзгорон дар синфхонаҳо дар саросари кишвар чӣ гунаанд ва таҷрибаҳои онҳо дар навъҳои мактабҳо, минтақаҳо ва вобаста ба синфҳо чӣ гуна фарқ мекунанд, иборат мебошад. Ин таҳқиқҳо барои муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ, омӯзиши мушкилот ва таҳияи тадбирҳои мақсаднок, ба монанди барномаҳои рушди касбӣ, тренингҳои таълимӣ ё ислоҳоти сиёсӣ муҳиманд.

# 2. Методологияи таҳқиқот

## *Ҳадафи таҳқиқот*

Ҳадафи таҳқиқоти мазкур ***арзёбии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** ба ҳисоб меравад.

Аз ҷумла, таҳқиқот ҳадафҳои зерин нигаронида шудааст:

- ✓ *арзёбии ҳолати ҷории сифати таҷрибаҳои педагогӣ, ки ба рушди малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ ва маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд;*
- ✓ *муайян кардани вақти сарфнамудаи омӯзгорон ба таълим ва дараҷаи машғул будани хонандагон ба иҷрои супоришҳо;*
- ✓ *пешниҳоди стратегияҳо ва механизмҳои самаранок барои татбиқи тағйирот дар муассисаҳои таълимӣ, бо такя ба натиҷаҳои таҳлили маълумоти бадастомада дар доираи таҳқиқот;*
- ✓ *ба ВМИ пешниҳоди хулоса ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои банақшагирии ислоҳот ва такмили раванди таълим.*

## *Вазифаҳои таҳқиқот*

Вазифаи асосии Мушовир аз гузаронидани мушоҳидаи ҷараёни таълим дар синфхонаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ бо истифода аз воситаи TEACH, ки ба шароити кишвар мутобиқ карда шудааст, иборат аст. Дар доираи таҳқиқот Мушовир вазифадор буд, ки марҳилаҳо ва вазифаҳои зеринро ба таври амалӣ иҷро намояд:

1. **Марҳилаи омодашавӣ**
   - Баррасии методологияи TEACH ва мутобиқнамоии он ба шароити Тоҷикистон.
   - Тарҷума кардани методологияи TEACH, инчунин унсурҳо ва дастурҳо ба забони тоҷикӣ.
   - Методологияро бо ВМИ ва мушовири байналмилалӣ баргузор намуда, онро ба ВМИ ва раёсатҳои он муаррифӣ намоед.
2. **Ҷамъоварии маълумот**
   - Ташкил ва гузаронидани омӯзиш бо мушоҳидакунандагон;
   - Ҷамъоварии маълумот вобаста ба раванди таълим ва робитаи байни омӯзгорон ва хонандагон;
   - Мониторинг ва назорати сифат.
3. **Коркард ва таҳлили маълумот**
   - Таъмини ҷамъоварии маълумоти муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар як махзани маълумот;
   - Гузаронидани санҷиши хатогиҳои маълумот ва тозакунии махзани маълумот;

- Омода ва пешниҳоди махзани маълумот дар шакли Microsoft Excel ва\ё STATA ва дигар шаклҳои дархостшуда;
- Гузаронидани таҳлили омории маълумот барои муайян кардани тамоюлҳо ва намунаҳои асосии муҳити таълим дар ҳамкорӣ бо мушовирони байналмилалӣ.

4. **Таҳияи ҳисобот ва рӯнамо (презентатсия)**
   - Омода намудани ҳисоботи муфассал дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот бо тавсияҳо вобаста ба беҳтар намудани сифати муҳити таълим дар ҳамкорӣ бо мушовирони байналмилалӣ;
   - Ташкил намудани рӯнамои (презентатсия) натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳо ба ВМИ ва ҷонибҳои калидии манфиатдор дар сатҳи миллӣ ҷиҳати татбиқи минбаъдаи такмилдиҳии раванди таълим.

## *Механизми таҳқиқот*

TEACH воситаи мушоҳидаи синфхона мебошад, ки аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ таҳия шудааст. Ҳадафи он ҷамъоварӣ ва таҳлили системавии маълумот оид ба сифати таълим ва муоширати байни омӯзгорон ва хонандагон дар синфхона мебошад. Ин восита ҷанбаҳоро ба монанди самаранокии таълим, истифодаи стратегияҳои педагогӣ, сифати робитаи мутақобила ва дастгирӣ раванди таълимро арзёбӣ мекунад (*нигаред ба Расми 1*).

***Расми 1: Соҳаҳои фарогирифтаи воситаи Teach***




Истифодабарии воситаи TEACH дар ин таҳқиқот равона шудааст ба:

- ба даст овардани **хулосаҳо дар асоси далелҳо** вобаста ба сифати таълими омӯзгорон;

- ошкор кардани **моделҳои мушаххаси рафтор** дар таълим, ки ба омӯзиши хонандагон мусоидат ё монеа эҷод мекунанд;
- мусоидат намудан ба тарҳрезии **барномаҳои рушди касбии ҳадафманд**;
- пешниҳоди **маълумоти ибтидоӣ ва муқоисавӣ** барои арзёбии барномаҳо дар соҳаи маорифи Тоҷикистон.

### Чаҳорчӯбаи консептуалии TEACH

Тавре ки дар расми 1 дар боло нишон дода шудааст, воситаи *TEACH Secondary* методикаи таълимро дар се самти ба ҳам алоқаманд арзёбӣ мекунад:

#### *Самти 1: Фарҳанги синфхона*

- Таъсиси муҳити мусоид ва мураттаб барои омӯзиш.
- Нишондиҳандаҳо: дастгирии эмотсионалӣ, идоракунии рафтор, истифодаи самараноки вақт.

#### *Самти 2: Дастурдиҳӣ*

- Талаботи маърифатӣ ва возеҳи омӯзиш.
- Нишондиҳандаҳо: санҷиши фаҳмиш, мувофиқати муҳтаво, усулҳои пурсиш, робитаи мутақобила

#### *Самти 3: Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ*

- Методҳои таълим, ки ба ҳавасмандӣ, қобилияти худидоракнӣ, кори гурӯҳӣ ва шинохти эҳсосиву иҷтимоии хонандагон мусоидат менамояд.
- Нишондиҳандаҳо: Ҳавасмандгардонии матонат, дастгирии мустақилият, муносибатҳои мусбати ҳамсолон.
- Ҳар як сегмент ба унсурҳо ва зерунсурҳо тақсим карда мешавад, ки дар асоси ҷадвали сохторшуда арзёбӣ карда мешавад.

## *Таҳияи намунагирӣ*

### <u>Чаҳорчӯба ва андозаи намунагирӣ</u>

Дастаи лоиҳа рӯйхати пурраи муассисаҳои таҳсилоти умумиро дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҳадафӣ таъмин намуд, ки ҳамчун асос барои интихобномаи ин пурсиш хизмат кард. Ба ин рӯйхат 2837 муассисаи таҳсилоти умумӣ дохил шуданд, ки дар онҳо 1 527 127 хонанда таҳсил мекунанд, ки аз ин 783 652 писар ва 743 475 духтар ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки дар ҳамаи ин муассисаҳои таълимӣ 85 300 нафар омӯзгорон кор мекунанд, ки аксарияти онҳо (52 663 нафар) занҳо мебошанд.

Андозаи интихобнома барои ин таҳқиқот аз рӯйхати пешниҳодшудаи муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ, ки аз ҷониби гурӯҳи Лоиҳа гирифта шудааст. Ба ин рӯйхат 65 муассисаи таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 65 муассисаи таҳсилоти умумии назоратӣ шомиланд, ки дар маҷмӯъ 130 муассисаи таълимӣ аз 4 минтақаи Тоҷикистон, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгиранд.

Гурӯҳи мақсадноки таҳқиқот иборат буд аз:

- ✓ *Омӯзгорони синфҳои 7-11;*

**<u>Метод ва нақшаи намунагирӣ</u>**

Дар доираи таҳқиқот барои интихоби муассисаҳои таълимӣ ва мусоҳибон якчанд методҳои намунагирӣ истифода шуданд.

Методи намунагирии мақсаднок барои интихоби муассисаҳои таълимӣ аз рӯи рӯйхати пешниҳодгардидаи муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз ҷониби гурӯҳи лоиҳа бо назардошти масъалаҳои моддию техникии муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо истифода шудааст.

Бояд гуфт, ки муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ аз рӯи меъёрҳои зерин интихоб карда шудаанд:

- ✓ мавҷудияти замин дар ҳудуди муассисаи таълимӣ барои сохтмони бинои иловагии таълимӣ;
- ✓ муассисаҳои таълимие, ки дар ҳолати садамавӣ қарор доранд ё ба таъмири асосӣ ниёз доранд;
- ✓ муассисаҳои таълимие, ки барои онҳо дар давоми 10 соли охир ҷиҳати сохтмон ва азнавсозӣ аз ягон манбаи маблағгузорӣ маблағ ҷудо карда нашудаанд, ба истиснои муассисаҳои таълимие, ки аз офати табиӣ осеб дидаанд;
- ✓ муассисаҳои таълимие, ки дар минтақаи офатҳои табиӣ ҷойгир нестанд;
- ✓ муассисаҳои таълимие, ки ба оби ошомиданӣ дастрасӣ доранд;
- ✓ дурнамои афзоиши шумораи хонандагон дар ҳудуди мактаб;
- ✓ нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа.

Муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ дар минтақаҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ҷойгир аст ва дорои хусусиятҳои тақрибан якхелаанд, интихоб карда шуданд.

Дар мавриди мусоҳибон бошад, дар таҳқиқот усусли намунагирии оддии тасодуфӣ истифода шудааст, ки ҳар як омӯзгор имкони баробар барои интихоб шудан дошт. Намунагирӣ аз шумораи синфхонаҳо ва дарсҳое, ки дар ҳар як муассисаи таълимӣ ба нақша гирифта шудаанд, вобаста буд. Мушовир аз усулҳои зерин истифода намудааст:

- Дар синфхонаҳои гуногун ва бо омӯзгорони гуногун 3 -5 дарс мушоҳида карда шуд. Ин ба мо имкон дод, ки гуногунии усулҳои таълим ва муҳити таълимро арзёбӣ намоем.
- Мушоҳидаҳои дарсҳо бо иштироки омӯзгорони фанҳои гуногун ва хонандагони синфҳои гуногун равона карда шуданд, то ин ки ҳарчӣ бештар ҷанбаҳои таълим фаро гирифта шаванд.

Дар ин бобат шумораи умумии мушоҳидаҳо гуногун буданд:

- Ҳадди ақал: 3 дарс x 130 мактаб = 390 мушоҳида.
- Ҳадди аксар: 5 дарс x 130 мактаб = 650 мушоҳида.

Ин усул арзёбии ҳамаҷонибаи методҳои таълимро дар доираи таҳқиқот таъмин менамояд.

**Методологияи интихоби омӯзгор ва фан**. Бо мақсади фарогирии фанҳои гуногун ва синфҳои таълимии мухталиф дар раванди мушоҳида дар ҳар як муассисаи таҳсилоти умумӣ қоидаҳои махсус муқаррар гардида, бо мушоҳидакунандагон мубодила карда шуданд.

Дар робита ба интихоб намудани синфҳо барои мушоҳида, масъулияти муайян кардани он ки кадом синфҳо мушоҳида шаванд, бар дӯши мушоҳидакунандагон буд, директор ё муовини директор ҳуқуқи интихоби синфҳоро надоштанд. Мушоҳидакунандагон аз директор рӯйхати ҳамаи синфҳои таълимиро, ки дар вақти мушаххаси баргузории мушоҳида дарс доштанд, дархост карданд ва аз рӯйи он рӯйхат як синфро барои мушоҳида интихоб намуданд. Омӯзгорон ташвиқ карда шуданд, ки то ҳадди имкон барои ҳар як мушоҳида дар ҳар муассисаи таълимӣ синфҳо ва фанҳои гуногунро интихоб намоянд.

Вобаста ба миқдори мушоҳидаҳо дар ҳар як мактаб, 3-5 мушоҳида дар байни синфҳои 7-11 аз фанҳои гуногун гузаронида шуд. Дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо сабаби қоидаҳои TEACH мушоҳидаҳо дар як рӯз бо фарогирии се дарс анҷом дода шуданд. Тибқи тартиботи TEACH, мушоқидакунандагон уҳдадоранд, ки баҳои мушоҳидаи дуюми сегментро дар муддати 15 дақиқа пас аз анҷоми дарс ва баромадан аз синфхона ҷамъбаст намоянд. Ин дастур имкон намедиҳад, ки мушоҳидакунандагон ба дарси навбатӣ 5 дақиқа пеш аз оғози дарси дигар ҳозир шаванд, ки боз як қоидаи дигари тартиботи TEACH буд. Аз ин рӯ, ду дарси синфро пай дар пай мушоҳида намудан ғайриимкон буд. Ҷадвали маъмулии мушоҳида аз дарси 1, дарси 3 ва дарси 5 иборат буд, ки ба мушоҳидакунандагон имкон дод, ки холҳои мушоҳидаҳои қаблиро дар дарси 2, дарси 4 ва дарси 6 ҷамъбаст кунанд.

Дар ҳолате ки мушоҳидакунандагон ба муассисаи таълимӣ дертар мерасиданд ва оғози дарси 1-умро аз даст медоданд, онҳо вазифадор буданд интизор шаванд то дарси 2-юм оғоз ёбад ва мушоҳидаи нахустинро аз он лаҳза шуруъ намоянд. Дар ин ҳолат ҷадвали мушоҳида аз дарси 2, дарси 4 ва дарси 6 иборат буд, ки ба мушоҳидакунандагон имконият фароҳам меовард, ки холҳои мушоҳидаҳои қаблиро дар дарси 3, дарси 5 ва дар охири рӯзи дарсӣ ҷамъбаст кунанд.

Дар як муассисаи таълимӣ чор ё панҷ дарсро метавон мушоҳида намуд, агар таҳсил дар муассисаи таълимӣ аз ду баст иборат бошад ва дар басти дуюм ду омӯзгори нав тахти мушоҳида қарор гирад. Ба мушоҳидакунандагон супориш дода шуд, ки аз роҳбарияти муассиса дар бораи бастҳои таълимӣ вобаста ба синфҳо дар ҳар як муассисаи таълимӣ маълумот гиранд, то тавонанд нақшаи муносиб тартиб диҳанд. Агар дар муассисаи таълимӣ барои зинаи миёнаи умумӣ басти дуюм мавҷуд бошад, дарсҳои 1 ва 3 аз басти 2 интихоб мегарданд, бо дарназардошти он ки омӯзгорон қаблан дар басти 1 мавриди мушоҳида қарор нагирифта бошанд.

Намунаи муфассалро шумо метавонед дар **Замимаи 3: Намунагирии муфассали таҳқиқот** пайдо кунед.

## *Воситаҳо (воситаҳои мушоҳиданамоӣ)*

Таҳқиқот бо истифода аз воситаи мушоҳидакунии Бонки Умумиҷаҳонӣ *TEACH Secondary* барои арзёбии сифати таълим дар синфхонаҳо гузаронида шуд.

Илова бар ин, воситаи мушоҳидакунии *TEACH Secondary* маълумотро дар бораи (i) вақти сарфкардаи омӯзгорон барои омӯзиш, савияи иҷрои супоришҳо аз ҷониби хонандагон ва иштироки фаъолонаи онҳо дар раванди таълим; ва (ii) сифати усулҳои таълимро, ки ба рушди малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ ва маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд, ҷамъоварӣ менамояд.

**Сохтори восита ва методологияи холгузорӣ:**

- **Давраҳои мушоҳида:** ду қисмати 15-дақиқаи дарсӣ барои ҳар як омӯзгор.
- Мавзуъҳо барои холгузорӣ:
  - Барои рафтор холҳо дар се сатҳ: паст, миёна ё баланд дода мешаванд.
  - Барои унсурҳо холҳо аз рӯи ҷадвали 5-хола (1–5) дода мешаванд.

**Хусусиятҳо ва нуктаҳои асосӣ:** Ҳар як нуктаи баҳогузорӣ бо тавсифҳои возеҳи рафторӣ муайян гардида, ҳамчун роҳнамо барои арзёбии мушоҳидакунандагон хизмат мекунад.

Ин воситаи мушоҳидакунӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, марҳилаи озмоишӣ ва мутобиқсозӣ ба муҳити маҳаллӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва хосиятҳои марбут ба синну сол дар Тоҷикистонро гузаронида шудаанд.

Ҳамаи воситаҳоро шумо метавонед дар **Замимаи 4: Воситаҳои мушоҳидакунии синфхонаҳо** пайдо кунед.

## *Мулоҳизаҳои ахлоқӣ*

Дар заминаи таҳқиқоти TEACH дар Тоҷикистон мулоҳизаҳои ахлоқӣ чораҳои муҳим барои таъмини масъулиятшиносӣ, эҳтиром ва мувофиқи дастурамалҳои ахлоқии муқарраршуда анҷом додани таҳқиқот мебошанд. Бо дарназардошти хусусияти ҳассоси мушоҳидаҳои синфхонаҳо ва ҳамкорӣ бо омӯзгорон ва эҳтимолан хонандагон, ин мулоҳизаҳо муҳиманд.

Дар заминаи таҳқиқоти TEACH дар Тоҷикистон, мулоҳизаҳои ахлоқӣ тадбирҳои муҳим ба шумор мераванд, то таъмини иҷрои масъулиятнокӣ, боэҳтиром ва мутобиқ ба роҳнамоҳои ахлоқии муқаррааргардида таъмин гардад. Бо дарназардошти ҳассосияти раванди мушоҳидаи дарсҳо ва муошират бо омӯзгорон ва хонандагон, ин мулоҳизаҳои ахлоқӣ аҳамияти хос доранд.

Унсурҳои калидӣ инҳоанд:

**Варақаи розигии иштирок**: Ҳамаи роҳбарият ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

дар бораи ҳадаф, расмиёти таҳқиқот, ҳуқуқҳои онҳо (аз ҷумла, ҳуқуқи рад кардани иштирок) ва чӣ гуна истифода бурдани маълумоти онҳо огоҳ карда шуданд.

**Махфият ва номушаххасӣ**: Тартиботи муфассал оид ба бе ном ҷамъоварӣ ва махфӣ нигоҳ доштани маълумоти иштирокчиён яке аз унсурҳои калидӣ ба шумор меравад. Ин тартибот дар бар мегиранд: бехатар нигоҳ доштани маълумот, маҳдуд сохтани дастрасӣ танҳо барои кормандони ваколатдори таҳқиқотӣ ва таъмини назорат дар ҳисоботҳои натиҷаҳои таҳқиқот, ки шахсияти омӯзгорон ё муассисаҳои таълимӣ ошкор нагарданд. Ин яке аз масъулиятҳои асосии менеҷери коркарди маълумот мебошад.

**Коҳиш додани эҳтимоли зарар ва таъмини ҳадди аксари манфиатҳо**: Мушоҳидакунандагон ба таври касбӣ омода карда шуданд, то ҷараёни мушоҳида дар доираи таҳқиқот ба равандҳои муқаррарии таълим ва омӯзиш дар синфхонаҳо халал ворид насозад. Илова бар ин, тадбирҳое андешида шудаанд, то ки иштирокчиён ҳангоми мушоҳидаҳо худро бароҳат эҳсос кунанд ва баҳогузорӣ нашаванд. Дар ин замина, омӯзиш собитнамуд, ки мушоҳидакунандагон мулоҳизакор буданд ва ба дарс дахолат накарданд.

Бо тавсифи муфассали мулоҳизоти ахлоқӣ, таҳқиқот эътимоднокии худро муқаррар намуда, ӯҳдадориро нисбат ба риояи меъёрҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки барои қабул ва таъсири натиҷаҳои он дар низоми таҳсилоти Тоҷикистон аҳамияти калидӣ дорад.

## *Равиши таҳлили маълумот*

Равиши таҳлили маълумот дар таҳқиқоти TEACH истифодаи усулҳои миқдориро дар бар мегирад, зеро воситаи TEACH барои ҷамъоварии маълумоти стандартӣ ва миқдоршаванда оид ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти омӯзгорӣ тарҳрезӣ шудааст.

Мушоҳидакунандагони омӯзонидашуда воситаи мушоҳидакунии TEACH-ро истифода бурда, рафторҳои муайяни омӯзгорон ва ҳамкориҳои синфиро ба таври мунтазам омӯзиш намуданд. Ин восита раванди таълимро ба ҷанбаҳои гуногун (масалан, фарҳанги идоракунии синфхона, дастурдиҳӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ) ва нишондиҳандаҳо, ки интизом маъруфанд, ҷудо менамояд. Ба як омӯзгор ду сегменти мушоҳида бо давомнокии понздаҳ дақиқа ҷудо карда шудааст. Рафторҳо бо сатҳҳои паст, миёна ва баланд баҳо дода мешаванд. Гурӯҳҳои рафторҳои алоқаманд, ки Унсурҳо ном доранд, аз рӯи ҷадвали 5-хола баҳо дода мешаванд. Ин тартиби ҷамъоварии маълумот ва холгузорӣ мушоҳидаҳои сифатиро ба маълумоти миқдорӣ табдил медиҳад.

Ба сифати як шакли мониторинг ва назорати сифат дар давоми нӯҳ рӯз як гурӯҳ иборат аз мушовири байналмилалӣ, тарҷумон, намояндагони ВМИ ва мушовир ба муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки дар таҳқиқот иштирок доштанд, ташриф оварданд, то ҷаласаҳоро ҷиҳати баррасӣ бо мушоҳидакунандагон баргузор намоянд ва фавран пас аз анҷоми мушоҳидаҳои ба нақша гирифташуда фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод кунанд. Ин раванд фаҳмонидани саривақтии ҳар гуна нофаҳмиҳо оид ба рафторҳои TEACH-ро таъмин намуда, боэътимод будани маълумоти ҷамъоваришударо кафолат дод.

Асоси таҳлили маълумот дар таҳқиқоти TEACH одатан миқдорӣ буда, усулҳои оморӣ барои муайянсозии қонуниятҳо, нуқтаҳои қавӣ ва заиф истифода шуданд. Якчанд усулҳои таҳлили маълумот мавриди истифода қарор гирифтанд:

- **Арзишҳои миёна ва инҳирофҳои стандартӣ**: Ҳисоб кардани арзишҳои миёнаи холҳо барои ҳар як қисмат ва нишондиҳандаи TEACH дар доираи зергурӯҳҳои мушаххас, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ, сатҳҳои гуногуни синфӣ ва ҷинси омӯзгорон анҷом дода шуд. Инҳирофҳои стандартӣ дараҷаи тағйирёбии холҳоро нишон медиҳанд.
- **Нишондиҳандаҳои фоизӣ ва шумораҳои такроршавӣ**: Муайян кардани фоизи омӯзгоронеро, ки сатҳҳои мушаххаси самаранокиро нишон медиҳанд, масалан, *чанд фоиз дар фарҳанги идоракунии синфхонаҳо холи «баланд» гирифтаанд.*
- **Намоишдиҳӣ**: Дар ҳисобот барои нишон додани тақсимоти холҳо ва баррасии натиҷаҳои асосӣ намудҳои гуногуни расмҳо ва ҷадвалҳо истифода шудаанд.

## Омӯзиши мушоҳидакунандагон ва санҷиши эътимоднокӣ

Бо мақсади беҳтар намудани муҳити таълим ва такмили равишҳои педагогӣ тавассути мушоҳидаи дарс ва таҳлили раванди таълим омӯзиши ҳамаҷониба барои мушоҳидакунандагон ташкил карда шуд. Омӯзиш аз 3 то 7 марти соли 2025 дар толори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бо иштироки 24 нафар баргузор гардид.

Мақсади асосии омӯзиш фарогирии мавзӯъҳои зерин буд:

- Асосҳои назариявии баҳодиҳии сифати таҳсилот;
- Методологияи мушоҳидаи дарс;
- Арзёбии муҳити таълим (физикӣ, эмотсионалӣ ва академӣ);
- Принсипҳои ахлоқии мушоҳида;
- Баррасии таҷрибаҳои амалӣ ва моделсозии ҳолатҳо;
- Санҷиш ва имтиҳони ниҳоӣ.

Омӯзиш дар муҳити интерактивӣ сурат гирифта, дар рафти он дастурҳо, кори гурӯҳӣ, маводи наворӣ ва муҳокимаҳо фаъолона истифода шуданд. Дараҷаи фаҳмиши мавзӯъ ва малакаҳои амалӣ пайваста арзёбӣ мегардиданд. Бояд қайд намуд, ки сабтҳои ин омӯзиш аз муассисаҳои таълимие гирифта шудаанд, ки дар онҳо пурсишномаҳои SUS санҷида шудаанд. Ҳабдаҳ дарс, ки ҳар кадом аз 45 дақиқа иборат буданд, аз ҷараёни дарсҳои хонандагони синфҳои 7 то 11 сабт карда шуданд. Сипас ин сабтҳо аз ҷониби мушовир то ҳаҷми навори понздаҳ дақиқавӣ таҳрир гардида, аз ин 14 навори кӯтоҳтарин барои омӯзиши мушоҳидакунандагон истифода шуданд.

Омӯзиш талаб мекард, ки иштирокчиён имтиҳони эътимоднокӣ (яъне, имтиҳон барои гирифтани сертификат) аз рӯи наворҳое, ки дар синфхонаҳои маҳаллии Тоҷикистон сабт

шудаанд, супоранд. Барои супоридани имтиҳони эътимоднокӣ иштирокчиён бояд ба се навори понздаҳдақиқавӣ дар синф мувофиқи қоидаҳои воситаи *TEACH Secondary* баҳо медоданд. Пас аз тамошои ҳар як навори понздаҳдақиқавӣ ба иштирокчиён 15 дақиқа вақт барои баҳодиҳӣ дода шуд. Барои супоридани имтиҳони эътимоднокӣ ва ноил шудан ба сертификати мушоҳидакунандаи *TEACH Secondary* иштирокчиён бояд дар 8 аз 10 унсури баҳогузорӣ (яъне, 9 унсури «Сифати таҷрибаҳои омӯзиш» ва унсури «Вақт барои иҷрои супориш») дар ҳар яке аз се навори синфхона дақиқаи ±1 хол нисбат ба рамзҳои аслӣ (master codes) дошта бошанд.

Дар натиҷаи санҷиши эътимоднокӣ аз 24 нафар иштирокчӣ 14 нафар интихоб гардиданд. Аз ин шумора 11 нафари интихобшуда ки аз чаҳор минтақаи кишвар буданд ва имкони сафар ба минтақахое, ки муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ҷойгир буданд, ба осонӣ доштанд. Ҳар як мушоҳидакунанда барои анҷом додани мушоҳидаҳо дар ҳар як муассисаи таълимии интихобкардаи худ масъул буд.

# Маҳдудият ва роҳҳои кам кардани таъсири он

Дар давоми тамоми давраи таҳқиқот маҳдудиятҳои зерин муайян ва бартараф карда шуданд. Стратегияҳои кам кардани таъсири онҳо дар зер оварда шудаанд:

**Маҳдудиятҳои методологӣ:**

- **Таъсири мушоҳидакунанда:** Худи раванди мушоҳида метавонад рафтори омӯзгорро тағйир диҳад. Эҳтимол меравад, ки онҳо фаъолиятеро нишон диҳанд, ки он ба таҷрибаи маъмулии онҳо мувофиқат накунад. Ин мумкин аст боиси номувофиқатӣ дар маълумот гардад ва гирифтани тасвири дақиқи таълими маъмулиро душвор гардонад.
- **Бадгумонии мушоҳидакунанда:** Боварӣ, таҷриба ва интизориҳои шахсии мушоҳидакунанда мумкин аст ба он чизе, ки ӯ мушоҳида мекунанд ва чӣ гуна онро шарҳ медиҳад, таъсир расонад. Ин мумкин аст ба арзёбиҳои субъективӣ, на ба таҳлили объективӣ оварда расонад.
- **Мушоҳидаи дарсҳои забони англисӣ.** Мушоҳидакунандагоне, ки забони англисиро на он қадар хуб медонанд, наметавонанд забонеро, ки омӯзгор барои фаҳмондан, супориш додан, пурсиш ва идоракунии синф истифода мешавад, дуруст дарк намоянд. Онҳо инчунин посух ва муоширати хонандагонро низ намефаҳманд.

**Маҳдудиятҳои контекстӣ**

- **Дастрасӣ ва иҷозат дар минтақаҳо.** Гирифтани иҷозатҳои зарурӣ аз мақомоти минтақавӣ ва комиссияи маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак як раванди тӯлонӣ ва мураккабест, ки ба ҷадвали ҷамъоварии маълумот таъсир гузошт. Дар робита ба ин, мушоҳидакунандаҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон бо сабаби надоштани иҷозат натавонистанд тибқи ҷадвал дар таҳқиқот иштирок кунанд.
- **Маҳдудияти пайвастшавӣ ба Интернет.** Маҳдудияти пайвастшавӣ ба Интернет, махсусан дар деҳаҳо ва шаҳрҳои дурдаст ба ҷамъоварии саривақтии маълумот таъсири ҷиддӣ расонд.
- **Интихоби дурусти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №57 шаҳри Турсунзода барои таҳқиқот интихоб гардида буд, ки дар он хонандагон то синфи 6 таълим мегиранд ва филиали Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23 ҳамин шаҳр мебошад.

**Роҳҳои кам кардани таъсири он:**

- **Таъсири мушоҳидакунанда.** Ҳадаф ва раванди мушоҳидаро ба таври возеҳ баён намуда, нақши онро на танҳо ҳамчун як арзёбӣ, балки дар рушди касбӣ ва такмили фаъолияти муассисаи таълимӣ таъкид намоед. Фарҳанги робитаи мутақобила ва муколамаи ошкороро фароҳам оваред.
- **Роҳнамои мушоҳидакунанда:** Рӯйхати дақиқ ва муайян тартиб дода шуд, ки ба рафторҳои мушаххаси мушоҳидашаванда равона гардида, меъёрҳои возеҳи арзёбиро муайян менамуд. Барои мушоҳидакунандагон омӯзиши ҳамаҷониба гузаронида шуд.

- **Дастрасӣ ва иҷозат дар минтақаҳо.** Ин масъала аз ҷониби худи мушоҳидакунандаҳо пас аз муроҷиат ба ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва супориши ӯ ба раёсатҳои минтақавӣ ҳал карда шуд.
- **Маҳдудияти пайвастшавӣ ба Интернет.** Планшетҳои пешниҳодшуда функсияи сабт ва нигоҳдории маълумотро дар реҷаи офлайнӣ доштанд, ки имкон дод пас аз барқарор шудани пайвастшавӣ ба Интернет маълумот ба махзани маълумот мубодила карда шавад.
- **Интихоби дурусти мактабҳо.** Таҳқиқот дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23 шаҳри Турсунзода пас аз тағйир додани ҷадвал гузаронида шуд.
- **Мушоҳидаи дарсҳои забони англисӣ.** Барои пешгирии мушкилот дар арзёбии дарсҳои забони англисӣ аз мушоҳидакунандагон хоҳиш карда шуд, ки мушоҳидаҳоро дарсҳои мазкур истисно кунанд.

# Шарҳи мухтасар

TEACH Secondary вақти омӯзгоронро, ки барои таълим сарф мешавад, ҳамчунин дараҷаи машғулияти хонандагон барои иҷрои вазифаҳо ва сифати амалияи дарсиро дар ҷараёни дарси омӯзгор чен мекунад. Дар доираи ҷузъи «Вақт барои иҷрои вазифа» дар ҷараёни мушоҳида се «аксбардорӣ»-и кӯтоҳмуддат, ҳар кадом бо давомнокии 8–10 сония истифода мешаванд, то ҳам амалҳои омӯзгор ва ҳам шумораи хонандагоне, ки вазифаро иҷро мекунанд ва дар раванди дарс фаъолона иштирок доранд, сабт гардиданд.

Ҷузъи «Сифати таҷрибаи омӯзгорӣ» бошад, ба се самти асосӣ тақсим мешавад: фарҳанги идоракунии синфхона, дастурдиҳӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ. Ин самтҳо нӯҳ унсури ба худ хосро доранд, ки 29 навъи рафторро ишора мекунанд. Рафторҳо дар асоси далелҳои дар синф мушоҳидашуда ҳамчун паст, миёна ё баланд тавсиф карда мешаванд. Ин нишондиҳандаҳои пешакӣ ба низоми 5-хола гузаронида мешаванд, ки таҷрибаи омӯзгорро дар асоси ду мушоҳидаи понздаҳдақиқавӣ арзёбӣ менамояд.

| Ҷадвали 0.1. Шарҳи муфассали таҳқиқот | | |
|---|---|---|
| Ҷойгиршавӣ | | Тоҷикистон |
| Миқдори мактабҳо | | 130 |
| % мактабҳои деҳот | | 91% |
| % мактабҳои шаҳр | | 9% |
| Миқдори омӯзгорон | | 426 |
| % омӯзгорони ҷинси зан | | 44% |
| % омӯзгорони ҷинси мард | | 56% |
| Миқдори мушоҳидаҳои таълим дар асоси Teach Secondary | | 426 |
| Шумораи миёнаи хонандагон дар синф | | 21 |
| Миқдори хонандагон | | 8872 |
| % хонандагони ҷинси духтар | | 51% |
| % хонандагони ҷинси писар | | 49% |
| Синфҳои мушоҳидашуда | Синфи 7 | 15% |
| | Синфи 8 | 20% |
| | Синфи 9 | 23% |
| | Синфи 10 | 24% |
| | Синфи 11 | 18% |
| Тақсимоти фанҳо | Математика | 15% |
| | Забони тоҷикӣ | 9% |
| | Адабиёт | 12% |
| | Химия | 8% |
| | Физика | 11% |
| | Таърих | 9% |
| | Биология | 9% |
| | Информатика | 3% |
| | Забони русӣ | 8% |
| | Забони англисӣ | 3% |
| | География | 8% |
| | Дигар | 5% |

Ин таҳқиқот натиҷаҳои омӯзишеро инъикос менамояд, ки аз 2 то 22 апрели соли 2025 дар 130 муассисаи таҳсилоти умумии интихобшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (91% деҳот ва 9% шаҳр) гузаронида шудааст. 11 нафар мушоҳидачиёне, ки омӯзонида шуда, сертификат гирифтанд, таҷрибаи 426 нафар омӯзгорро (44% занон) дар ҷараёни мушоҳидаҳои синфӣ сабт намуданд. Қайд намудан зарур аст, ки сабаби нобаробарии гендирӣ миёни омӯзгорон дар рафти мушоҳидаҳо ба ихтисоси фаннии омӯзгорон вобаста буд. Таҳлили тақсимот аз рӯи фанҳо нишон дод, ки мардон бештар аз фанҳои дақиқ (математика, физика, химия) ва занҳо бештар аз фанҳои гуманитарӣ (адабиёт, забони тоҷикӣ ва русӣ) дарс медиҳанд. Азбаски аксари дарсҳои мушоҳидашуда дар фанҳои дақиқ сурат гирифт, таносуби мардон дар байни омӯзгороне, ки дар мушоҳида фаро гирифта шудаанд, бештар буд. Дар баробари ин, интихоби дарсҳо барои мушоҳида аз рӯи методологияи TEACH гузаронида мешуд: ба таври тасодуфӣ, яъне аз рӯи рӯйхати дарсҳое, ки директори муассиса пешниҳод намудааст. Мушоҳидаҳо дар синфҳои 7-11 аз якчанд фан, аз ҷумла математика, забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, физика, география, технологияи иттилоотӣ ва дигар фанҳо гузаронида шуданд (***Ҷадвали 0.1***).

Натиҷаҳои умумӣ нишон медиҳанд, ки маҳорати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

дар Тоҷикистон дар самти фарҳанги идоракунии синфхона назаррас буда, дар самти малакаҳои иҷтимоӣ – эмотсионалӣ маҳорати камтар доранд.

Ин ба таври возеҳ дар он дида мешавад, ки 80% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз унсури «Фарҳанги идоракунии синфхона» аз 3 хол зиёдтар гирифтаанд, дар ҳоле ки танҳо 13% аз рӯи малакаҳои иҷтимоӣ–эмотсионалӣ аз 3 хол зиёд гирифтаанд. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Тоҷикистон 97% вақти дарсро барои фаъолиятҳои таълимии хонандагон равона месозанд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми пешниҳоди фаъолиятҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон, танҳо 44% вақт ҳамаи хонандагон ба иҷрои вазифа машғуланд, дар ҳоле ки аксарияти вақт 76% хонандагон дар машғулиятҳои синфӣ фаъолона иштирок мекунанд.

Самтҳое, ки дар онҳо фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ самаранок мебошанд (масалан, фарҳанги идоракунии синфхона ва дастурдиҳӣ) нишондиҳандаҳои ҷиҳатҳои қавии сатҳи кишвар ба ҳисоб мераванд. Самте, ки дар он фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ камтар самаранок мебошанд (яъне, маҳорати иҷтимоӣ-эмотсионалӣ), ҳамчун самти дорои зарурат ба кӯмаки техникӣ, рушди касбӣ ва/ё машварат муайян мегардад. Маълумотҳои махсуси соҳавие, ки аз махзани маълумотҳо ба даст омада, сифатан тавсиф шудаанд, инчунин дар бораи таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Тоҷикистон маълумот медиҳанд.

# *МУФАССАЛ*
## Ҷадвали 0.2. Шарҳи муфассали натиҷаҳо – ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

*Ҷадвали 02а. Вақт барои омӯзиш*

<table>
<tr><td rowspan="7">Вақт барои омӯзиш</td><td rowspan="2" colspan="2">Омӯзгор барои аксарияти хонандагон фаъолияти таълимиро пешниҳод мекунад</td><td>Не</td><td colspan="3">Ҳа</td></tr>
<tr><td>3%</td><td colspan="3">97%</td></tr>
<tr><td rowspan="3" colspan="3">Ҳамаи хонандагон ба иҷрои супориш ҷалб карда шудаанд</td><td>Паст</td><td>Миёна</td><td>Баланд</td></tr>
<tr><td>6 ё зиёда хонандагон барои иҷрои супориш ҷалб нашудаанд</td><td>Аз 2 то 5 хонандагон барои иҷрои супориш ҷалб нашудаанд</td><td>Ҳамаи хонандагон барои иҷрои супориш ҷалб шудаанд – як хонанда шояд ҷалб нашуда бошад</td></tr>
<tr><td>4%</td><td>53%</td><td>44%</td></tr>
<tr><td rowspan="2" colspan="4">Хонандагон дар машғулиятҳои омӯзишӣ фаъолона иштирок мекунанд</td><td>Ҳа</td><td>Не</td></tr>
<tr><td>76%</td><td>24%</td></tr>
</table>

## *Ҷадвали 02b. Фарҳанги идоракунии синфхона*

| Тавсифи унсур ва тақсимоти холҳо | | | | Рафторҳо | Шарҳи паст | | Шарҳи миёна | | Шарҳи баланд | | Мувофик |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Фарҳанги синфхона | **МУҲИТИ ДАСТГИРИКУНАНДАИ ТАЪЛИМ:** Омӯзгор муҳити синфро таъсис медиҳад, ки дар он хонандагон худро аз ҷиҳати эмотсионалӣ бехатар ва дастгиришаванда ҳис кунанд. Гузашта аз ин, ҳамаи хонандагон ҳис мекунанд, ки омӯзгор онҳоро хуш қабул мекунад, зеро омӯзгор ба ҳамаи хонандагон эҳтиромона муносибат мекунад | 1 | 0% | 1.1 Омӯзгор ба ҳамаи хонандагон эҳтиромона муносибат мекунад | Омӯзгор на ба ҳамаи хонандагон эхтиромона муносибат мекунад | 1% | Омӯзгор ба ҳама хонандагон то андозае эҳтиромона муносибат мекунад | 53% | Омӯзгор ба ҳама хонандагон эҳтиромона муносибат мекунад | 46% | |
| | | 2 | 6% | 1.2 Омӯзгор бо хонандагон бо (лаҳни ширин) хуб муошират мекунад | Омӯзгор бо хонандагон хуб муошират намекунад | 1% | Омӯзгор бо хонандагон баъзан хуб муошират мекунад | 69% | Омӯзгор бо хонандагон доимо хуб муошират мекунад | 30% | |
| | | 3 | 51% | 1.3 Омӯзгор ба ниёзҳои хонандагон ҷавоб медиҳад | Омӯзгор аз эҳтиёҷоти хонандагон огоҳ нест Ё мушкилоти мавҷударо ҳал намекунад | 4% | Омӯзгор ба эҳтиёҷоти хонандагон ҷавоб медиҳад, аммо метавонад мушкилоти мавҷударо ҳал накунад | 28% | Омӯзгор ба эҳтиёҷоти хонандагон тавре вокуниш нишон медиҳад, ки мушаххасан мушкилоти мавҷударо ҳал мекунад | 4% | 64% |
| | | 4 | 40% | 1.4a Омӯзгор ба хонандагон ғаразро дар асоси ҷинс надорад ва дар синф ба стереотипҳо муқобилат мекунад | Ғаразро дар асоси ҷинс нишон медиҳад ё стереотипҳоро муқобилат мекунад | 9% | Ғаразро дар асоси ҷинс нишон намедиҳад, аммо ба стереотипҳо муқобилат намекунад | 90% | Ғаразро дар асоси ҷинс нишон намедиҳад ва стереотипҳоро зери шубҳа мегузорад | 1% | |
| | | 5 | 2% | 1.4b Омӯзгор нисбати хонандагон ғаразро дар асоси маъюбият надорад ва дар синф ба қолабҳо муқобилат мекунад | Ғаразро дар асоси маъюбият нишон медиҳад ё стереотипҳоро пурзур мекунад | 1% | Ғаразро дар асоси маъюбият нишон намедиҳад, аммо ба стереотипҳо муқобилат намекунад | 1% | Ғаразро дар асоси маъюбият нишон намедиҳад ва стереотипҳоро зери шубҳа мегузорад | 0% | |
| | | | | 1.4 Омӯзгор ба хонандагон ғараз надорад ва дар синф ба стереотипҳо муқобилат мекунад | Омӯзгор ба хонандагон ғараз надорад ё дар синф стереотипҳоро пурзӯр мекунад | 6% | Омӯзгор ба хонандагон ғараз надорад, вале дар синф бар зидди стереотипҳо мубориза ҳам намебарад | 94% | Омӯзгор ба хонандагон ғараз надорад ВА дар синф ба стереотипҳо муқобилиат мекунад | 0% | |
| | **ИНТИЗОРИИ РАФТОРИ МУСБӢ:** Омӯзгор рафтори мусбиро тавассути эътироф кардани рафтори хонандагон, ки ба интизориҳо мувофиқат мекунад ё зиёдтар аст, мусоидат мекунад. Илова бар ин, омӯзгор барои қисматҳои гуногуни дарс интизориҳои равшани рафториро муқаррар мекунад. | 1<br>2 | 2%<br>20% | 2.1 Омӯзгор барои фаъолиятҳои таълимӣ интизориҳои фаҳмои рафториро муқаррар мекунад | Омӯзгор барои вазифаҳо ва/ё гузаронидани дарс дар синф интизориҳои рафториро муқаррар намекунад | 3% | Омӯзгор барои гузаронидани дарс дар синф интизориҳои рафтории нофаҳмо ё сарсариро муқаррар мекунад | 58% | Омӯзгор барои иҷрои супоришҳо ё фаъолият дар синф интизориҳои фаҳмои рафториро муқаррар мекунад | 39% | |
| | | 3 | 33% | 2.2Омӯзгор рафтори мусбии хонандагонро қайд ва эътироф мекунад | Омӯзгор рафтори хонандагонро, ки ба интизориҳо мувофиқ аст ё аз он зиёд аст, қайд намекунад | 49% | Омӯзгор рафтори баъзе хонандагонро қайд эътироф мекунад, аммо намефаҳмонад, ки аз онҳо чиро интизор аст | 44% | Омӯзгор рафтори мусбии хонандагонро, ки ба интизориҳо мувофиқат мекунад ё зиёдтар аст, қайд мекунад | 7% | |
| | | 4<br>5 | 42%<br>3% | 2.3 Омӯзгор рафтори ношоистаро ислоҳ мекунад ва диққати худро ба рафтори пешбинишуда равона мекунад, на ба рафтори номатлуб | Роҳнамоии омӯзгор ба рафтори ношоиста бесамар аст ва ӯ ба рафтори ношоиста бештар диққат медиҳад, на ба рафтори пешбинишуда | 9% | Роҳнамоии омӯзгор ба рафтори ношоиста босамар аст, вале ӯ ба рафтори ношоиста бештар диққат медиҳад, на ба рафтори пешбинишуда | 50% | Вақте ки мушкилот ба миён меояд, ислоҳ кардани рафтори нодуруст аз ҷониби омӯзгор мушкилоти мавҷударо самаранок ҳал мекунад ва диққатро ба рафтори лозима равона мекунад | 41% | |

## *Ҷадвали 02c. Дастурдиҳӣ*

| Тавсифи унсур ва тақсимоти холҳо | | | | Рафторҳо | Шарҳи паст | | Шарҳи миёна | | Шарҳи баланд | | Мувофиқ нест |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дастур | **ГУЗАРОНИДАНИ ДАРС:** Омӯзгор дарсро чунон мегузаронад, ки ба дарки мавод муваффақ гардад, мақсади дарсро ба таври возеҳ баён мекунад, мавзӯъро бо истифода аз шаклҳои гуногуни дарсдиҳӣ мефаҳмонад ва дарсро бо донишҳои дигар мавзӯъ, таҷрибаи хонандагон ё масъалаҳои ҷаҳони воқеӣ пайваст мекунад. | **1** | 3% | 3.1 Омӯзгор мақсадҳои дарсро возеҳ баён мекунад ва супоришҳои синфиро бо мақсадҳо алоқаманд мекунад | Омӯзгор мақсад (ҳо)-и дарсро баён намекунад ва дар тахтаи синф наменависад ва аз мазмуни дарс хулоса бароварда мешавад, ки ин мақсадҳо нофаҳмоянд | 7% | Омӯзгор мақсади дарсро возеҳ баён мекунад ва/ё дар тахтаи синф менависад Ё мақсади дарс возеҳ баён нашудааст ва/ё навишта нашудааст, лекин дар асоси фаъолияти дарс хулоса баровардан мумкин аст | 45% | Омӯзгор мақсади дарсро возеҳ баён мекунад ва/ё дар тахтаи синф менависад (масалан, мақсади омӯзиш) ва машғулиятҳои дарс ба мақсадҳои муқарраршуда мувофиқат мекунандМақсад ва фаъолиятро баён мекунад | 48% | |
| | | **2** | 27% | 3.2 Омӯзгор бо истифода аз шаклҳои гуногуни пешниҳоди маълумот дарсро мефаҳмонад | Омӯзгор мавзӯи дарсро бо истифода аз як шакли пешниҳоди маълумот мефаҳмонад Ё мавзӯъро умуман намефаҳмонад | 11% | Омӯзгор мавзӯи дарсро бо истифода аз ду шакли пешниҳод мефаҳмонад | 65% | Омӯзгор мавзӯи дарсро бо истифода аз се ё зиёда аз он шакли пешниҳод мефаҳмонад | 25% | |
| | | **3** | 32% | 3.3 Омӯзгор он чизеро, ки дарс медиҳад, бо дигар мавзӯъҳо, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқаманд намекунад. Омӯзгор метавонад аз мисолҳои марбут ба мундариҷаи дигар, ҳаёти хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон истифода барад, аммо Омӯзгор кӯшиш намекунад, ки онҳоро ба машғулияти таълимӣ пайваст кунад | Омӯзгор он чизеро, ки дарс медиҳад, бо дигар мавзӯъҳо , ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқаманд намекунад. Омӯзгор метавонад аз мисолҳои марбут ба мундариҷаи дигар, ҳаёти хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон истифода барад, аммо Омӯзгор кӯшиш намекунад, ки онҳоро ба машғулияти таълимӣ пайваст кунад | 36% | Омӯзгор метавонад кӯшиш кунад, ки дарсро бо дигар мавзӯъҳо, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқаманд кунад, аммо робитаҳо рӯякӣ, муҷмал ё нофаҳмо мебошанд | 50% | Омӯзгор дарсро бо дигар донишҳои мавзӯъ, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқаманд мекунад | 14% | |
| | | **4**<br>**5** | 31%<br>7% | 3.4 Омӯзгор дарсро тавассути намоиш ё фикрҳои шифоҳӣ мукаммал менамояд | Омӯзгор моделсозӣ намекунад | 50% | Омӯзгор қисман машғулияти омӯзиширо моделсозӣ мекунад | 33% | Омӯзгор машғулияти таълимиро тавассути намоиш додани тамоми қисмҳои тартиб ё бо нишон додани тартиб ва бо овози баланд фикр кардан моделсозӣ мекунад | 17% | |
| | **САНҶИШ БАРОИ ФАҲМИШ:** Омӯзгор шарҳу эзоҳ ва мушоҳида мекунад, то ки дарки хонандагонро амиқтар созад. Омӯзгор шарҳу эзоҳи аниқ медиҳад ва луқма мепартояд, то ин ки нофаҳмӣ, пешрафт ва фикру андешаи хонандагонро муайян намояд ва барои фикрронии амиқтар водор намудан равона мекунад. Ғайр аз он, омӯзгор суръати дарсро тағйир медиҳад, то ба хонандагон имкониятҳои иловагии омӯзишро фароҳам оварад. | **1** | 2% | 4.1 Омӯзгор барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши хонандагон аз саволҳо, луқмаҳо ё стратегияҳои дигар истифода мебарад | Омӯзгор умуман савол намедиҳад ё ба хонандагон луқма намепартояд, ё вақте ки омӯзгор ин корро мекунад, синф ба таври синхронӣ ҷавоб медиҳад, ки бе тафтиши минбаъдаи фаҳмиш қабул карда мешавад | 4% | Омӯзгор саволҳо, луқмаҳо ё дигар стратегияҳоро истифода мебарад, ки барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши якчанд хонанда самаранок мебошанд | 64% | Омӯзгор саволҳо, луқмаҳо ё дигар стратегияҳоро истифода мебарад, ки барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши аксари хонандагон самаранок мебошанд | 32% | |
| | | **2**<br>**3** | 22%<br>41% | 4.2 Омӯзгор аксари хонандагонро ҳангоми кори мустақилона/гурӯҳӣ назорат мекунад | Омӯзгор дар вақти кори мустақилона ё гурӯҳӣ хонандагонро назорат намекунад | 9% | Омӯзгор баъзе хонандагонро ҳангоми кори мустақилона ё гурӯҳӣ назорат мекунад, то фаҳмиши онҳоро тафтиш кунад | 40% | Омӯзгор ба таври мунтазам аксари хонандагонро тавассути гаштугузор дар синф ва барои тафтиш кардани фаҳмиши онҳо ба назди хонандагон ё гурӯҳҳои алоҳида рафта назорат мекунад | 6% | 45% |
| | | **4**<br>**5** | 29%<br>6% | 4.3 Омӯзгор дарсро ба сатҳи дониши хонандагон мутобиқ мекунад | Омӯзгор дарсро барои хонандагон мутобиқ намекунад ва ҳатто вақте ки онҳо қайд мекунанд ва ҳатто маводи таълимиро аз худ накардаанд, иҷрои барномаи таълимиро идома медиҳад | 13% | Омӯзгор дарсро каме мутобиқ мекунад, аммо ин мутобиқат мухтасар ва рӯякӣ аст | 66% | Омӯзгор дарсро тавассути фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои омӯхтан мутобиқ мекунад. Омӯзгор метавонад минбаъд маълумотро бо тарзҳои гуногун пешниҳод кунад, то хонандагон мафҳуми дарсро беҳтар фаҳманд | 21% | |
| | **ПЕШНИҲОДИ ФИКРУ МУЛОҲИЗАҲО:** Омӯзгор шарҳу эзоҳ ё луқмаҳои мушаххас медиҳад, ки барои муайян кардани нофаҳмиҳо, фаҳмиши муваффақиятҳо ва роҳнамоии равандҳои фикрӣ барои мусоидат ба омӯзиш кӯмак мерасонад. | **1**<br>**2** | 10%<br>23% | 5.1 Омӯзгор шарҳҳо ё луқмаҳои мушаххасро барои равшан кардани лаҳзаҳои нофаҳмиҳои хонандагон медиҳад | Омӯзгор ё ба хонандагон дар бораи нофаҳмиҳои онҳо шарҳу эзоҳ/луқмаҳо намедиҳад, Ё шарҳҳои пешниҳодшуда изҳороти оддӣ ва баҳодиҳанда мебошанд | 10% | Омӯзгор ба хонандагон оид ба нофаҳмиҳои онҳо шарҳҳои умумӣ ё рӯякӣ медиҳад | 63% | Омӯзгор ба хонандагон шарҳҳо/луқмаҳои мушаххас медиҳад, ки дорои маълумоти асоснок мебошанд, барои равшан кардани нофаҳмиҳои хонандагон кӯмак мекунанд | 27% | |
| | | **3**<br>**4**<br>**5** | 40%<br>17%<br>10% | 5.2 Омӯзгор шарҳҳо ё луқмаҳои мушаххасро барои муайян кардани муваффақиятҳои хонандагон пешниҳод мекунад | Омӯзгор ё ба хонандагон дар бораи муваффақиатҳои онҳо шарҳу эзоҳ намедиҳад, Ё шарҳҳои пешниҳодшуда изҳороти оддӣ ва баҳодиҳанда мебошанд | 33% | Омӯзгор ба хонандагон дар хусуси пешрафти онҳо шарҳҳои умумӣ ё рӯякӣ медиҳад | 55% | Омӯзгор ба хонандагон шарҳҳо/луқмаҳои мушаххас медиҳад, ки дорои маълумоти асоснок мебошанд, ки барои муайян кардани муваффақияти хонандагон кӯмак мекунанд | 13% | |
| | **ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ (ТАНҚИДӢ):** Омӯзгор малакаҳои фикрронии интиқодии хонандагонро тавассути ташвиқи онҳо ба таҳлили фаъолонаи мавзӯъ ташаккул медиҳад. | **1** | 12% | 6.1 Омӯзгор саволҳои кушода медиҳад | Омӯзгор саволҳои кушода намедиҳад Ё танҳо як саволи кушода медиҳад | 31% | Омӯзгор ба хонандагон ҳадди аққал 2 саволи кушода медиҳад, аммо ба ҷавобҳои хонандагон такя намекунад | 46% | Омӯзгор ба хонандагон 3 ё зиёда саволҳои кушода медиҳад ВА ҳадди аққал 1-тои онҳо ба ҷавобҳои хонандагон такя мекунад, ки аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки далелҳои худро асоснок кунанд, бештар шарҳ диҳанд ё андешаҳои худро равшан кунанд | 23% | |
| | | **2** | 29% | 6.2 Омӯзгор вазифаҳои фикрӣ медиҳад | Омӯзгор вазифаҳои фикрӣ намедиҳад | 23% | Омӯзгор вазифаҳои фикрии рӯякӣ медиҳад | 63% | Омӯзгор вазифаҳои фикрии назаррас медиҳад | 14% | |
| | | **3** | 40% | 6.3 Хонандагон вазифаҳои фикриро иҷро мекунанд | Хонандагон вазифаҳои фикриро иҷро намекунанд | 31% | Камтар аз се ду ҳиссаи хонандагон дар синф вазифаҳои фикриро иҷро мекунанд | 57% | Аксари хонандагон вазифаҳои фикриро иҷро мекунанд | 11% | |
| | | **4**<br>**5** | 18%<br>2% | 6.4 Хонандагон фикрҳои худро ба омӯзгор мефаҳмонанд ё саволҳои кушода медиҳанд | Хонандагон дар вақти фаъолиятҳои таълимӣ фикри худро ба омӯзгор намефахмонанд ва саволҳои кушода намедиҳанд | 58% | Хонандагон дар рафти машғулиятҳои дарсӣ ба омӯзгор фикри худро мефаҳмонанд ё саволҳои кушода медиҳанд, гарчанде ки ин хеле кам рух медихад (танхо як маротиба) | 39% | Хонандагон дар рафти машғулиятхои синфӣ аксар вакт ба омӯзгор фикри худро мефаҳмонанд ва ё саволҳои кушодаро медиҳанд (зиёда аз як маротиба) | 2% | |

## *Ҷадвали 02d. Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ*

| Тавсифи унсур ва тақсимоти холҳо | | | Рафторҳо | Шарҳи паст | | Шарҳи миёна | | Шарҳи баланд | | N/A |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ | **МУСТАҚИЛИЯТ:** Омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки интихоб кунанд ва нақшҳои муҳимро дар синф қабул кунанд. Хонандагон аз ин имкониятҳо тавассути ихтиёран иҷро кардани нақшҳо ва изҳори ақида ва андешаҳои худ дар давоми дарс истифода мебаранд. | 1: 4%<br>2: 41%<br>3: 44%<br>4: 10%<br>5: 1% | 7.1 Омӯзгор ба хонандагон имконияти интихоб карданро медиҳад | Омӯзгор ба хонандагон ба таври возеҳ имконияти интихоб карданро намедиҳад | 49% | Омӯзгор ба таври возеҳ ба хонандагон ҳадди ақал як интихоби рӯякӣ медиҳад, ки ба мақсади дарс алоқаманд нест | 46% | Омӯзгор ба таври возеҳ ба хонандагон ҳадди ақал як интихоби асосиро медиҳад, ки ба мақсади дарс алоқаманд аст | 5% | |
| | | | 7.2 Омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар синф нақшро иҷро кунанд | Омӯзгор ба хонандагон имконият намедиҳад, ки дар синф нақшҳоро иҷро кунанд | 25% | Омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки нақшҳои маҳдудро дар синф иҷро кунанд | 67% | Омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки нақшҳои муҳимро дар синф иҷро кунанд, ки дар доираи он нақшҳо онҳо барои қисматҳои машғулиятҳои таълимӣ | 8% | |
| | | | 7.3 Хонанда дар дарс ихтиёран иштирок мекунад | Хонанда дар дарс ихтиёран иштирок намекунад | 10% | Танҳо якчанд хонанда дар дарс ихтиёран иштирок карда, фикру ақидаи худро иброз медоранд ва нақшҳоро иҷро мекунанд | 67% | Аксари хонандагон дар дарс ихтиёран иштирок карда, фикру ақидаи худро иброз медоранд ва нақшҳоро иҷро мекунанд | 22% | |
| | **МАТОНАТ:** Омӯзгор ба ҷои равона кардани диққат ба натиҷаҳо, дониш ё қобилиятҳои табиӣ, кӯшишҳои хонандагонро ба мақсади азхудкунии малакаҳо ё консепсияҳои нав равона мекунад. Илова бар ин, омӯзгор ба мушкилот муносибати мусбӣ дорад, нокомӣ ва ноумедиро ҳамчун қисмҳои муфиди раванди таълим муаррифӣ мекунад. Омӯзгор инчунин хонандагонро ташвиқ мекунад, ки мақсадҳои кӯтоҳмуддат ва / ё дарозмуддат гузоранд. | 1: 11%<br>2: 56%<br>3: 26%<br>4: 6%<br>5: 0% | 8.1 Омӯзгор кӯшишҳои хонандагонро | Омӯзгор кӯшишҳои хонандагонро қайд намекунад | 40% | Дар синф омӯзгор баъзан кӯшишҳои хонандагонро қайд мекунад, аммо бештари тарифҳо ба натиҷаҳо ё дониши хонандагон нигаронида шудааст | 56% | Дар синф омӯзгор аксар вақт кӯшишҳои хонандагонро барои азхудкунии малакаҳо ё консепсияҳои нав қайд мекунад ва | 5% | |
| | | | 8.2 Омӯзгор ба мушкилоти хонандагон муносибати мусбӣ дорад | Омӯзгор ба мушкилоти хонандагон муносибати манфӣ дорад | 19% | Омӯзгор нисбат ба мушкилоти хонандагон бетарафона муносибат мекунад | 74% | Омӯзгор ба мушкилоти хонандагон муносибати мусбӣ дорад | 7% | |
| | | | 8.3 Омӯзгор гузоштани мақсадҳоро м | Омӯзгор хонандагонро барои гузоштани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат ҳавасманд намесозад | 67% | Омӯзгор хонандагонро ҳавасманд мекунад, ки ҳадафҳои кӯтоҳмуддат Ё дарозмуддатро гузоранд | 31% | Омӯзгор хонандагонро ҳавасманд мекунад, ки ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро ба миён гузоранд | 2% | |
| | **МАЛАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ҲАМКОРӢ:** Омӯзгор ҳамкории хонандагонро бо ҳамдигар ташвиқ мекунад ва малакаҳои байнишахсии хонандагонро инкишоф медиҳад. Хонандагон ба кӯшишҳои омӯзгор тавассути ҳамкорӣ бо ҳамдигар дар синф ҷавоб медиҳанд, муҳити озод аз душмании ҷисмонӣ ё эмотсионалӣ эҷод мекунанд. | 1: 39%<br>2: 44%<br>3: 11%<br>4: 5%<br>5: 1% | 9.1 Омӯзгор ба ҳамкории хонандагон тавассути муошират бо ҳамсолон мусоидат мекунад | Омӯзгор ба хамкории байни хонандагон мусоидат намекунад | 72% | Омӯзгор ба ҳамкории хонандагон тавассути мубодилаи фикру ақидаҳо, маводҳо ё ғояҳо рӯякӣ мусоидат мекунад | 23% | Омӯзгор ба ҳамкории назарраси хонандагон тавассути хоҳиш кардани онҳо барои истеҳсоли маҳсулот, кӯмак ба хонандаи дигар, ҳалли масъала, пур кардани варақаи корӣ ё пешниҳоди идеяи нав мусоидат мекунад | 6% | |
| | | | 9.2 Омӯзгор малакаҳои байнишахсии хонандагонро инкишоф медиҳад | Омӯзгор малакаҳои байнишахсии хонандагонро инкишоф намедиҳад | 71% | Омӯзгор малакаҳои байнишахсии хонандагонро ба таври мухтасар ё рӯякӣ инкишоф медиҳад | 27% | Омӯзгор малакаҳои байнишахсии хонандагонро тавассути ташвиқи қабули нуктаи назари дигар, ибрози ҳамдардӣ, танзими эҳсосот ё ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ | 2% | |
| | | | 9.3 Хонандагон тавассути муошират бо ҳамсолон, бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд | Хонандагон ҳамкорӣ намекунанд, Ё вақте ки онҳо бо ҳамдигар муошират мекунанд, онҳо рафтори манфӣ нишон медиҳанд | 54% | Хонандагон рӯякӣ ҳамкорӣ мекунанд. Намоиши рафтори манфӣ вуҷуд надорад | 42% | Хонандагон бо роҳи якҷоя кор мекунанд барои ҳалли мушкилот, варақаи корӣ ё пешниҳоди идеяи нав бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд. Намоиши рафтори манфӣ ба назар намерасад | 4% | |

# 3. Натиҷаҳои таҳқиқоти *TEACH Secondary*: Андешаҳо дар бораи таҷрибаи омӯзгорон – Муқоисаи муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ

## ШАРҲИ МУФАССАЛИ НАТИҶАҲО ДАР ДОИРАИ *TEACH SECONDARY*

Маълумоти дар доираи *TEACH Secondary* ҷамъоварӣ шуда, нишон медиҳад, ки дар 65 муассисаи таҳсилоти умумии лоиҳавӣ беш аз 1 нафар аз 10 омӯзгор (камтар аз 2 хол) ҳадди ақал дар як самт (масалан, малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ) ба мушкилӣ рӯ ба рӯ шуданд. Дар 65 муассисаи таҳсилоти умумии назоратӣ, ки аз ҳисоби Лоиҳа дастгирӣ намегарданд, тақрибан аз 10 омӯзгор 3 нафарашон дар ҳамин самт душворӣ мекашанд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ вобаста ба фарҳанги идоракунии синфхона қобилияти баланд доранд (83% аз 3 хол баландтар) ва омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ низ дар ин самт бартарӣ доранд (77% холи 3 ё баландтар ). Бо вуҷуди ин, омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ (14%) ва назоратӣ (12%) қобилияти хеле заифро дар самти малакаҳои иҷтимоӣ - эмотсионалӣ нишон доданд, ки аз рӯйи нишондиҳандаҳо зиёда аз 3 хол гирифтаанд (***Диаграммаҳои 3.1а ва 3.1b***).

***Диаграммаи 3.1а: Тақсимоти холҳои миёна дар доираи таҳқиқоти TEACH Secondary аз рӯи самт ва дар умум дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***



*Диаграммаи 3.1b: Тақсимоти холҳои миёна дар доираи таҳқиқоти TEACH Secondary аз рӯи самт ва дар умум дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*




## *Вақт барои иҷрои супориш*

Дар Тоҷикистон омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар аксарияти вақт фаъолияти таълимиро ба хонандагон пешниҳод мекунанд (97% ва 96%). Илова бар ин, вақте омӯзгорон фаъолиятҳои таълимиро пешниҳод мекунанд, ҳамаи хонандагон мутаносибан 45% ва 42%-и вақт ба иҷрои вазифа машғуланд ва дар бештари ҳолатҳо мутаносибан 76% ва 75% дар ин фаъолиятҳо фаъолона иштирок мекунанд. (*Диаграммаҳои 3.2a ва 3.2b*).

### *Диаграммаи 3.2а: Тағйирёбандаҳои тақсимоти вақт барои иҷрои супориш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ*










### *Диаграммаи 3.2b: Тағйирёбандаҳои тақсимоти вақт барои иҷрои супориш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*

**0.1 Омӯзгор фаъолияти таълимиро барои аксарияти хонандагон пешниҳод менамояд**




**0.2 Хонандагон ба иҷрои вазифа машғул мебошанд.**




**0.3 Хонандагон дар иҷрои вазифаҳои таълимӣ фаъолона иштирок менамоянд.**



## *Холҳо дар доираи таҳқиқоти TEACH Secondary аз рӯи унсур*

Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар эҷоди муҳити дастгирикунанда барои омӯзиш ва муқаррар кардани интизориҳои рафтори мусбат дар самти Фарҳанги идоракунии синфхона натиҷаҳои миёна ё каме аз миёна баландтарро қарор доранд. Илова ба ин, дар самти дастурдиҳӣ омӯзгорон дар гузаронидани дарс, санҷиши дониши хонандагон ва пешниҳоди робитаи мутақобила холи аз сатҳи миёна пасттар баҳогузорӣ гардиданд, бо вуҷуди ин, онҳо дар пайдо намудани роҳҳо ва ташвиқи хонандагон ба тафаккури интиқодӣ малакаи камтар доранд. Ниҳоят, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар ташаккули мустақилияти хонандагон, таҳкими матонат ва рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ маҳорати заифро нишон дода, холи паст гирифтанд (***диаграммаҳои 3.3а ва 3.3b***).

Қисмати навбатӣ хусусиятҳои таҷрибаи омӯзгорони Тоҷикистонро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ барои ҳар як самт тавсиф мекунад.

***Диаграммаи 3.3а: Тақсимоти холҳои миёна дар доираи таҳқиқоти Teach Secondary аз рӯи унсур дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***



***Диаграммаи 3.3b: Тақсимоти холҳои миёна дар доираи таҳқиқоти Teach Secondary аз рӯи унсур дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ***



## *Самти 1: Натиҷаҳои «Фарҳанги идоракунии синфхона»*

Фарҳанги идоракунии синфхона дараҷаи ташаккули муҳите аз ҷониби омӯзгорро муайян менамояд, ки барои раванди таълим мусоид бошад. Таваҷҷӯҳ дар ин ҷо на ба ислоҳи рафтори манфии хонандагон, балки ба он аст, ки омӯзгор то кадом андоза инҳоро фароҳам меорад: (i) **муҳити дастгирикунандаи таълим** тавассути муносибати эҳтиромона ба ҳамаи хонандагон, истифодаи мунтазами гуфтори нек, қонеъ гардондани ниёзҳои хонандагон, ба чолиш кашидани қолабҳои ҷинсӣ ва маъюбият ва худдорӣ аз ҳар гуна ғаразҳои ҷинсӣ ва маъюбият дар муҳити синфхона; ва (ii) **интизориҳои рафтори мусбат** тавассути муқаррар кардани меъёрҳои возеҳ оид ба рафтор, қадрдонӣ намудани рафтори мусбии хонандагон ва мунтазам ислоҳ намудани рафтори нодуруст.

Дар умум, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар самти фарҳанги идоракунии синфхона фаъолияти миёнаро нишон дода, ба ҳисоби миёна 3,3 холро аз 5 хол соҳиб гардиданд. Онҳо дар муомила бо хонандагон бо эҳтиром ва дар истифодаи гуфтори нек муваффақ буданд ва то ҳадде тавонистанд ба ниёзҳои хонандагон посух гӯянд, аммо дар бартараф кардани таассуроти манфӣ нисбат ба ҷинс ва маъюбӣ ноком буданд (***нигаред ба диаграммаи 3.3***).

***Муҳити дастгирикунандаи таълим***. Ба ҳисоби миёна омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз 5 холи имконпазир дар ин унсур 3.4 хол ба даст оварданд. (***диаграммаи 3.3***). ***Диаграммаҳои 3.4a ва 3.4b*** тақсимоти холҳо барои муҳити дастгиркунандаи таълим ва рафторҳои мувофиқи онро нишон медиҳанд. Ҳам омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва ҳам назоратӣ пайваста бо хонандагон эҳтиромона муносибат мекунанд (46%) ва зиёда аз нисфи омӯзгорон ба хонандагон то андозае эҳтиромона муносибат мекунанд. Омӯзгорон пайваста эҳтиромро зоҳир мекарданд, масалан, вақте ки номи хонандагонро ба забон меоварданд иборaҳои «лутфан», «ташаккур» ё «субҳ ба хайр»-ро истифода мебурданд. Онҳо ба қадри кофӣ эҳтиром доранд, ки ҳеҷ гуна аломати зоҳирии эҳтиромро нишон надиҳанд, аммо бо дод задан, масхара кардан ё задани хонандагон беэҳтиромӣ намекунанд.

Омӯзгорони ҳар ду гурӯҳ дар синф аз гуфтори нек истифода мебаранд. Омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ аз калимаҳои мусбӣ ё пайваста (100%) аз гуфтори нек истифода мебаранд. Аксарияти омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ пайваста (98%) ё гоҳ - гоҳ дар раванди дарс гуфтори некро истифода менамоянд. Ин рафтор пайваста арзёбӣ мегардад, агар омӯзгор дар рафти мушоҳида на камтар аз 5 маротиба, масалан, «офарин», «аъло», «хуб», «хеле хуб» бигӯяд ё аз хонандагон хоҳиш намояд, ба ҳамсинфе, ки ҷавоби дуруст додааст, кафкӯбӣ кунанд. Омӯзгор ҳамчун қисман истифодабарандаи гуфтори нек арзёбӣ мегардад, агар ӯ дар ҷараёни мушоҳида аз 1 то 4 маротиба ин гуна ибораҳоро истифода намояд.

Вақте ки хонандагон дар синф ниёзашонро иброз мекунанд, омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ (31%) ва омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ (25%) ба ниёзҳо посух медиҳанд, аммо мушкилотро пурра ва саривақт ҳал намекунанд. Ин маънои онро дорад, масалан вақте хонанда ба омӯзгор мегӯяд, ки матнро дар тахта хуб дида наметавонад, омӯзгор дар ҷавоб хонанда бояд дар хотир дошта бошад, ки дафъаи оянда бояд ба тахтаи синф наздиктар нишинад, вале омӯзгор хонандаро дар наздикии тахтаи синф намешинонад ва бо ин роҳ мушкилотро бевосита ҳал намекунад.

Ниҳоят, дар ҳоле ки қариб ҳамаи омӯзгорони ҳар ду гурӯҳ (95% омӯзгорони муассисаҳои

таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 93% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ) ба хонандагони ҳамаи ҷинсҳо ва дорои маъюбият баробар муносибат мекунанд, ҳеҷ як омӯзгор (0% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ) дар синфҳои худ ба ин стереотипҳо муқобилият намекунанд. Масалан, омӯзгор ҳангоми дарс духтарон ва писаронро ба таври баробар барои иштирок даъват мекунад ва метавонад аз ҳар ду, ҳам писарон ва ҳам духтарон хоҳиш намояд, ки роҳбарии кори гурӯҳиро ба ухда гиранд ва вазифаҳои хонагиро ҷамъоварӣ намоянд. Бо вуҷуди ин, барои муқовимат ба стереотипҳои ҷинсӣ ва маъюбият омӯзгор бояд дар вақти овардани мисоли духтурон ва олимон на танҳо мардон, балки занонро ҳам номбар кунад ё мардони ошпазро ёдоварӣ кунад ва аз шахсони дорои маъюбият, ки дар ҷомеа ба ҳайси роҳбар, олим ва ё ҳунарманд мавқеи муҳим доранд, мисол орад.

Намунаҳои рафторҳои гуногун ва холҳои алоқамандро барои ***Унсури 1: Муҳити дастгирикунандаи таълим*** дар ***ҷадвали A1.1*** дар замимаҳо пайдо кардан мумкин аст.

***Диаграммаи 3.4а: Муҳити дастгирикунандаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***




1.4a. Стереотипҳои ҷинсӣ ва маъюбият
91%
8%
1%
П: Ғаразро дар асоси ҷинс нишон медиҳад ё стереотипҳоро муқобилат мекунад
М: Ғаразро дар асоси ҷинс нишон намедиҳад, аммо ба стереотипҳо муқобилат намекунад
Б: Ғаразро дар асоси ҷинс нишон намедиҳад ва стереотипҳоро зери шубҳа мегузорад


1.4b Стереотипҳои ҷинсӣ ва маъюбият
99%
1%
0%
П: Ғаразро дар асоси маъюбият нишон медиҳад ё стереотипҳоро пурзур мекунад
М: Ғаразро дар асоси маъюбият нишон намедиҳад, аммо ба стереотипҳо муқобилат намекунад
Б: Ғаразро дар асоси маъюбият нишон намедиҳад ва стереотипҳоро зери шубҳа мегузорад


1. Муҳити дастгирикунандаи таълим
100%
75%
50%
25%
0%
% омӯзгорони таҳсилоти умумӣ
0%
5%
53%
40%
2%
1
2
3
4
5
Тақсимоти холҳо

## *Диаграммаи 3.4b: Муҳити дастгирикунандаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*





















***Интизориҳои рафтори мусбат.*** Ба ҳисоби миёна, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз 5 хол дар ин унсур 3.2 хол гирифтанд (***Диаграммаи 3.3***). ***Диаграммаҳои 3.5a ва 3.5b*** тақсимоти холҳоро барои унсури интизориҳои рафтори мусбат ва рафтори мувофиқи он нишон медиҳанд.

Тақрибан 4 нафар аз 10 нафар омӯзгори муассисаҳои лоиҳавӣ ва назоратӣ интизориҳои рафтори возеҳ ва мушаххасро муқаррар мекунанд, дар ҳоле ки тақрибан 6 нафар аз 10 нафари ҳар ду гурӯҳи омӯзгорон баъзе интизориҳои рӯякии рафтори хонандагонро муайян менамоянд. Намунаҳои муқаррар намудани интизориҳои возеҳи рафтор аз ҷониби омӯзгор дар синф иборатанд, масалан, вақте ки омӯзгор пеш аз оғози кори мустақилонаи хонандагон мегӯяд: «Лутфан, арзёбиро мустақилона анҷом диҳед». Ба кори худ диққат диҳед ва ҳангоми арзёбӣ бо ҳамсабақатон суҳбат накунед».

Бо вуҷуди ин, тақрибан нисфи омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ ва назоратӣ (мутаносибан 45% ва 52%) рафтори мусбии хонандагонро дар давоми дарс умуман эътироф намекунанд. Аммо 48% омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ ва 41% омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ рафтори баъзе хонандагонро эътироф мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки масалан, агар як гурӯҳи хурд интизориҳои рафториро риоя намоянд, омӯзгор мегӯяд: «Ин гурӯҳ якҷоя хуб кор мекунанд» ё «Ин гурӯҳ кори хуб мекунанд», вале сабаб ва усулро шарҳ намедиҳад.

Ниҳоят, нисфи (50%) омӯзгорони ҳар ду гурӯҳ дар ислоҳи рафтори номуносиб то андозае фаъол мебошанд, дар ҳоле ки аз 10 нафар омӯзгори ҳар ду гурӯҳ 4 нафарашон дар самти ҳалли рафтори номуносиб дар синф фаъолона амал мекунанд ё хонандагон аллакай рафтори хуб доранд. Намунаи то андозае самаранок ҳал кардани рафтори номуносиб ин аст, вақте омӯзгор пай мебарад, ки ду хонанда ба иҷрои масъалаҳои супурдашуда машғул нестанд, ӯ мегӯяд: «Шумо ҳар ду бояд ҳоло сӯҳбатро қатъ кунед, аз ҳад зиёд овоз бароварда истодаед». Дар ин ҳолат омӯзгор ба рафтори номуносиб диққат медиҳад, на ба рафтори интизорӣ (яъне оромона анҷом додани кори супоридашуда).

Намунаҳои рафторҳои гуногун ва холҳои алоқаманд ба ***Унсури 2: Интизориҳои рафтори мусбӣ*** дар ***Ҷадвали А1.2*** дар замимаҳо пайдо кардан мумкин аст.

## *Диаграммаи 3.5а: Интизориҳои рафтори мусбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ*

### 2.1. Интизориҳои возеҳи рафторӣ




### 2.2. Рафтори мусбиро эътироф мекунад




### 2.3. Рафтори нодурустро ҳал мекунад




### 2. Интизориҳои рафтори мусбат



## *Диаграммаи 3.5b: Интизориҳои рафтори мусбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*

**2.1. Интизориҳои возеҳи рафторӣ**




**2.2. Рафтори мусбиро эътироф мекунад**




**2.3. Рафтори нодурустро ҳал мекунад**




**2. Интизориҳои рафтори мусбат**



## Натиҷаҳои самти «Фарҳанги идоракунии синфхона» аз рӯи тақсимоти синфҳо

***Диаграммаҳои 3.6a ва 3.6b*** миёнаи холҳоро дар асоси ду унсуре, ки «Фарҳанги идоракунии синфхона»-ро дар бар мегиранд, нишон медиҳанд. Ин маълумот аз рӯи синф ҷудо карда шудааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ миёни омӯзгороне, ки барои сатҳҳои синфҳои гуногун масъуланд, дар таъмини муҳити дастгирикунандаи таълим фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, омӯзгорони синфи 7 нисбат ба ҳамкорони худ дар синфҳои болотар то андозае беҳтар (3,5) интизориҳои мусбати рафторро муайян менамоянд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ омӯзгорони синфи 8 дар таъмини муҳити дастгирикунандаи таълим (3,6) ва муқаррар кардани интизориҳои рафтори мусбат (3,5) ба таври назаррас кор мекунанд, дар ҳоле ки омӯзгорони синфи 10 нишондиҳандаи заифтарро доштанд, ҳар дуи ин рафторҳо мутаносибан 3,2 ва 2,9 хол гирифтанд.

***Диаграммаи 3.6a: Самти «Фарҳанги идоракунии синфхона» аз рӯи синф дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***




***Диаграммаи 3.6b: Самти «Фарҳанги идоракунии синфхона» аз рӯи синф дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ***



## *Самти 2: Натиҷаҳои «Дастурдиҳӣ»*

«Дастурдиҳӣ» ин нишондиҳандаест, ки муайян мекунад то чӣ андоза омӯзгор дарсро бо тарзе мегузаронад, ки фаҳмиши амиқи хонандагонро инкишоф медиҳад ва онҳоро ба тафаккури интиқодӣ ва таҳлил ҳидоят менамояд. Таваҷҷӯҳ дар ин ҷо на ба методҳои таълим вобаста ба мазмуни мушаххас равона мешавад, балки дараҷаест, ки дар он омӯзгор i) дарсро барои тарғиби фаҳмиш тавассути ифодаи возеҳи ҳадафҳои дарс мегузаронад, ки ба фаъолияти таълимӣ мувофиқанд, мундариҷаро бо истифода аз шаклҳои гуногуни пешкашнамоӣ ва пайваст кардани фаъолияти таълимӣ бо дигар донишҳои мундариҷавӣ, таҷрибаҳои хонандагон ё масъалаҳои ҷаҳони воқеӣ ва ба воситаи моделсозии фаъолияти таълимӣ тавассути вонамудан ё фикрронӣ бо овози баланд мефаҳмонад; (ii) на танҳо аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар мегузарад, балки бо истифода аз саволҳо, ишораҳо ё стратегияҳо сатҳи дониши хонандагонро месанҷад, раванди кори хонандагонро дар гурӯҳ, ҳангоми корҳои мустақилона назорат мекунад ва раванди таълимро мувофиқи сатҳи фаҳмиши онҳо танзим менамояд; (iii) **робитаи мутақобиларо** пешниҳод менамояд, тавассути тавзеҳот ё ишораҳои мушаххас барои возеҳ кардани нофаҳмиҳои хонандагон ё муайян кардани муваффақиятҳои онҳо; ва (iv) хонандагонро ба **тафаккури интиқодӣ** тавассути додани саволҳои кушода ва супоришҳои фикрӣ ташвиқ мекунад, ки онҳо мазмунро ба таври фаъол таҳлил намоянд. Хонандагон қобилияти тафаккури интиқодиро тавассути иҷрои супоришҳои фикрӣ, фаҳмондани раванди фикррониашон ба омӯзгор ё пешниҳоди саволҳои кушода зоҳир менамоянд.

Дар умум, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар самти «Дастурдиҳӣ» натиҷаҳои миёна ба даст оварданд. Онҳо ба ҳисоби миёна аз 5 хол дар ин самт 3,0 хол гирифтанд. Онҳо дар гузаронидани дарс ва санҷиши сатҳи дониши хонандагон фаъолияти самаранок нишон доданд, аммо дар пешниҳоди робитаи мутақобила ва рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ то андозае фаъолияти заифтар доштанд. (***нигаред ба диаграммаи 3.3***).

***Гузаронидани дарс.*** Ба ҳисоби миёна омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ ва назоратӣ аз 5 холи имконпазир дар ин унсур 3,1 хол гирифтанд (***диаграммаи 3.3***). ***Диаграммаҳои 3.7а ва 3.7б*** тақсимоти холҳои омӯзгоронро барои унсури гузаронидани дарс ва рафтори мувофиқ нишон медиҳанд.

Нисфи омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ (49%) ва 46% омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ ҳадафи дарсро равшан баён мекунанд. Масалан, омӯзгор мумкин аст бигӯяд: «Имрӯз мо бо тарзи парвоз ва макони зисти паррандагон дар кишвари мо шинос мешавем».

Аксарияти омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ ва назоратӣ (67% ва 63% мутаносибан) мундариҷаи дарсро бо истифода аз ду шакли ироа меомӯзанд, дар ҳоле ки аз чор як ҳиссаи омӯзгорон (мутаносибан 24% ва 25%) аз се ва зиёда шакли ироаро истифода мебаранд. Намунаи истифодаи чандин шакли ироа аз ҷониби омӯзгор метавонад дар дарси биология зоҳир гардад, вақте ки омӯзгор вазифаи микроскоп ва қисмҳои онро шифоҳӣ шарҳ медиҳад. Сипас, бо истифода аз микроскопи воқеӣ тарзи истифодаи онро нишон медиҳад. Баъдан, дар раванди дарс омӯзгор ба тасвири ҳуҷайра, ки дар тахта ҷойгир аст, ишора мекунад.

Илова бар ин, нисфи омӯзгорони муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ (50%) ва назоратӣ (49%) дар ҷараёни дарс ба маводи қаблан омӯхташуда, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии зиндагӣ танҳо робитаҳои рӯякӣ ё ноаёнро барқарор менамоянд. Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки зиёда аз сеяки (37%) омӯзгорони ҳар ду гурӯҳ кушиш намекунанд, ки бо мазмуни дарси имрӯза ягон робита барпо намоянд. Дар синф, намунаи барқарор намудани робитаи

рӯякӣ бо як масъалаи воқеии зиндагӣ аз ҷониби омӯзгор ин аст, ки омӯзгори фанни химия сабабҳои гуногуни ифлосшавии ҳаворо чунин тавсиф мекунад: «Газҳои ихроҷшудаи воситаҳои нақлиёт яке аз сабабҳои ифлосшавии ҳаво мебошанд, ки метавонанд боиси мушкилоти зиёд шаванд». Ин гуна робита бо ҳаёти хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷомеа рӯякӣ ва ғайримушаххас мебошад.

Ниҳоят, беш аз нисфи омӯзгорони муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ 55% фаъолиятҳои таълимиро ҳадди ақал қисман моделсозӣ мекунанд, дар ҳоле ки 46% омӯзгорони муассисаҳои таълимии назоратӣ низ чунин амалро анҷом медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо 17% омӯзгорони муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва 16% омӯзгорони муассисаҳои таълимии назоратиро дар бар мегиранд, ки фаъолиятҳои таълимиро дар ҷараёни дарс пурра моделсозӣ менамоянд. Ба ин рақам 17%-и омӯзгорони муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва 16% омӯзгорони муассисаҳои таълимии назоратӣ дохил мешаванд, ки дар давоми дарсҳо фаъолиятҳои омӯзиширо пурра моделсозӣ мекунанд. Масалан, агар хонандагон масофаи доираро ҳисоб карда истода бошанд, омӯзгор бо нишон додани ҳар як қадам (намоиши пурраи расмиёт) бо диаграммаҳои аёнӣ ё дигар мавод пурра моделсозӣ намуда, дар бораи ҳар қадами иҷрошуда фикри худро баён мекунад.

Намунаҳои рафторҳои гуногун ва холҳои алоқамандро барои ***Унсури 3: Муҳити дастгирикунандаи таълим дар Ҷадвали А1.3*** дар замимаҳо пайдо кардан мумкин аст.

## *Диаграммаи 3.7а: Раҳнамоӣ ва гузаронидани самараноки дарс дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ*















## *Диаграммаи 3.7b: Раҳнамоӣ ва гузаронидани самараноки дарс дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*















***Санҷиши сатҳи фаҳмиш***. Ба ҳисоби миёна, омӯзгорони муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз 5 хол дар ин унсур 3,1 хол гирифтанд (***диаграммаи 3.3***). Дар ***диаграммаҳои 3.8a ва 3.8b*** тақсимоти холҳои омӯзгорон барои унсури «***Санҷиши сатҳи фаҳмиш***» ва рафтор мувофиқи он нишон дода шудаанд.

Зиёда аз 6 нафар аз 10 омӯзгори муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ (66%) ва муассисаҳои таълимии назоратӣ (63%) барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши баъзе хонандагон саволҳо ва стратегияҳои дигарро истифода мебаранд, вале на бештари онҳо. Ин рафтор дар муҳити синф тавассути чунин амал зоҳир мегардад, ки омӯзгор мепурсад: «Кӣ метавонад ба ман як намунаи кунҷи рефлексӣ диҳад?» Танҳо чанд хонанда бо баланд кардани даст ҷавоб додан мехоҳанд ва омӯзгор аз миёни онҳо як ё ду нафарро барои ҷавоб гуфтан интихоб мекунад. Ҳангоми кори мустақилона ё кори гурӯҳӣ тақрибан 4 нафар аз 10 омӯзгорони муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ (42%) ва назоратӣ (38%) сатҳи фаҳмиши баъзе хонандагонро тавассути мушоҳидаи дақиқии хонандагон, гӯш кардани баъзе муҳокимаҳои гурӯҳи хурд, возеҳ кардани мафҳумҳо ё додани саволҳо назорат мекунанд.

Тақрибан аз 10 омӯзгори муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ 7 нафар (69%) ва аз 10 омӯзгори муассисаҳои таълимии назоратӣ 6 нафар (63%) барои фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои омӯхтан дарсҳои худро каме такмил медиҳанд, аммо ин ислоҳот кӯтоҳ ва рӯякӣ мебошанд. Масалан, вақте ки омӯзгор аз хонанда хоҳиш мекунад, ки вазифаи скелети марказии инсонро шарҳ диҳад ва хонанда барои ба хотир овардани ин далел ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, омӯзгор ба хонанда мегӯяд, ки ӯ ба як бахше дар китоби дарсии худ назар кунад ва омӯзгор вақти худро барои шарҳи мавзӯъ ба хонанда сарф намекунад.

Намунаҳои рафторҳои гуногун ва холҳои алоқаманд барои ***Унсури 4: Санҷиш барои фаҳмиш дар ҷадвали А1.4*** дар замимаҳо пайдо кардан мумкин аст.

***Диаграммаи 3.8a: Роҳҳои санҷидани фаҳмиши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***






**4.3. Таълимро мутобиқ месозад**




## *Диаграммаи 3.8b: Роҳҳои санҷидани фаҳмиши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*

**4.1. Истифодаи саволҳо ва ишораҳо**




**4.2. Дар вақти кори мустақилона/гурӯҳӣ назорат мекунад**




**4.3. Таълимро мутобиқ месозад**



**4. Санҷиш барои фаҳмиш**




***Робитаи мутақобила***. Ба ҳисоби миёна, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз 5 хол дар ин унсур 3,0 хол гирифтанд (***диагрммаи 3.3***). Дар ***диаграммаҳои 3.9а ва 3.9б*** тақсимоти холҳои омӯзгорон барои унсури «***Робитаи мутақобила***» ва рафтор мувофиқи он нишон дода шудааст.

Зиёда аз се ду ҳиссаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ (61%) ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ (65%) ба хонандагон дар бораи нофаҳмиҳои онҳо (яъне, хатоҳо, ҷавобҳои нодуруст ва ғ.) шарҳҳои умумӣ ё рӯякӣ медиҳанд. Ин рафторро дар синфхона мушоҳида мешавад, ки дар дарси математика омӯзгор ба хонанда мегӯяд: «Шумо воридкунии аломати манфиро фаромӯш кардаед», маълумоти иловагӣ ва шарҳи бештар намедиҳад.

Илова бар ин, зиёда аз нисфи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ (мутаносибан 56% ва 53%) ба хонандагон дар бораи муваффаҳиятҳои онҳо шарҳҳои умумӣ ё рӯякӣ медиҳанд (яъне, додани ҷавоби дуруст, иҷрои кор дар вақти имтиҳон ва ғайра). Масалан, омӯзгори фанни математика метавонад ба хонандае, ки диаграммаи сутуниро кашида истодааст, бигӯяд: "Кори хуб барои диаграммаи сутунӣ" ё "Диаграммаи сутунии шумо хуб тасвир ёфтааст" ва муайян намекунад, ки хонанда кадом ҷиҳатро хуб тасвир кардааст.

Намунаҳои рафторҳои гуногун ва холҳои алоқаманд барои **Унсури 5: Робитаи мутақобила** дар **ҷадвали А1.5** дар замимаҳо пайдо кардан мумкин аст.

## *Диаграммаи 3.9а: Робитаи мутақобила дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ*

**5.1. Эзоҳ барои аниқ кардани нофаҳмиҳоро таъмин мекунад**




**5.2. Эзоҳро барои муайян кардани муваффақият таъмин мекунад**




**5. Фикру мулоҳизаҳои ҷавобӣ**



## *Диаграммаи 3.9b: Робитаи мутақобила дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*










***Тафаккури интиқодӣ***. Ба ҳисоби миёна, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз 5 холи имконпазир дар ин унсур 2,7 хол гирифтанд (***диаграммаи 3.3***). Дар ***диаграммаҳои 3.10а ва 3.10b*** тақсимоти холҳои омӯзгорон барои унсури «Тафаккури интиқодӣ» ва рафтори мувофиқи он нишон дода шудаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ нисфи омӯзгорон (49%) ба хонандагон ду ё зиёда саволҳои кушода медиҳанд, аммо онҳо ба ин ҷавобҳо пайравӣ намекунанд ё танҳо ҷавоби як хонандаро пайгирӣ мекунанд. Дар ҳоле, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ 43% омӯзгорон далелҳои ҳамин рафторро нишон медиҳанд. Намунаи ин амал ҳангоми дарси фанни химия аён гардид, вақте ки омӯзгор мепурсад: «Мо чӣ гуна метавонем ба роҳандозии ин таҷрибаи таълимӣ оғоз намоем?». Баъдтар дар дарс омӯзгор мепурсад: «Ба фикри шумо дар ин озмоиш чӣ мешавад?». Пас аз ҷавоби хонанда омӯзгор аз паси ӯ мепурсад: "Барои чӣ шумо чунин фикр мекунед?"

Аксарияти омӯзгорони ҳар ду гурӯҳ (65% муассисаҳои лоиҳавӣ ва 61% муассисаҳои назоратӣ) ба хонандагони худ вазифаҳои фикрии рӯякӣ медиҳанд. Далели ин рафтор дар дарси математика аён гардид, вақте ки омӯзгор тамоми қадамҳои ҳалли муодилаи хат ва кашидани хатро дар график нишон медиҳад ва сипас масъалаи шабеҳи дигареро барои иҷрои кори мустақилона ба хонандагон дар мизҳояшон пешниҳод менамояд. Илова бар ин, вақте ки супориши тафаккурӣ дода мешавад, аксарияти хонандагони муассисаҳои лоиҳавӣ (60%) ва муассисаҳои назоратӣ (56%) супоришҳои омӯзгоронро иҷро мекунанд.

Дар ҳар ду гурӯҳи муассисаҳои таълимӣ беш аз нисфи хонандагон

(55% лоиҳавӣ ва 61% назоратӣ) андешаи худро баён намекунанд ва ба омӯзгор саволҳои кушода намедиҳанд. Онҳо ба саволҳо ҷавоб медиҳанд ё ба мубоҳисаҳо бо гуфтани «Ҳа» ё «Не» ё бо пешниҳоди як далели оддӣ саҳм мегузоранд. Масалан, дар дарси химия омӯзгор мегӯяд: «Се ҷадвали ҳарорат, ки имрӯз истифода мешаванд, кадомҳоянд?». Хонанда дар посух «Celsius, Kelvin ва Farenheit», аммо шарҳ намедиҳад, ки барои чӣ ҷадвалҳои гуногун истифода мешаванд.

***Диаграммаи 3.10a: Тафаккури интиқодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***




***Диаграммаи 3.10b: Тафаккури интиқодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ***

### 6.1. Саволҳои кушода медиҳад




### 6.2. Вазифаҳои фикрӣ медиҳад




### 6.3. Хонандагон саволи кушода медиҳанд ё вазифаҳои фикриро иҷро мекунанд




### 6.4. Хонандагон фикри худро мефаҳмонанд ё саволи кушода медиҳанд




### 6. Тафаккури интиқодӣ



## Дастурдиҳӣ: натиҷаҳо вобаста ба синф

***Диаграммаҳои 3.11a ва 3.11b*** холҳои миёнаро аз рӯи чор унсури “Дастурдиҳӣ” нишон медиҳанд ва онҳо барои муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва назоратӣ вобаста ба синфҳо ҷудо карда шудаанд.

Дар муассисаҳои лоиҳавӣ миёни омӯзгороне, ки вобаста ба синфҳо масъуланд, дар самти дастурдиҳӣ баъзе фарқиятҳо мавҷуданд. Омӯзгорони синфи 7 нисбат ба аксарияти ҳамкасбони худ, ки дар синфҳои болоӣ дарс мегузаранд, дар гузаронидани дарсҳо, санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон ва пешниҳоди робитаи мутақобила ба хонандагон каме беҳтар кор мекунанд. Бо вуҷуди ин, омӯзгорони синфҳои 7 дар баробари омӯзгорони синфҳои 9 дар фароҳам овардани имкониятҳои ташаккули малакаҳои тафаккури интиқодӣ дар байни хонандагон натиҷаҳои пасттаринро ба даст овардаанд.

Дар муассисаҳои таълимии назоратӣ ҳангоми баррасии самти “Дастурдиҳӣ” миёни омӯзгорони синфҳои гуногун фарқияти бештар ба назар мерасад. Омӯзгорони синфи 8 дар се аз чаҳор унсури дар ин самт мавҷудбуда нисбат ба ҳамкасбони худ, ки дар синфҳои дигар дарс медиҳанд, дар гузаронидани дарс, санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон ва кӯмак ба хонандагон дар рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ фаъолияти беҳтар доранд. Ҳангоми таъмини робитаи мутақобила ба хонандагон, омӯзгорони синфи 8 (3,0) нисбат ба омӯзгорони синфи 11 (3,1) натиҷаҳои каме пасттар нишон доданд. Аз тарафи дигар, омӯзгорони синфҳои 9 ва 10 дар ҳамаи чаҳор унсур (яъне, гузаронидани дарс, санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон ва кӯмак ба хонандагон дар рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ) холи пасттарин гирифтанд, ки ин нисбат ба холҳои аз ҳама зиёд гирифтаи омӯзгорони синфҳои 8 паст мебошад.

***Диаграммаи 3.11a: Дастурдиҳӣ вобаста ба синф дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***



*Диаграммаи 3.11b: Дастурдиҳӣ вобаста ба синф дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*



## *Самти 3: Натиҷаҳои малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ*

Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ муайян мекунад, то чӣ андоза омӯзгор рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва эмотсионалии хонандагонро инкишоф медиҳад, ки онҳо ҳам дар муҳити таълимӣ ва ҳам берун аз он ба муваффақият ноил шаванд. Барои инкишоф додани ин малакаҳо омӯзгор (i) **мустақилиятро** тавассути фароҳам овардани имкониятҳо ба хонандагон барои интихоби мустақилона ва иҷрои нақшҳои муҳим дар синф ба вуҷуд меорад. Хонандагон мустақилияти худро тавассути иштироки ихтиёрӣ дар фаъолиятҳои синфӣ нишон медиҳанд; (ii) **матонат**ро тарғиб мекунад, тавассути эътирофи кӯшишҳои хонандагон, на танҳо таваҷҷӯҳ ба зеҳн ё қобилиятҳои фитрии онҳо, бо муносибати хуб нисбат ба мушкилоти хонандагон ва шарҳ додани нокомӣ ва ноумедиҳо ҳамчун ҷузъи раванди омӯзиш; инчунин бо ташвиқ намудани хонандагон барои муайян кардани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат; ва (iii) **малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкориро** рушд медиҳад, тавассути ташвиқи ҳамкорӣ миёни ҳамсинфон ва таҳкими малакаҳои муоширати шахсӣ, аз қабили дарк кардани нуқтаи назари дигарон, ҳамдардӣ нишон додан, танзими эҳсосот ва ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоӣ. Хонандагон малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкориро тавассути иҷро фаъолиятҳо бо ҳамсинфон дар раванди таълим нишон медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ вобаста ба малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ нишондиҳандаҳои миёна ба даст овარданд. Ба ҳисоби миёна ҳар ду гурӯҳи омӯзгорон аз 5 хол дар ин самт 2,3 хол гирифтанд. Омӯзгорони ҳар ду гурӯҳи муассисаҳои талимӣ дар рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ ғайрифаъол буданд ва танҳо то андозае тавонистанд, имконият фароҳам оваранд, то хонандагон мустақилият ва устувории худро инкишоф диҳанд. (***нигаред ба диаграммаи 3.3***).

**Мустақилият**. Ба ҳисоби миёна омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ 2,7 хол гирифтанд ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ аз 5 холи имконпазир дар ин унсур 2,6 хол гирифтанд (***диаграммаи 3.3***).

Қариб нисфи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ (45%) ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ (48%) ба хонандагон ҳадди аққал як интихоби рӯякӣ медиҳанд, ки ба ҳадафи таълим алоқаманд нест. Далели ин рафтор дар синф он аст, ки омӯзгор ба хонандагон имкон медиҳад, ки тартиби анҷом додани фаъолиятҳоро интихоб кунанд (масалан, ҳал намудани кори мустақилонаи маҷмӯи муодилаҳои математикӣ ё ҷадвалҳо) ё ҳангоми интихоби иншо шарики худро интихоб кунанд.

Аксарияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ (70%) ва муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ (65%) ба хонандагони худ имконият медиҳанд, ки нақшҳои маҳдудеро дар синф иҷро кунанд. Намунаҳои нақшҳои маҳдуд дар бар мегирад, вақте омӯзгор аз хонандагон мепурсад, ки дар дарс ҳузурсанҷӣ кунанд, маводҳоро тақсим намоянд, дар тахта бинависанд, ҷавобҳои худро ба саволҳо дар назди синф ҷавоб диҳанд, инчунин тоза кардани тахтаи синф ё ҷамъоварии дафтарҳо иҷро кунанд.

Дар 6-7 синф аз ҳар 10 синфҳои муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ (68%) ва муассисаҳои таълимии назоратӣ (66%) танҳо чанд нафар хонандагон (камтар аз се ду ҳиссаи синфҳо) бо баёни ақидаҳои худ ва нақшҳо ихтиёрӣ иштирок мекунанд. Намунаҳои иштироки ихтиёрии хонандагон дар синф онҳоянд, ки ҳангоми додани савол аз ҷониби омӯзгор танҳо чанд хонанда дасти худро мебардоранд ва вақте омӯзгор саволи дигар медиҳад, боз ҳамон хонандагони камшумор дубора дасти худро мебардоранд.

Намунаҳои рафторҳои гуногун ва холҳои алоқаманд ба **Унсури 7: Мустақилият** дар **Ҷадвали А1.7** замимаҳо пайдо кардан мумкин аст.

***Диаграммаҳои 3.12a ва 3.12b*** тақсимоти холҳои омӯзгоронро барои унсури “Мустақилият” ва рафтори мувофиқи он нишон медиҳад.

***Диаграммаи 3.12a: Мустақилият дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***












## *Диаграммаи 3.12b: Мустақилият дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*




***Матонат.*** Ба ҳисоби миёна омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ 2,3 хол ва омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ 2,2 хол аз 5 холҳои имконпазир дар ин унсур гирифтанд (***диаграммаи 3.3***). Дар ***диаграммаҳои 3.13a ва 3.13b*** тақсимоти холҳои омӯзгорон барои унсури “Матонат” ва рафтори мувофиқи он нишон дода шудаанд.

Аз 10 нафар омӯзгор 6 нафараш (62%) дар муассисаҳои лоиҳавӣ ва нисфи омӯзгорон (50%) дар муассисаҳои назоратӣ баъзан кӯшишҳои хонандагонро эътироф мекунанд, вале қисми зиёди таърифкунӣ ба зеҳни хонандагон нигаронида шудааст. Далели ин рафтор дар синф: хонанда санҷишро хуб иҷро кард ва омӯзгор мегӯяд: “Саъю кӯшиши хуб” ё вақте ки хонанда кӯшиш мекунад, ки ба савол ҷавоб диҳад, аммо нодуруст ҷавоб медиҳад, омӯзгор мегӯяд, ки “Хуб кӯшиш кард”, аммо ба таври возеҳ муайян намекунад, ки ин кӯшишҳо чӣ гунаанд.

Тақрибан аз чор се ҳиссаи омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ (76%) ва омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ (72%) нисбати мушкилоти хонандагон муносибати бетараф доранд. Новобаста ба ин, ҳарчанд омӯзгорон хонандагонро барои иштибоҳ ва ё доштани мушкилот бо азхудкунии мафҳумҳои нав ҷазо намедиҳанд, онҳо намефаҳмонанд, ки нокомӣ ва ноумедӣ як қисми муқаррарии раванди таълим аст. Масалан, вақте ки хонанда ҳангоми ҳалли муодилаи математика дар тахтаи синф хато мекунад, омӯзгор ба хонанда танҳо бо усули бетараф ҷавоби дуруст медиҳад (яъне, на бо тарзи хашмгинона ё бесаброна).

Аксарияти омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ (66%) ва муассисаҳои назоратӣ (69%) хонандагонро барои гузоштани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат ташвиқ намекунанд (масалан, чанд боби китобро дар як ҳафта хондан ё муҳокимаи он, вақте ки хонандагон калон мешаванд, кӣ будан мехоҳанд).

Намунаҳои рафторҳои гуногун ва холҳои алоқаманд барои **Унсури 8: Матонат** дар **Ҷадвали A1.8** дар замимаҳо пайдо кардан мумкин аст.

***Диаграммаи 3.13а: Матонат дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***

**8.1. Кӯшишҳои хонандагонро қайд мекунад**




**8.2. Муносибати мусбат ба мушкилоти хонандагон**




**8.3. Банақшагириро ҳавасманд мекунад**






*Диаграммаи 3.13b: Матонат дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*












***Малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ***. Ба ҳисоби миёна омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ 1,9 хол ва омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ 1,8 хол аз 5 холи имконпазир дар ин унсур гирифтанд (***диаграммаи 3.3***). Дар ***диаграммаҳои 3.14a ва 3.14b*** тақсимоти холҳои омӯзгорон барои унсури “Малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ” ва рафтори мувофиқи он нишон дода шудааст.

Аксарияти омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ ва назоратӣ (мутаносибан 70% ва 74%) ба ҳамкории байни хонандагони худ мусоидат намекунанд. Намунаҳои фаъолиятҳои муштарак дар синфхона дар бар мегирад, вақте омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки дар гурӯҳҳои хурд кор кунанд, то озмоишро анҷом диҳанд ва натиҷаҳоро якҷоя нависанд. Дар сатҳи рӯякӣ ҳамкориро дидан дар ин ҳолат мумкин аст, вақте омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки китобҳои дарсии худро мубодила кунанд ё кори шарикро баҳогузорӣ кунанд.

Аксарияти омӯзгорони ҳарду гурӯҳи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (68% омӯзгорони муассисаҳои лоиҳавӣ ва 73% омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ) малакаҳои муносибатҳои байнишахсиро тамоман тарғиб намекунанд. Аз 10 нафар омӯзгори муассисаҳои лоиҳавӣ танҳо 3 нафар (29%) ва чоряки омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ (25%) малакаҳои муоширати байнишахсиро ба таври рӯякӣ тарғиб менамоянд. Ин рафторро дар синфхона мушоҳида кардан мумкин аст, вақте ки омӯзгор ба хонандагон мегӯяд: "Ба ҳамдигар кӯмак расонед" ва аз хонанда хоҳиш мекунад, ки ақидаҳои ҳамсинфони дигарро эҳтиром кунад ё хонандагонро ташвиқ мекунад, ҳангоми фаъолиятҳои гурӯҳӣ саҳмгузор бошанд. Бо вуҷуди ин, омӯзгор намефаҳмонад, ки барои чӣ ин рафторҳо муҳиманд.

Дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва назоратӣ зиёда аз нисфи хонандагон (мутаносибан 51% ва 57%) бо ҳамдигар ҳамкорӣ намекунанд ё вақте ки онҳо ҳамкорӣ мекунанд, рафтори манфӣ доранд. Далели ин рафтор дар синф аз он иборат аст, ки хонандагон бо ҳамсолони худ муошират намекунанд ва мустақилона кор мекунанд, пас аз он ки омӯзгор аз онҳо хоҳиш менамояд, ки шариконро барои фаъолият интихоб кунанд. Хонандагон рафтори манфӣ ба монанди теладиҳӣ, таҳқиркунӣ ё ба таври мақсаднок хориҷ кардани як ё якчанд ҳамсолони худро нишон медиҳанд.

Намунаҳои рафторҳои гуногун ва холҳои алоқамандро барои **Унсури 9: Малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ** дар **Ҷадвали A1.9** замимаҳо пайдо кардан мумкин аст.

*Диаграммаи 3.14а: Малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ*












## *Диаграммаи 3.14b: Малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*












## Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ: натиҷаҳо вобаста ба синф

***Диаграммаҳои 3.15а ва 3.15b*** холҳои миёнаро аз рӯи се унсур, ки самти малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалиро дар бар мегиранд, нишон медиҳанд. Ин маълумот вобаста ба синфҳо тақсим карда шудааст.

Дар муассисаҳои лоиҳавӣ байни омӯзгороне, ки барои синфҳои гуногун масъуланд, дар таъмини хонандагони худ бо имконияти рушди мустақилияти онҳо фарқият вуҷуд надошта, омӯзгорони ҳамаи синфҳо барои ин рафтор 2,7 хол аз 5 хол гирифтанд. Омӯзгорони синфи 7 (2,6) нисбат ба ҳамкасбони худ, ки дар синфҳои болоӣ дарс медиҳанд, фаъолияти назаррас доранд ва дар синфҳои худ матонатро тарбия мекунанд. Бо вуҷуди ин, омӯзгорони синфи 7 дар пешбурди малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ пас аз омӯзгорони синфи 9 холи паст гирифтанд.

Дар муассисаҳои назоратӣ омӯзгорони синфи 8 дар ҳар се унсури ин самт холи баландро гирифтанд, яъне ба хонандагон имконият медиҳанд, ки мустақилияти худро инкишоф диҳанд, матонатро пурқувват кунанд ва малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкориро дар муқоиса бо ҳамкасбони худ дар синфҳои дигар тарғиб намоянд. Омӯзгорон дар ҳамаи синфҳо ҳангоми муқоисаи унсурҳои мустақилият, матонат ва малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ сатҳи пасти нишондиҳандаҳоро нишон медиҳанд. Омӯзгорони синфи 10 аз унсури “Мустақилият” (2.6) ва малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ (1.6) 1 хол камтар гирифтанд.

***Диаграммаи 3.15а: Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ вобаста ба синфҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***



## *Диаграммаи 3.25b: Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ вобаста ба синфҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*



## *Таҳлили гендерӣ аз рӯи унсур*

Ин қисмат ҷадвалҳоеро дар бар мегирад, ки натиҷаҳоро дар се самти воситаи *TEACH Secondary* (Фарҳанги идоракунии синфхона, Дастурдиҳӣ ва Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ) бо тақсимот аз рӯи ҷинс нишон медиҳанд.

## *Фарҳанги идоракунии инфхона*

***Диаграммаҳои 3.16a ва 3.16b*** холҳоро барои муассисаҳои лоиҳавӣ ва назоратӣ аз рӯи ду унсур (Муҳити дастгирикунандаи таълим ва интизориҳои рафтори мусбат), ки самти Фарҳанги идоракунии синфхонаҳоро нишон медиҳад.

Барои муассисаҳои лоиҳавӣ маълумот нишон медиҳад, ки омӯзгорони зан аз омӯзгорони мард дар эҷоди муҳити дастгирикунандаи таълимӣ барои хонандагони худ (мутаносибан 3.3 ва 3.4) ё дар муқаррар намудани интизориҳои рафтори мусбӣ (мутаносибан 3.3 ва 3.4) он қадар фарқ намекунанд.

Дар муассисаҳои назоратӣ ҳам омӯзгорони зан ва ҳам мард холи миёнаро ба даст оварда, ҳар ду 3,4 холро барои қобилияти эҷоди муҳити дастгирикунандаи таълим гирифтанд. Дар байни омӯзгорони зан ва мард вобаста ба муқаррар кардани интизориҳои рафтори мусбат фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад (мутаносибан 3.1 ва 3.2).

***Диаграммаи 3.36a: Фарҳанги идоракунии синфхона аз рӯи таҳлили ҷинсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ***




***Диаграммаи 3.46b: Фарҳанги идоракунии синфхона аз рӯи таҳлили ҷинсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ***



## *Дастурдиҳӣ*

**Диаграммаҳои 3.17a and 3.17b** холҳоро барои муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар соҳаи дастурдиҳӣ, ки аз чаҳор унсур, яъне гузаронидани дарс, санҷиши фаҳмиш, робитаи мутақобила ва тафаккури интиқодӣ иборат аст, нишон медиҳад.

Ҳангоми таҳлили муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ маълумот нишон медиҳад, ки омӯзгорони зан ва мард дар холҳои гирифтаи худ вобаста ба чор унсури самти дастурдиҳӣ фарқияти калон надоранд ва аз холи миёна каме баландтарро дар гузаронидани дарс (мутаносибан 3.1 ва 3.2), санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон дар бораи мафҳуми дарс (3.2 ва 3.1) ва пешниҳоди робитаи мутақобилаи самаранок вобаста ба нофаҳмиҳо ва муваффақияҳои хонандагон (3.1 ва 3.0) ба даст овbooked. Омӯзгорони зан ва мард ҷиҳати фароҳам овардани имкониятҳо ба хонандагон барои истифодаи малакаҳои тафаккури интиқодӣ холи пасттарин гирифтанд (ҳарду 2,7 хол).

Ҳангоми таҳлили маълумот дар муассисаҳои назоратӣ фарқияти ҷинсҳо дар миёни омӯзгорон бештар аст. Омӯзгорони зан ва мард дар гузаронидани дарс баҳои баробар гирифтанд (ҳарду 3,0 хол), ки каме пасттар аз холҳои миёнаи умумӣ (3,1) мебошад. Бо вуҷуди ин, омӯзгорони зан (3,3) дар санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон нисбат ба мардон (2,9) натиҷви беҳтар доранд, ки ин натиҷа аз холи миёнаи умумӣ (3,1) каме баландтар мебошад. Баръакс, омӯзгорони мард (2,9) дар пешниҳоди робитаи мутақобила ба хонандагон нисбат ба занон (2,7) холи баланд гирифтанд, гарчанде ки холҳои гирифтани ҳар ду гурӯҳи омӯзгорон аз холи миёнаи умумӣ (3,0) пасттар мебошад. Омӯзгорони зан ва мард барои фароҳам овардани имкониятҳо ба хонандагон ҷиҳати истифодаи малакаҳои тафаккури интиқодӣ натиҷаҳои зеринро бад даст оварданд, 2,6 ва 2,5 хол. Ин натиҷаҳо аз холи миёнаи умумӣ (2,7) пасттар мебошад.

Дар натиҷа, ҳангоми таҳлили маълумоти умумӣ омӯзгорони зан ва мард дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар гузаронидани дарсҳо ва санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон таҷрибаи миёна ё малакаи миёна доранд. Бо вуҷуди ин, гарчанде ки омӯзгорони зан ва мард аз муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ барои пешниҳоди робитаи мутақобила ба хонандагон холи миёнаро ба даст оварданд (мутаносибан 3,1 ва 3,0), омӯзгорони зан ва мард аз муассисаҳои таълимии назоратӣ дар ин самт холҳои пасттар гирифтанд (мутаносибан 2,7 ва 2,9). Ин маълумот нишон медиҳад, ки омӯзгорони муассисаҳои таълимии назоратӣ вақти зиёдро барои пешниҳоди шарҳу эзоҳҳои возеҳ ба хонандагон сарф мекунанд ва бо ин онҳо фаҳмондан мехоҳанд, ки барои чӣ хонандагон фаъолияти таълимиро суст ё хуб иҷро кардаанд. Ҳамзамон, омӯзгорони зан ва мард дар ҳар ду мактаб дар пешниҳоди фаъолиятҳо барои рушди малакаҳои тафаккури интиқодии хонандагон холи паст гирифтанд. Дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ омӯзгорони зан ва мард 2,7 хол гирифтанд, дар муассисаҳои таълимии назоратӣ бошад, омӯзгорони зан ва мард мутаносибан 2,6 ва 2,5 хол гирифтанд. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ҳамаи омӯзгорон дар ташвиқи хонандагон ба тафаккури интиқодӣ (тавассути додани саволҳои кушода ва супоришҳои тафаккурӣ, ки аз онҳо таҳлили фаъолонаи мӯҳтаворо тақозо мекунад) он қадар малакаи хуб надоранд. Аз сабаби кам будани фаъолиятҳои тафаккури интиқодӣ танҳо баъзе хонандагон супоришҳои тафаккуриеро, ки омӯзгор пешниҳод мекунанд, иҷро мекунанд ва аксарият фикри худро ба омӯзгор намефаҳмонанд ва саволҳои кушода медиҳанд.

*Диаграммаи 3.57a: Дастурдиҳӣ вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ*




*Диаграммаи 3.67b: Дастурдиҳӣ вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*




## *Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ*

**Диаграммаҳои 3.18a ва 3.18b** холҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратиро барои самти малакаҳои иҷтимоӣ - эмотсионалӣ, ки аз унсурҳои “Мустақилият, матонат ва малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ” иборатанд, нишон медиҳад.

Миёни омӯзгорони зан ва мард дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ вобаста ба холҳои гирифташуда аз рӯи се унсури малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ фарқият дида намешавад. Ҳар ду гурӯҳи омӯзгорон холи якхелаи 2,7-ро барои унсури зерин ба даст овардаанд: ба хонандагон имконият медиҳанд, ки дар давоми дарсҳо мустақилияти худро инкишоф диҳанд. Ин натиҷа аз холи миёнаи умумӣ (2,6) каме беҳтар мебошад. Омӯзгорони зан ва мард дар пешбурди фаъолиятҳо барои рушди матонати хонандагон низ холҳои якхела гирифтанд (2.3). Ин хол инчунин нишон медиҳад, ки ҳар ду гурӯҳи омӯзгорон аз холи миёнаи умумӣ камтар хол гирифтанд. Ҳангоми баррасии қобилиятҳои омӯзгорон барои фароҳам овардани имкониятҳо ҷиҳати рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкории онҳо, омӯзгорони зан (2,1) нисбат ба мардон (1,9) беҳтар буданд ва инчунин аз нишондиҳандаи миёнаи умумӣ ҳам

(1,9) беҳтар буданд. Бо вуҷуди ин, дар маҷмуъ омӯзгорони зан ва мард бо ин рафторҳо маҳорати паст доранд.

Дар муассисаҳои таълимии назоратӣ омӯзгорони зан ва мард натиҷаҳои якхеларо бо холи миёна (2,6) вобаста ба пешбурди мустақилият дар байни хонандагони синф нишон доданд. Байни ин ду гурӯҳи омӯзгорон аз рӯи қобилияти рушди матонати хонандагон тафовути ҷиддӣ вуҷуд надорад, гарчанде ки омӯзгорони мард (2,2) нисбат ба занон (2,1) каме зиёдтар хол гирифтанд. Натиҷа нишон медиҳад, ки омӯзгорон аз холи миёнаи умумӣ (2,3) аз рӯи ин унсур холи камтар гирифтанд. Ниҳоят, омӯзгорони зан (2,1) ҳангоми фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ ба хонандагон нисбат ба мардон (1,6) ва ба таври назаррас аз холи миёнаи умумӣ (1,9) холи баландтар гирифтанд.

Дар умум, ҳангоми баррасии маълумоти умумӣ аз рӯи гендер барои муассисаҳои лоиҳавӣ ва муассисаҳои назоратӣ маълум мешавад, ки омӯзгорони ҳам зан ва ҳам мард дар самти малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ аз ҳисоби миёна холи пасттар доранд. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгорони зан ва мард дар фароҳам овардани имконияти интихоб ва иҷрои нақшҳо дар синф ба хонандагон таҷрибаи кам доранд ва барои эътирофи саъю кӯшиши хонандагон ҷиҳати иҷрои фаъолиятҳо ва аз худ кардани мафҳумҳои нав вақти зиёд сарф намекунанд. Омӯзгор камтар ба хонандагон хотиррасон мекунад, ки ноумедӣ ва нокомӣ қисмҳои муқаррарии раванди таълим мебошанд ва хонандагонро барои гузоштани ҳадафҳои таълимӣ ташвиқ мекунанд. Маълум аст, ки омӯзгорон барои гузаронидани як қисми дарсҳои худ ба фаъолиятҳои муштарак, ки дар он хонандагон барои ҳалли мушкилот якҷоя кор мекунанд, танқисӣ мекашанд ва ба пешбурди малакаҳои байнишахсии хонандагон таваҷҷӯҳи кам медиҳанд.

**Диаграммаи 3.18а: Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ**



*Диаграммаи 3.18b:* Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ вобаста ба таҳлили гендерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии *назоратӣ*



## *Фаъолияти назарраси муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ*

Дар ҷадвали зерин 15 муассисаи таълимии лоиҳавӣ нишон дода шудааст, ки холҳои баландтаринро дар доираи таҳқиқоти TEACH ба даст оварданд. Холҳо бо роҳи дарёфти баҳои миёнаи ҳар як омӯзгор, ки ҳангоми пурсиш мушоҳида шудааст, ба даст оварда шудаанд. Ин тавассути ҷамъбасти 9 хол аз рӯи унсурҳо аз сегменти мушоҳидаи якум ва дуюм барои ҷамъи 18 хол анҷом дода шуд. Сипас, баҳои миёнаи омӯзгорон тавассути тақсим кардани баҳои умумӣ ба 18 хол муайян карда шуд. Баъдан, муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ба вилоятҳо ва ноҳияҳо гурӯҳбандӣ карда шуданд. Холҳои миёнаи омӯзгорони мушоҳидашудаи ҳар як мактаб ҳисоб карда шуда, ба шумораи омӯзгороне, ки мушоҳида гардидаанд, тақсим карда шуданд, то холҳои миёна дар доираи таҳқиқоти TEACH барои ҳар як муассиса муайян гардад. Ин холҳои муассисаҳои таълимӣ аз баландтарин то пасттарин тартиб дода шуда, 15 холҳои беҳтарини TEACH муайян карда шуданд. Ҷадвали 3, 15 муассисаи таълимии беҳтарини лоиҳавии TEACH-ро дар асоси холи миёнаи умумӣ барои ҳар як муассисаи таълимӣ нишон медиҳад.

### *Ҷадвал 3. 15 Натиҷаҳои беҳтарини муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ*

| № | МИНТАҚА | ШАҲР/НОҲИЯ | МАКТАБ | ХОЛИ МИЁНАИ УМУМӢ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | НТҶ | Турсунзода | Мактаби №59 | 4.37 |
| 2 | Суғд | Деваштич | Мактаби №51 | 3.71 |
| 3 | Хатлон | Темурмалик | Мактаби №12 | 3.57 |
| 4 | НТҶ | Рӯдакӣ | Мактаби №119 | 3.50 |
| 5 | Хатлон | Темурмалик | Мактаби №39 | 3.48 |
| 6 | Хатлон | Данғара | Мактаби №56 | 3.44 |
| 7 | Хатлон | Ҳамадонӣ | Мактаби №18 | 3.37 |
| 8 | Хатлон | Балҷувон | Мактаби №34 | 3.35 |
| 9 | Хатлон | Фархор | Мактаби №39 | 3.33 |
| 10 | Хатлон | Данғара | Мактаби №26 | 3.31 |
| 11 | Хатлон | Темурмалик | Мактаби №5 | 3.29 |
| 12 | НТҶ | Ваҳдат | Мактаби №63 | 3.26 |
| 13 | НТҶ | Варзоб | Мактаби №40 | 3.25 |
| 14 | Хатлон | Фархор | Мактаби №56 | 3.25 |
| 15 | НТҶ | Ҳисор | Мактаби №101 | 3.22 |

# Хулосаҳо ва тавсияҳо

Ҳисобот нишон дод, ки омӯзгорони Тоҷикистон ҳам муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва ҳам муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ дар синфхонаҳои худ як қатор ҷиҳатҳои қавӣ ва заифии педагогиро нишон доданд. Натиҷаҳои таҳқиқоти TEACH Secondary нишон медиҳанд, ки омӯзгорон дар самти «Фарҳанги идоракунии синфхона» қобилиятҳои миёна доранд (***диаграммаи 3.3***), ки ин самт бо эҷоди муҳити дастгиркунандаи таълим ва муайянсозии интизориҳои мусбати рафтор аз ҷониби омӯзгор тавсиф меёбад. Ҳамзамон, онҳо дар самти «Дастурдиҳӣ» маҳорати миёнаро нишон доданд, ки ин самт бо гузаронидани дарс, санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон, пешниҳоди робитаи мутақобила ва фароҳам овардани имконият барои рушди тафаккури интиқодӣ тавсиф мешавад. Бо вуҷуди ин, онҳо дар самти «Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ» заифтарин натиҷаро нишон доданд, ки тибқи воситаи TEACH Secondary самти мазкур бо рушди мустақилияти хонандагон, тарғиби матонат ва ташвиқи маҳоратҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ тавсиф мешавад.

## Тавсияҳо

Дар асоси натиҷаҳои болозикр ба Вазорати маориф ва илм тавсияҳо ҳамчун қадамҳои минбаъда ҷиҳати амалигардонӣ таҳия гардидаанд, ки метавонанд ба лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» (Лоиҳаи LEARN) ворид карда шаванд, то дар расидан ба ҳадафҳои ташаббус, яъне беҳтар намудани муҳити таълим ва сифати таҷрибаи омӯзгорӣ дар зинаи таҳсилоти умумӣ мусоидат намоянд. Вазорат ва дигар ҷонибҳои манфиатдор натиҷаҳоро танҳо ҳамчун тавсияҳои сатҳи синфӣ дар асоси маълумоти бадастомада аз воситаи арзёбӣ, ки метавонанд барои рушди касбӣ, банақшагирӣ ва ғайра муфид бошанд, истифода намоянд. Натиҷаҳои ҳисобот фаҳмишҳоеро пешниҳод мекунад, ки чӣ тавр масъулони соҳа метавонанд беҳтарсозии раванди таълим дар зинаи таҳсилоти умумиро аз сатҳи синф шурӯъ намоянд.

Тавсияҳои зерин ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод карда мешаванд:

- **Таваҷҷӯҳи захираҳо ба беҳтар намудани тавонмандии омӯзгорон ҷиҳати фароҳам овардани имкониятҳо ба хонандагон вобаста ба ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ,** аз ҷумла қобилияти омӯзгорон барои фароҳам овардани имкониятҳо ба хонандагон ҷиҳати ташаккули мустақилият, матонат ва малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ. Инҳо малакаҳои муҳиме мебошанд, ки хонандагони зинаи таҳсилоти умумӣ бояд дошта бошанд, зеро ин малакаҳо малакаҳои асосии марбут ба омодагӣ ба кор ва узви самараноки ҷомеа шудан мебошанд. Ин беҳбудӣ дар ҳамаи зинаҳои омӯзиш, аз ҷумла ҳам ба муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва ҳам ба назоратӣ дар ҳамаи синфҳо ва барои омӯзгорони марду зан зарур аст.
- **Тарғиби омӯзгорон барои ҳавасмандгардонии мустақилият ва матонати хонандагон** барои рушди ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш ва қобилияти идома додан сарфи назар аз мушкилот. Ин беҳбудӣ, инчунин дар ҳамаи табақаҳои ба таҳқиқот фарогирифташуда тавре ки дар боло гуфта шуд, зарур аст.
- **Баланд бардоштани қобилияти омӯзгорон барои пешниҳоди фаъолиятҳое, ки малакаҳои тафаккури интиқодии хонандагонро инкишоф медиҳанд**, тавассути додани саволҳои кушода, ки андешаҳо, пешгӯиҳо, таҳлилҳо ва ғайраро талаб

мекунанд, ҳавасманд кардани хонандагон ба ҷавобдиҳӣ ба саволҳои кушода ва таъмини фаъолиятҳое, ки малакаҳои тафаккури сатҳи баландро талаб мекунанд. Инро барои омӯзгорони ҳамаи синфҳо (яъне, синфҳои 7-11) дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, вале махсусан дар синфҳои 9 ва 10 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ҳавасманд кардан муҳим аст.

- **Рушди қобилияти омӯзгорон ҷиҳати пешниҳоди робитаи мутақобила, ки ба хонандагон имконияти фаҳмидани барои чӣ ва кай дар дарс муваффақ гардидаанд**, инчунин эродҳое, ки нофаҳмиҳои хонандагонро равшан муайян мекунанд. Ин беҳтарсозӣ пеш аз ҳама дар муассисаҳои таълимии назоратӣ ба омӯзгорони зан ва омӯзгорони синфҳои 7 ва 9 зарур аст.
- **Баланд бардоштани қобилияти ҳамаи омӯзгорон ҷиҳати мубориза бурдан бо қолабҳо ва ғаразҳои марбут ба ҷинсият ва шахсони дорои маъюбият.** Аксарияти омӯзгорони муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар синфхонаҳо нисбати писарону духтарон ва шахсони дорои маъюбият баробар ва адолатона муносибат мекунанд. Бо вуҷуди ин, қариб ҳеҷ як омӯзгор дар давоми дарсҳо барои аз байн бурдани стереотипҳои манфӣ дар бораи писарон, духтарон ва шахсони дорои маъюбият вақт сарф намекунад. Ин ҳолатҳо имкониятҳои аздастрафта барои омӯзгорон мебошанд, то ба хонандагон дар фаҳмидани он, ки стереотипҳо ва ғаразҳо метавонанд ба гурӯҳҳои муайян зарар расонанд ва дар дарки аҳамияти муносибати одилона ва боэҳтиромона ба ҳамаи одамон кӯмак расонанд.

# Адабиёти истифодашуда

Barro, R., & Lee, J.-W. (2013). A new data set of educational attainment in the world, 1950–2010. *Journal of Development Economics*, *104*(C), 184–198. https://doi.org/10.1016/j.jdeveco.2012.10.001

Bau, N., & Das, J. (2017). The misallocation of pay and productivity in the public sector: Evidence from the labor market for teachers (Policy Research Working Paper No. 8050). World Bank. https://openknowledge.worldbank.org/handle/10986/26502

Carter, E., & Rose, P. (2021). Teacher practices in Rwandan secondary mathematics classrooms: Findings from classroom observations. Leaders in Teaching Research and Policy Series, Laterite, Rwanda and REAL Centre, University of Cambridge.

CAST (2018). Universal design for learning guidelines version 2.2 [graphic organizer]. Wakefield, MA: Author.

Chetty, R., Friedman, J. N., & Rockoff, J. E. (2014). Measuring the Impacts of Teachers II: Teacher Value-Added and Student Outcomes in Adulthood. The American Economic Review, 104(9), 2633–2679. DOI: 10.1257/aer.104.9.2633

Cohen, E. G., Brody, C. M., & Sapon-Shevin, M. (Eds.). (2004). Teaching cooperative learning: The challenge for teacher education. Suny Press; and Kani, N. H. A., & Shahrill, M. (2015). Applying the thinking aloud pair problem solving strategy in mathematics lessons. Asian Journal of Management Sciences and Education, 4(2), 20-28.

Evans, D. K., & Acosta, A. (2020). Education in Africa: What Are We Learning? Journal of African Economies, 30. https://doi.org/10.1093/jae/ejaa009

Evans, D. K., & Yuan, F. (2017). Economic returns to interventions that increase learning (Background paper). World Development Report 2018. World Bank.

Grossman, P., Loeb, S., Cohen, J., & Wyckoff, J. (2013). Measure for Measure: The Relationship between Measures of Instructional Practice in Middle School English Language Arts and Teachers' Value-Added Scores. American Journal of Education, 119(3), 445–470. https://doi.org/10.1086/669901

Hanushek, E. A., & Rivkin, S. G. (2010). Generalizations about Using Value-Added Measures of Teacher Quality. American Economic Review, 100(2), 267–271. https://doi.org/10.1257/aer.100.2.267

Hanushek, E. A., & Woessmann, L. (2008). The Role of Cognitive Skills in Economic Development. Journal of Economic Literature, 46(3), 607–668. https://doi.org/10.1257/jel.46.3.607

Hatch, R. (2015). Making Waves: The Rising Demand for Secondary Education in Sub-Saharan Africa (Technical Report). Education Policy and Data Center. https://doi.org/10.13140/RG.2.2.28273.84327

Hattie, J., & Yates, G. (2014). Visible learning and the science of how we learn. London: Routledge, Taylor & Francis Group.

Hill, H., Blunk, M., Charalambous, C., Lewis, J., Phelps, G., Sleep, L., & Ball, D. (2008). Mathematical Knowledge for Teaching and the Mathematical Quality of Instruction: An Exploratory Study. Cognition and Instruction, 26, 430–511. https://doi.org/10.1080/07370000802177235

Hu, L., & Bentler, P. M. (1999). Cutoff criteria for fit indexes in covariance structure analysis: Conventional criteria versus new alternatives. Structural Equation Modeling: A Multidisciplinary Journal, 6, 1–55.

Koo, T. K. and Li, M. Y. (2016). A guideline of selecting and reporting intraclass correlation coefficients for reliability research. Journal of Chiropractic Medicine, 15, 155-163.

Mastercard Foundation. (2020). Secondary Education in Africa. Mastercard Foundation. https://doi.org/10.15868/socialsector.35972

Molina, E., Carter, E., Luna-Bazaldua, D., Pushparatnum, A., & Singal, N. (2021). Teaching for All? Measuring the Quality of Inclusive Practices Across 8 Countries. Working Paper. World Bank, Washington, DC

Molina, E., Fatima, S. F., Ho, A., Melo, C., Wilichowksi, T., & Pushparatnam, A. (2020). Measuring the Quality of Teaching Practices in Primary Schools: Assessing the Validity of the Teach Observation Tool in Punjab, Pakistan. Teaching and Teacher Education. 96, 103171.

Null C., Cosentino, A., Sridharan, S., & Meyer, L. (2017). Policies and programs to improve secondary

education in developing countries: A review of the evidence (Working Paper). Mathematica Policy Research.

Nye, B., Konstantopoulos, S., & Hedges, L. V. (2004). How Large Are Teacher Effects? Educational Evaluation and Policy Analysis, 26(3), 237–257. https://doi.org/10.3102/01623737026003237

Ochoa, A. A. C., Thomas, P. S., Tikly, P. L., & Doyle, H. (2018). Scan of International Approaches to Teacher Assessment (Bristol Working Papers in Education Series #06/2018). University of Bristol School of Education.

Pianta, R. C., Hamre, B. K., & Mintz, S. (2012). Secondary CLASS: Classroom assessment scoring system. Charlottesville,Virginia: University of Virginia.

Rao, Kavita, Ok, Min W, and Bryant, Brian R (2014). A Review of Research on Universal Design Educational Models. Remedial and Special Education, 35(3), 153–166. https://doi.org/10.1177/0741932513518980

Seidman, E., Kim, S., Raza, M., Ishihara, M., & Halpin, P. (2018). Assessment of pedagogical practices and processes in low- and middle-income countries: Findings from secondary school classrooms in Uganda. Teaching and Teacher Education, 71, 283–296. https://doi.org/10.1016/j.tate.2017.12.017

Stallings, J. A. (1976). How Instructional Processes Relate to Child Outcomes in a National Study of Follow Through. Journal of Teacher Education, 27(1), 43–47. https://doi.org/10.1177/002248717602700111

Teddlie, C., Creemers, B., Kyriakides, L., Muijs, D., & Yu, F. (2006). The international system for Teacher Observation and Feedback: Evolution of an international study of teacher effectiveness constructs. Educational Research and Evaluation, 12(6), 561–582. https://doi.org/10.1080/13803610600874067

UNESCO. (2017). More than one-half of children and adolescents are not learning worldwide (Fact Sheet No. 46, UIS/FS/2017/ED/46). UNESCO Institute for Statistics. http://uis.unesco.org/sites/default/files/documents/fs46-more-than-half-children-not-learning-en-2017.pdf

UNICEF. (2021). Secondary Education and Enrollment Statistics. https://data.unicef.org/topic/education/secondary-education/

Walkington, C., & Marder, M. (2018). Using the UTeach Observation Protocol (UTOP) to understand the quality of mathematics instruction. ZDM, 50. https://doi.org/10.1007/s11858-018-0923-7

Wils, A., Sheehan, P., & Shi, H. (2019). Better Secondary Schooling Outcomes for Adolescents in Low- and Middle-Income Countries: Projections of Cost-Effective Approaches. The Journal of Adolescent Health: Official Publication of the Society for Adolescent Medicine, 65(1S), S25–S33. https://doi.org/10.1016/j.jadohealth.2019.03.024

World Bank. (2018). World Development Report 2018: Learning to Realize Education's Promise. World Bank.

# Замимаҳо

## Замимаи 1. Намунаҳо ва тавсифи холҳои рафтор дар доираи *Teach Secondary* аз рӯи унсур

### Ҷадвали A1.1: Ҷадвали намунавии баҳогузории муҳити ташаккулдиҳандаи таълим

| Ҳол | 1 2 | 3 | 4 5 |
|---|---|---|---|
| **Меъёри сифати рафтор** | Паст | Миёна | Баланд |
| 1.1<br>**Омӯзгор ба ҳама хонандагон эҳтиромона муносибат мекунад** | Омӯзгор на ба ҳамаи хонандагон эҳтиромона муносибат мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор метавонад ба баъзе хонандагон дод занад, онҳоро сарзаниш, шарманда, масхара кунад ё ҷазои ҷисмониро барои тарбияи онҳо истифода барад.* | Омӯзгор ба ҳама хонандагон то андозае эҳтиромона муносибат мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор ба хонандагон беэҳтиромӣ намекунад (масалан, ба хонандагон дод намезанад ё масхара намекунад), аммо омӯзгор нисбат ба хонандагон аломатҳои эҳтироми зоҳирии худро нишон намедиҳад (масалан, хонандагонро бо номашон фарёд намекунад; "лутфан/марҳамат"," "ташаккур" ё "бубахшед" ё додани салом ба монанди "субҳ ба хайр, хонандагон" ё дигар аломатҳои эҳтиром аз ҷиҳати фарҳангӣ мувофикро истифода намебарад).* | Омӯзгор ба ҳама хонандагон эҳтиромона муносибат мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор номи хонандагонро истифода мебарад; "Лутфан/марҳамат", "ташаккур", "субҳ ба хайр хонандагон" ва "мебахшед" мегӯяд ё дигар аломатҳои эҳтироми аз ҷиҳати фарҳангӣ мувофикро нишон медиҳад.* |
| 1.2<br>**Омӯзгор бо хонандагон бо (лаҳни ширин) хуб муошират мекунад** [2] | Омӯзгор бо хонандагон хуб муошират намекунад. | Омӯзгор бо хонандагон баъзан хуб муошират мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор метавонад "офарин", "дуруст" ё "хуб" гӯяд, гарчанде ки ин корро хеле кам мекунад.*<br>*Ба таври дигар, Омӯзгор метавонад аз имову ишораҳо, аз қабили кафкӯбӣ, ангуштбардорӣ ё дигар аломатҳои фарҳангии мувофикро истифода барад, гарчанде ки омӯзгор ин корро хеле кам мекунад.* | Омӯзгор бо хонандагон доимо хуб муошират мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор пайваста ибораҳои рӯҳбаландкунандаро истифода мебарад, аз қабили «Бениҳоят хуб!», вақте ки хонандагон кори худро нишон медиҳанд, ё "Хеле хуб!" ё «Биёед ба хонандаи А як кафкӯбӣ мекунем».*<br>*Ба таври дигар, Омӯзгор метавонад аз имову ишораҳо, ба монанди кафкӯбӣ ё дигар аломатҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ мувофиқи таърифро истифода барад. Хонандагон* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | *инчунин метавонанд ба ҳамсолони худ ибораҳои рӯҳбаландкунанда ё имову ишораро истифода баранд.* |
| 1.3<br>**Омӯзгор ба ниёзҳои хонандагон ҷавоб медиҳад** [3] | Омӯзгор аз эҳтиёҷоти хонандагон огоҳ нест ё мушкилоти мавҷударо ҳал намекунад.<br>*Масалан: Хонанда аз сабаби гирифтани баҳои ғайриқаноатбахш ғамгин шуда метавонад ва омӯзгор ба хонанда беэътиноӣ мекунад ё ин масъаларо нодида мегирад (масалан, омӯзгор ба хонанда мегӯяд, ки "ба тақдират тан деҳ" ё "худро ба даст гир").*<br>*Ба таври дигар, хонанда метавонад ба омӯзгор гӯяд, ки барои дидани матн дар тахтаи синф душворӣ мекашад ва омӯзгор ба сухани хонанда аҳамият намедиҳад ва дарсро идома медиҳад.* | Омӯзгор ба эҳтиёҷоти хонандагон ҷавоб медиҳад, аммо метавонад мушкилоти мавҷударо ҳал накунад.<br>*Масалан: Хонанда метавонад аз сабаби баҳои ғайриқаноатбахш ғамгин шавад. Омӯзгор пай бурда, аз хонанда мепурсад, ки оё мушкилие вуҷуд дорад ва пас аз он хонанда нишон медиҳад, ки аз баҳои худ нороҳат аст. Сипас, омӯзгор аз хонанда хоҳиш мекунад, ки дар вақти дигар бо омӯзгор дар ин бора сӯҳбат кунад, аз ин рӯ, мушкилии дар миён гузошташударо ҳал намекунад.*<br>*Ба таври дигар, хонанда метавонад ба омӯзгор гӯяд, ки барои дидани матн дар тахтаи синф душворӣ мекашад ва омӯзгор ба хонанда мегӯяд, ки ӯ бояд дар хотир дошта бошад, ки дафъаи оянда ба пеш наздиктар нишинад.* | Омӯзгор ба эҳтиёҷоти хонандагон тавре вокуниш нишон медиҳад, ки мушаххасан мушкилоти мавҷударо ҳал мекунад.<br>*Масалан: Хонанда метавонад аз сабаби баҳои ғайриқаноатбахш ғамгин шавад. Омӯзгор пай бурда, аз хонанда мепурсад, ки оё мушкилие вуҷуд дорад ва пас аз он хонанда нишон медиҳад, ки аз баҳои худ нороҳат аст. Пас аз он омӯзгор дар сари мизи кориаш бо хонанда оромона сӯҳбат мекунад, ки зоҳиран хонандаро ором мекунад ва масъаларо ҳал менамояд.*<br>*Ба таври дигар, хонанда метавонад барои дидани дастурҳои хаттӣ дар тахтаи синф душворӣ кашад, аз ин рӯ омӯзгор онро дар матни калонтар аз нав менависад ва/ё роҳи алтернативии дастрасии хонандаро ба иттилоот пешниҳод мекунад (масалан, дар варақаи алоҳида ё шифоҳӣ).* |
| 1.4<br>**Омӯзгор ба хонандагон ғараз надорад ва дар синф ба стереотипҳо муқобилият мекунад** [4] | Омӯзгор ба хонандагон дар синфхона ғаразнокиро нишон медиҳад ё қолабҳои тафаккурро тақвият мебахшад. | Омӯзгор ба хонандагон ғараз надорад, вале дар синф бар зидди стереотипҳо мубориза ҳам намебарад | Омӯзгор ба хонандагон ғараз надорад ва дар синф ба стереотипҳо муқобилият мекунад. |
| 1.4 а<br>**Ҷинс** | Омӯзгор метавонад инро тавассути фароҳам овардани имкониятҳои нобаробар барои иштирок дар фаъолиятҳои синфхона ба шогирдон ё баён кардани интизориҳои нобаробар нисбати | Омӯзгор ба хонандагони ҳар ду ҷинс имкониятҳои баробарро барои иштирок дар дарс фароҳам меорад ва аз ҳамаи онҳо интизориҳои якхела дорад.<br>*Масалан: Омӯзгор ба хонандагони ҳар ду ҷинс* | Омӯзгор ба хонандагони ҳар ду ҷинс барои иштирок дар дарс имкониятҳои баробар медиҳад, аз ҳамаи онҳо интизориҳои якхела дорад ва дар синф ба стереотипҳои гендерӣ муқобилият мекунад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | рафтор ё қобилиятҳои шогирдон нишон диҳад.<br>*Масалан: Омӯзгор танҳо писарон ё танҳо духтаронро даъват мекунад, ки ба саволҳои душвор ҷавоб диҳанд. Ва ё хонандагони ҳар ду ҷинсро барои ҷавоб додан ба саволҳои душвор даъват мекунад, вале танҳо духтаронро барои тоза кардани тахтаи синф ё тақсим кардани маводи таълимӣ (масалан, китобҳои дарсӣ) ба аҳли синф дастур медиҳад. Намунаҳои дигари ғарази гендерӣ ин аст, ки омӯзгорон барои ҷавоби нодуруст ба савол ё рафтори ношоиста писаронро сарзаниш мекунанд, аммо духтаронро не. Омӯзгорон барои ҷавоби дуруст додан ба савол духтаронро таъриф мекунанду писаронро не.* | *ҷиҳати ҷавоб додан ба саволҳои душвор имконияти баробар медиҳад ва пас аз ҷавоби дуруст ҳам писарону ҳам духтаронро таъриф мекунад. Омӯзгор аз писарон ва духтарон хоҳиш мекунад, ки тахтаи синфро тоза кунанд ва маводи таълимиро (масалан, китобҳои дарсӣ) ба аҳли синф тақсим кунанд.* | *Масалан: Омӯзгор хонандагони ҳар ду ҷинсро барои ҷавоб додан ба саволҳои душвор баробар даъват мекунад ва пас аз ҷавоби дуруст ба саволҳо ҳам писарону ҳам духтаронро таъриф мекунад. Омӯзгор ҳам аз писарон ва ҳам аз духтарон хоҳиш мекунад, ки тахтаи синфро тоза кунанд ва маводи таълимиро (масалан, китобҳои дарсӣ) ба аҳли синф тақсим кунанд. Омӯзгор, инчунин аз мисолҳо ва тавзеҳоте истифода мебарад, ки на танҳо мардон, балки занони олим, табиб ва кайҳоннавардро тасвир меёбанд ва/ё ба мубоҳисаҳои стереотипҳои гендерӣ ва/ё баробарии гендерӣ мусоидат мекунанд. Омӯзгор, инчунин метавонад фаъолона иштироки баробарро тавассути шарҳҳо ба монанди: "Биёед, боз чанд духтарро шунавем" ё "Акнун, мо аз духтарон шунидаем, пас биёед аз писарон пурсем"-ро ташвиқ намояд* |
| 1.4 б<br>Маъюбият | Омӯзгор ба хонандагон имкониятҳои нобаробарро барои иштирок дар фаъолиятҳои таълимӣ фароҳам меоварад, истилоҳҳои таҳқиромезро истифода мебарад ё интизориҳои номуносибро нисбати рафтор ё қобилиятҳои хонандагон изҳор менамояд.<br>*Масалан: Омӯзгор хонандагони дорои имконияташон маҳдудро аз дигар хонандагон ҷудо мешинонад.* | Омӯзгор ба хонандагони сатҳи қобилияташон якхела барои иштирок дар дарс имкониятҳои баробар фароҳам меорад ва аз ҳамаи хонандагон интизориҳои якхела дорад.<br>*Масалан: Омӯзгор ба хонандагони дорои имконияташон маҳдуд имкон медиҳад, ки ҳангоми кори гурӯҳӣ бо дигар аъзоёни синф кор кунанд, ба онҳо имконият фароҳам меорад, ки саволҳо диҳанд ва дар фаъолиятҳои таълимии* | Омӯзгор ба хонандагони ҳама гуна сатҳи қобилият барои иштирок дар дарс имкониятҳои баробар фароҳам меорад ва аз ҳамаи хонандагон интизориҳои якхела дорад ва ба стереотипҳои гендерӣ дар синф муқобилият мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор ба хонандагони дорои имконияташон маҳдуд имкон медиҳад, ки ҳангоми кори гурӯҳӣ бо дигар аъзоёни синф фаъолият кунанд ва мисолҳо ва шарҳҳоеро истифода мебарад, ки* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | *Омӯзгор метавонад ҳангоми муошират нисбати хонандагони дорои имкониятaшон маҳдуд истилоҳоти таҳқиромез истифода барад ё нисбат ба онҳо дар синф бо интизории номуносиби рафтор ё қобилиятҳои онҳо суханони ғаразнок баён кунад.* | *тамоми синф иштирок кунанд.*<br>*Ба таври дигар омӯзгор хонандагони дорои имкониятaшон маҳдудро ба мисли дигар хонандагони синф таъриф мекунад.* | *одамони дорои имкониятaшон маҳдуд дар вазифаҳои муҳим кору фаъолият менамоянд.* |
| [3]Ин рафтор ҳамчун номувофиқ арзёбӣ карда мешавад, агар талаботҳои эмотсионалӣ, моддӣ ё ҷисмонӣ, ки намоён аст, вуҷуд надошта бошад. | | | |
| *Сарчашма: дастури мушоҳидавии Teach Secondary.* | | | |

## Ҷадвали А1.2: Ҷадвали намунавии баҳогузории интизориҳои рафтори мусбат

| Хол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Меъёри сифати рафтор** | **Паст** | | **Миёна** | | **Баланд** |
| **2.1 Омӯзгор барои фаъолиятҳои таълимӣ интизориҳои возеҳи рафториро муқаррар мекунад** | Омӯзгор барои вазифаҳо ва/ё гузаронидани дарс дар синф интизориҳои рафториро муқаррар намекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор мегӯяд, ки "Аз болои малакаҳои фаҳмиши он чизе, ки хондед, кор кунед", лекин барои иҷрои ин фаъолият дастур намедиҳад.* | | Омӯзгор барои иҷрои вазифаҳо ва/ё фаъолиятҳои дарсӣ интизориҳои рафториро норавшан ё рӯякӣ муайян мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор мегӯяд: «Лутфан ин супоришро мустақилона анҷом диҳед» ё «Биёед инро якҷоя муҳокима кунем ва ҳама якбора гапназанед», бидуни он ки шарҳ диҳад, чунин рафтор ҳангоми анҷом додани фаъолият аз тарафи хонандагон чӣ маъно дорад.* | | Омӯзгор барои иҷрои вазифаҳо ва/ё фаъолиятҳои дарсӣ интизориҳои рафториро дақиқ муайян мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор мегӯяд: «Лутфан ин супоришро мустақилона анҷом диҳед» ё «Супориши худро иҷро кунед ва бо рафиқатон гуфтугӯ накунед», сипас хонандагон ба кори мустакилона шурӯъ мекунанд. Омӯзгор пеш аз оғози фаъолияти гурӯҳӣ мегӯяд: «Биёед, ин масъаларо дар гурӯҳ муҳокима мекунем ва ҳама баробар гап назанед. Фаромӯш накунед, агар хоҳед, ки ҷавоб диҳед, як нафарӣ дастатонро боло карда, сухан кунед».*<br>Ба таври дигар, омӯзгор интизориҳои рафтории дақиқро муқаррар намекунад, аммо хонандагон дар тамоми дарс хуб рафтор мекунанд. |
| **2.2 Омӯзгор рафтори мусбии** | Омӯзгор рафтори хонандагонро, ки ба интизориҳо мувофиқ ё аз | | Омӯзгор рафтори баъзе хонандагонро эътироф мекунад, аммо | | Омӯзгор рафтори мусбии хонандагонро, ки ба интизориҳо |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **хонандагонро эътироф мекунад** | он беҳтар аст, эътироф намекунад. | намефаҳмонад, ки аз онҳо чиро интизор аст.<br>*Масалан: Агар гурӯҳ интизориҳои рафториро риоя кунад, омӯзгор мегӯяд, ки "Ин гурӯҳ якҷоя хуб кор мекунанд" ё "Ин гурӯҳ хуб кор мекунад" бидуни шарҳи сабаб ва чӣ гуна.* | мувофиқ ё беҳтар аст, эътироф мекунад.<br>*Масалан: Агар гурӯҳ интизориҳои рафториро риоя кунад, омӯзгор мегӯяд: "Ба ман маъқул аст, ки чӣ тавр хонандагони гурӯҳи А стратегияҳои гуногуни худро барои дарёфти кунҷи гумшуда мубодила мекунанд, дар ҳоле боқимондаи гурӯҳ гӯш мекарданд ва савол медоданд", "Ин гурӯҳ ба ҳар як қадами раванд диққати ҷиддӣ дод" ё "Ба ман писанд аст, ки гурӯҳи шумо ҳангоми таҷриба бо таҷҳизот чӣ гуна бомасъулиятона кор мекард."* |
| **2.3<br>Омӯзгор рафтори ношоистаро ислоҳ мекунад ва диққати худро ба рафтори пешбинишуда равона мекунад, на ба рафтори номатлуб** [5] | Роҳнамоии омӯзгор ба рафтори шоиста самаранок набуда, ӯ ба рафтори ношоиста бештар диққат медиҳад, на ба рафтори пешбинишуда.<br>*Масалан: Агар омӯзгор мушоҳида кунад, ки хонанда ба кори дигар машғул аст ӯ дарсро қатъ мекунад ва номи хонандаро мегирад ва аз ӯ мепурсад: "Чаро шумо ба дарс аҳамият намедиҳед?" Ба таври дигар, омӯзгор ба ин хонанда аҳамият намедиҳад, аммо хонандаи парешон бо ҳамсоле, ки дар паҳлӯяш нишастааст, ба тамасхур ва баҳс кардан шурӯъ мекунад. Ин диққати тамоми синфро аз дарс дур карда, ба он ду хонанда равона мекунад.* | Роҳнамоии омӯзгор ба рафтори ношоиста самаранок аст, вале ӯ ба рафтори ношоиста бештар диққат медиҳад, на ба рафтори пешбинишуда.<br>Аз тарафи дигар, роҳнамоӣ ба рафтори ношоиста то андозае босамар аст ва диққат ба рафтори пешбинишуда равона карда шудааст.<br>*Масалан: Ҳангоми пай бурдан, ки ду хонанда баъд аз анҷоми кори гурӯҳӣ бо овози баланд сӯҳбат доранд, омӯзгор мегӯяд: «Шумо ҳар ду бояд ҳозир сӯҳбатро қатъ кунед, садои шумо хеле баланд аст». Ин изҳорот ба рафтори манфии хонандагони халалрасон нигаронида шудааст, на ба он чизе, ки аз онҳо интизор шудан мумкин аст. Дар натиҷа, хонандагони халалрасон ором мешаванд. Дар як сценарияи дигар, омӯзгор хонандагонро бо суханҳои зерин ислоҳ мекунад: "Акнун, ки* | Дар ҳолати ба миён омадани мушкилот омӯзгор мушкилоти ҷойдоштаро самаранок бартараф намуда, диққаташро ба рафтори интизоршаванда равона менамояд.<br>*Масалан: Ҳангоми мушоҳида кардани он, ки ду хонанда баъди ба охир расидани фаъолияти гурӯҳӣ бо овози баланд гап мезананд, омӯзгор мегӯяд: "Паст гап занед, то дигарон диққаташонро ба кори худ ҷалб кунанд". Аз паи ин дастур хонандагон садои овози худро паст мекунанд. Дар сценарияи дигар, омӯзгор мегӯяд: " Акнун, ки шумо тамом кардед, оё шумо метавонед муносибати худро барои ҳалли мушкилот бо гурӯҳи А мубодила кунед?" Пас аз ин дархост, хонандагон бо ҳамдигар бо овози баланд сӯҳбат карданро ба итмом мерасонанд ва ба гурӯҳи дар паҳлӯи* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | *шумо тамом кардед, оё шумо метавонед муносибати худро барои ҳалли мушкилот бо гурӯҳи А мубодила кунед?" Гарчанде ки омӯзгор ба рафтори мусбие, ки аз хонандагон интизор буд, таваҷҷӯҳ зоҳир мекард, дар аксари маврид онҳо ҳангоми ҳамроҳ шудан ба гурӯҳи А бо ҳамдигар бо овози баланд сӯҳбат мекунанд.* | *онҳо буда маълумотро мубодила мекунанд.* Аз тарафи дигар, омӯзгор рафтори хонандагонро ба самти дигар равона намекунад, аммо хонандагон тамоми дарс рафтори хуб доранд. |
| *[5] Рафтори нодуруст вақте рух медиҳад, ки хонанда дар синф халалдор мешавад, ки ё ба ҷараёни дарс халал мерасонад, дигар хонандагонро парешон мекунад ё омӯзгорро нороҳат мекунад* | | | |
| *Сарчашма: дастури мушоҳидаи Teach Secondary.* | | | |

## Ҷадвали А1.3: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои гузаронидани дарс

| Хол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Меъёри сифати рафтор** | **Паст** | | **Миёна** | | **Баланд** |
| 3.1<br>**Омӯзгор мақсадҳои дарсро возеҳ баён мекунад ва супоришҳои синфиро бо мақсадҳо алоқаманд мекунад** | Омӯзгор мақсад (ҳо)-и дарсро баён намекунад ва дар тахтаи синф наменависад ва аз мазмуни дарс хулоса бароварда мешавад, ки ин мақсадҳо нофаҳмоянд.<br>*Масалан: Дар давоми тамоми дарс хонандагон дар дафтарҳои худ мустақилона кор мекунанд. Дар тахтаи синф чизе дида намешавад ва омӯзгор вақти дарсро бо гаштугузор ва тафтиши кори хонандагон мегузаронад. Омӯзгор мақсади дарсро баён намекунад ва аз ин фаъолияти ӯ мақсади дарсро фаҳмидан душвор аст.* | | Омӯзгор ҳадафи умумии дарсро ошкоро баён ва/ё навиштааст, ё ҳадаф ба таври ошкоро баён ва/ё навишта нашудааст, аммо аз фаъолиятҳои дарсӣ метавон онро дарк кард.<br>*Масалан: Омӯзгор бидуни тафсилоти бештар мегӯяд: "Имрӯз мо оморро меомӯзем" ё "Мо диққати худро ба навиштан равона мекунем".*<br>*Ба таври дигар, диққати машғулияти дарс метавонад ба тарзи дарёфти маҷмӯи маълумотҳо равона карда шуда бошад, аммо омӯзгор мақсади дарсро ба таври возеҳ баён намекунад.* | | Омӯзгор мақсади дарсро возеҳ баён мекунад ва/ё дар тахтаи синф менависад (масалан, мақсади омӯзиш) ва машғулиятҳои дарс ба мақсадҳои муқарраршуда мувофиқат мекунанд.<br>*Масалан: Дар ибтидои дарс омӯзгор мегӯяд: "Имрӯз мо тарзи дарёфти маҷмӯи маълумотҳоро меомӯзем." Ҳар як машғулияти омӯзишӣ ба мақсад ба таври возеҳ алоқаманд аст.* |
| 3.2<br>**Омӯзгор бо истифода аз шаклҳои гуногуни пешниҳоди** | Омӯзгор мавзӯи дарсро бо истифода аз як шакли пешниҳоди маълумот мефаҳмонад ё мавзӯъро умуман намефаҳмонад.<br>*Масалан: Омӯзгор мегӯяд: "Барои ёфтани* | | Омӯзгор мавзӯи дарсро бо истифода аз ду шакли пешниҳод мефаҳмонад.<br>*Масалан: Омӯзгор ҳангоми омӯзондани муодилаи ёфтани масоҳати доира ба таври* | | Омӯзгор мавзӯи дарсро бо истифода аз се ё зиёда аз он шакли пешниҳод мефаҳмонад.<br>*Масалан: Омӯзгор ҳангоми омӯзонидани муодилаи ёфтани* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **маълумот дарсро мефаҳмонад** | *масоҳати доира, P -ро ба решаи квадратии радиус зарб кунед" ва тасвири хаттӣ ё визуалии ин равандро нишон намедиҳад. Ё дар дарси биология омӯзгор вазифаи микроскопро ба таври шифоҳӣ бидуни истифода аз ягон шакли хаттӣ ё дигар шакли визуалӣ барои осон кардани фаҳмиши хонандагон мефаҳмонад.*<br>*Ба таври дигар, омӯзгор мавзӯъро умуман намефаҳмонад.* | *шифоҳӣ мефаҳмонад, ки радиус «ним доира» аст ва тасвири визуалии онро бо роҳи кашидани диаграмма дар тахтаи синф пешкаш менамояд. Ё дар дарси биология омӯзгор вазифаи микроскоп ва қисмҳои гуногуни онро ба таври шифоҳӣ шарҳ медиҳад. Омӯзгор баъдтар дар тахтаи синф нақшаи қисмҳои гуногуни микроскопро нишон медиҳад.* | *масоҳати доира ба таври шифоҳӣ мефаҳмонад ва дар тахта менависад, ки радиус "ним доира" аст. Илова бар ин, омӯзгор дар тахтаи синф нақшае мекашад, ки дар он радиуси доира нишон дода шудааст. Ё дар дарси биология омӯзгор вазифаи микроскоп ва қисмҳои гуногуни онро ба таври шифоҳӣ мефаҳмонад. Баъд омӯзгор чӣ тавр истифода бурдани микроскопро бо асбоби воқеъии реалӣ нишон медиҳад. Баъдтар дар дарс омӯзгор ба нақшаи ҳуҷайра дар тахтаи синф ишора мекунад.* |
| 3.3<br>**Омӯзгор дар давоми дарс алоқамандии мазмуни онро бо дигар дарсҳо, бо ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон таъкид мекунад** | Омӯзгор он чизеро, ки дарс медиҳад, бо дигар мавзӯъҳо, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқаманд намекунад. Омӯзгор метавонад аз мисолҳои марбут ба мундариҷаи дигар, ҳаёти хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон истифода барад, аммо омӯзгор кӯшиш намекунад, ки онҳоро ба машғулияти таълимӣ пайваст кунад.<br>*Масалан: Дар дарси химия омӯзгор дар хусуси сабабҳои гуногуни ифлосшавии ҳаво нақл мекунад, аммо онҳоро бо ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқаманд намекунад.*<br>*Ба ҷои ин, Омӯзгор мегӯяд: «Дар хотир доред, ки дирӯз мо тарзи тарҷумаи шаклҳоро омӯхта будем? Имрӯз мо чӣ гуна ёфтани моддаи маҷмӯи маълумотро меомӯзем," ва барои* | Омӯзгор метавонад дарсро бо дигар мавзӯъҳо, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқаманд кунад, аммо робитаҳо рӯякӣ, душворфаҳм ё нофаҳмо мебошанд.<br>*Масалан: Омӯзгор ҳангоми дарси химия дар хусуси сабабҳои гуногуни ифлосшавии ҳаво нақл мекунад. Омӯзгор мегӯяд: "Газҳои ихроҷи мошинҳо яке аз сабабҳои олудашавии ҳаво аст, ки метавонад мушкилоти зиёдеро ба бор орад." Алоқамандӣ ба ҳаёти хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳонӣ рӯякӣ ва ғайримушаххас аст.*<br>*Ба таври дигар, омӯзгор мегӯяд: «Дирӯзро дар хотир доред, ки мо чӣ гуна гурӯхбандии маълумотро омӯхтем? Ҳоло мо дарёфти намуди маҷмӯи маълумотро меомӯзем." Омӯзгор ҳангоми фаҳмонда додани ёфтани намуди* | Омӯзгор дарсро бо дигар мавзӯъ, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқаманд мекунад.<br>*Масалан: Ҳангоми дарси химия омӯзгор сабабҳои ифлосшавии ҳаворо бо ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ва масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқаманд мекунад. Омӯзгор мегӯяд: "Газҳои ихроҷи мошинҳо дар муҳити мо мушкилот эҷод мекунанд. Дар шаҳри мо дуди дизелӣ ҳаво, об ва хоки моро ифлос мекунад". Алоқамандии байни дарс ва омӯзиши мавзӯъ, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ва / ё масъалаҳои воқеии ҷаҳонӣ возеҳ баён гардидааст.*<br>*Ба таври дигар, омӯзгор дарсро бо муҳтавои дар дарси қаблии вобаста ба маҷмӯи маълумот омӯхташуда алоқаманд карда мегӯяд: «Дар хотир доред, ки дирӯз мо маълумотро дар бораи* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | *пайваст кардани он чизе, ки дарс дода мешавад бо дигар донишҳои мавзӯъ кӯшиш намекунад.* | *маълумот, равандро бо мазмуни дарси гузашта алоқаманд намекунад.* | *он, ки ҳар як хонанда барои хӯроки нисфирӯзӣ чӣ мехӯрад, ҷамъоварӣ кардем ва мо ҳисоби миёнаи маълумотро ёфтем? Имрӯз мо чӣ тавр ёфтани модаро меомӯзем. Мода ин боз як омори ҷамъбастист, ки арзиши маъмулиро дар маҷмӯи маълумоти мо ифода мекунад."* |
| 3.4<br>**Омӯзгор дарсро тавассути намоиш ё фикрҳои шифоҳӣ мукаммал менамояд** [6] | Омӯзгор моделсозӣ намекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор тамоми дарсро бо лексия мегузаронад ва барои моделсозӣ ягон раванди машғулият вуҷуд надорад, ё омӯзгор кори мустақилона медиҳад, вале барои хонандагон моделсозӣ намекунад.* | Омӯзгор қисман машғулияти омӯзиширо моделсозӣ мекунад.<br>*Масалан: Дар дарси математика омӯзгор тарзи кашидани диаграммаи сатриро нишон медиҳад, аммо намефаҳмонад, ки маълумот аз матн барои сохтани графики сатрӣ чӣ гуна гирифта шудааст. Ё дар дарси забони тоҷикӣ омӯзгор ба хонандаҳо нишон медиҳад, ки чӣ гуна суроғаи худ ва санаро дар номаи расмӣ нависед, аммо дигар қоидаҳо ё хусусиятҳои навиштани номаи расмиро (масалан, истифодаи салом) моделсозӣ намекунад.* | Омӯзгор машғулияти таълимиро тавассути намоиш додани тамоми қисмҳои тартиб ё фикр кардан моделсозӣ мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор роҳҳои ҳалли масъалаи риёзиро нишон медиҳад (тартиби онро нишон медиҳад) ва ҳангоми ин корро иҷро кардан дар ҳар қадам он чиро, ки онҳо фикр мекунанд, мегӯяд (тафаккури зиёд мекунад). Ё агар хонандагон масоҳати доирaро ҳисоб карда истода бошанд, омӯзгор ҳар як қадамро (намоиши пурраи раванд) бо диаграммаҳои аёнӣ ё дигар маводи таълимӣ нишон медиҳад ва дар ҳар қадам дар бораи чӣ фикр кардани онҳо мегӯяд.* |
| [6] Моделсозӣ метавонад дар ҳар вақти дарс сурат гирад (аз ҷумла, дар охир). Агар фаъолияти таълимӣ хусусияти тартиботӣ дошта бошад, моделсозӣ бояд намоиши тартиботро дар бар гирад, то хонандагон онро мушоҳида намоянд; *бо вуҷуди ин, агар фаъолият ба рушди маҳорати интиқодӣ нигаронида шавад, модели мукаммал фикррониро дар бар мегирад. Фаъолият моделсозӣ ҳисобида мешавад, то он даме, ки омӯзгор расмиёт ё равандҳои тафаккури марбут ба фаъолияти таълимро нишон диҳад* | | | |
| *Сарчашма: Дастури мушоҳидавии Teach Secondary.* | | | |

## Ҷадвали A1.4: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои санҷиши сатҳи фаҳмиш

| Хол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Меъёри сифати рафтор** | **Паст** | | **Миёна** | | **Баланд** |
| 4.1<br>**Омӯзгор барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши хонандагон аз саволҳо, ишораҳо ё стратегияҳои дигар истифода мебарад** | Омӯзгор умуман савол намедиҳад ё ба хонандагон ишораҳо намекунад ё вақте ки омӯзгор ин корро мекунад, синф ба таври синхронӣ ҷавоб медиҳад, ки бе пайгирии минбаъдаи сатҳи фаҳмиш қабул карда мешавад.<br>*Масалан: Ҳангоми фаҳмондани мафҳум омӯзгор мепурсад: “Оё ҳамаатон фаҳмидед, ки кунҷи рефлексиро чӣ гуна муайян кардан мумкин аст?” Хонандагон якдилона ҷавоб медиҳанд: “Бале, мо фаҳмидем”. Ё пас аз кашидани кунҷ дар тахтаи синф омӯзгор мегӯяд: "Ин кунҷи рефлексист, ҳамин тавр не?". Синф ё хонандаи алоҳида ҷавоб медиҳад: "Бале, ҳамин тавр аст."* | | Омӯзгор саволҳо, ишораҳо ё дигар стратегияҳоро истифода мебарад, ки барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши якчанд хонанда самаранок мебошанд.<br>*Масалан: Омӯзгор мепурсад: «Кӣ метавонад ба ман кунҷи рефлексиро мисол оварад?» Танҳо чанд хонанда даст бардошта ҷавоб медиҳанд, ки аз байни ин гурӯҳ омӯзгор аз 1 ё 2 хонанда ҷавоби саволро мепурсад.*<br><br>*Ба таври дигар, омӯзгор савол медиҳад, аммо аз хонандагон намепурсад, ки барои ҷавоб додан дастҳои худро бардоштаанд, ба ҷои он ба хонандагон иҷозат медиҳад, ки ихтиёран ҷавобҳои худро пешниҳод кунанд.* | | Омӯзгор саволҳо, ишораҳо ё дигар стратегияҳоро истифода мебарад, ки барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши аксари хонандагон самаранок мебошанд.<br>*Масалан: Омӯзгор мегӯяд: «Агар шумо бо ин изҳорот розӣ бошед, лутфан дастатонро бардоред: кунҷи рефлекси гуфта он кунҷеро номанд, ки аз 180 дараҷа зиёд аст». Омӯзгор, инчунин аз хонандаҳо хоҳиш мекунад, ки дониши худро барои мубодила бо ҳамдигар нишон диҳанд (масалан, ҳар як хонанда расми кунҷи рефлексиро кашида, ба ҳамдигар нишон медиҳанд).* |
| 4.2<br>**Омӯзгор аксари хонандагонро ҳангоми кори мустақилона/ гурӯҳӣ назорат мекунад** [7] | Омӯзгор дар вақти кори мустақилона ё гурӯҳӣ хонандагонро назорат намекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор дар сари мизи худ мешинад ё ҳангоми кор кардани хонандагон дар назди синф меистад.* | | Омӯзгор баъзе хонандагонро ҳангоми кори мустақилона ё гурӯҳӣ назорат мекунад, то фаҳмиши онҳоро назорат кунад.<br>*Масалан: Омӯзгор дурустии кори баъзе хонандагонро мушоҳида мекунад, ҳангоми кори гурӯҳии хонандагон баъзе мубоҳисаҳоро гӯш мекунад, мафҳумҳоро возеҳ мегардонад ё савол медиҳад.* | | Омӯзгор ба таври мунтазам аксари хонандагонро тавассути гашту гузор дар синф ва барои тафтиш кардани фаҳмиши онҳо ба назди хонандагон ё гурӯҳҳои алоҳида рафта, назорат мекунад.<br>*Масалан: Вақте ки хонандагон кор мекунанд, омӯзгор дар атрофи синфхона қадам мезанад, ба таври мунтазам ба хонандагон ё гурӯҳҳо наздик мешавад, то кори аксари хонандагонро мушоҳида ва мубоҳисаҳои гурӯҳро гӯш кунад, мафҳумҳоро возеҳ гардонад ё савол диҳад.* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **4.3 Омӯзгор дарсро ба сатҳи дониши хонандагон мутобиқ мекунад** | Омӯзгор раванди таълимро барои хонандагон мутобиқ намекунад ва ҳатто дар ҳолате хонандагон изҳор мекунанд, ки маводи таълимиро аз худ накардаанд, ба иҷрои барномаи таълимӣ идома медиҳад.[8] | Омӯзгор равиши таълимро андаке мутобиқ месозад, аммо ин мутобиқсозӣ кӯтоҳмуддат ва рӯякӣ аст. *Масалан: Вақте ки хонандагон як қатор муодилаҳоро бо зарби ададҳои даҳӣ анҷом медиҳанд, омӯзгор пай мебарад, ки онҳо дар ҷавобҳои худ нуқтаи даҳиро дохил накардаанд. Дар ҷавоб омӯзгор ба синф ба таври мухтасар хотиррасон мекунад, ки дар ҷавобҳои худ нуқтаи даҳиро дохил кунанд. Ё вақте ки омӯзгор аз хонанда талаб мекунад, ки вазифаи скелети марказии (меҳвари) инсонро шарҳ диҳад ва хонанда барои ба ёд овардани ин далел мушкилӣ мекашад, омӯзгор ба хонанда мегӯяд, ки дар вақти мувофиқ ба китоби дарсии худ назар кунад.* | Омӯзгор дарсро тавассути фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои омӯхтан мутобиқ мекунад. Омӯзгор метавонад маълумотро бо тарзҳои гуногун пешниҳод кунад, то хонандагон мафҳуми дарсро беҳтар фаҳманд. Омӯзгор, инчунин метавонад барои хонандагоне, ки аллакай фаҳмиши хуб доранд, вазифаҳои душвортареро пешниҳод кунад. *Масалан: Вақте ки хонандагон як қатор муодилаҳоро бо зарби ададҳои даҳӣ анҷом медиҳанд, омӯзгор пай мебарад, ки онҳо дар ҷавобҳои худ нуқтаи даҳиро дохил накардаанд. Дар ҷавоб омӯзгор машғулиятро ба як муддати кӯтоҳ қатъ мекунад ва раванди зарби ададҳои даҳиро баррасӣ мекунад. Ё вақте ки омӯзгор аз хонанда талаб мекунад, ки вазифаи скелети марказии (меҳвари) инсонро шарҳ диҳад ва хонанда барои ба ёд овардан мушкилӣ мекашад, омӯзгор модели визуалӣ ё расмро истифода бурда, нақши онро дар бадани инсон хотиррасон мекунад. Интихобан, агар омӯзгор пай барад, ки ягон хонанда аллакай ин машқро бомуваффақият анҷом додааст, омӯзгор метавонад ба он хонанда як супориши душвортареро диҳад, то ӯ ҳангоми интизории дигар хонандагони синф ин супоришро ба анҷом расонад.* |
| *[7] Ин рафтор номувофиқ ҳисоб карда мешавад, агар ягон гурӯҳи мушоҳидашаванда ё кори мустақилона вуҷуд надошта бошад.* | | | |

| |
|---|
| [8] *Ҳатто агар эҳтиёҷ ба ислоҳ вуҷуд надошта бошад ҳам, агар омӯзгор таълимро ислоҳ накунад, ба ин рафтор баҳои паст дода мешавад.* |
| *Сарчашма: дастури мушоҳидавии Teach Secondary.* |

## Ҷадвали А1.5: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои робитаи мутақобила

| Хол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|

| Меъёри сифати рафтор | Паст | Миёна | Баланд |
|---|---|---|---|
| 5.1<br>**Омӯзгор шарҳҳо ё ишораҳои мушаххасро барои возеҳ намудани лаҳзаҳои нофаҳмиҳои хонандагон медиҳад** | Омӯзгор ё ба хонандагон оид ба нодурустфаҳмиҳояшон шарҳ ё ишора пешниҳод намекунад, ё шарҳҳои пешниҳодгардида ба баёнияҳои содда ва арзёбикунанда маҳдуд мешаванд (масалан: «Ин нодуруст аст ».<br>*Масалан: Вақте ки хонанда ба саволи омӯзгор нодуруст ҷавоб медиҳад, омӯзгор мегӯяд, ки "Ин ҷавоб нодуруст аст" ва идома медиҳад.*<br>*Ба таври дигар, омӯзгор ҷавоби нодурусти хонандаро эътироф намекунад ва ба пурсидани хонандаи дигар мегузарад ва мегӯяд: "Не, боз ягон каси дигар?" ва фикру мулоҳизаҳо пешниҳод намекунад.* | Омӯзгор ба хонандагон оид ба нодурустфаҳмиҳояшон шарҳҳои умумӣ ё рӯякӣ медиҳад.<br>*Масалан: Дар дарси математика омӯзгор бидуни пешниҳоди маълумоти иловагӣ ва ишораҳо мегӯяд, "Шумо аломати манфиро фаромӯш кардед". Дар дарси забони англисӣ омӯзгор мегӯяд: "Ҳангоми навиштани калимаи "Let's" дар ҷумла истифода бурдани апострофро фаромӯш накунед" ва шарҳ намедиҳад, ки апостроф барои чӣ лозим аст.* | Омӯзгор ба хонандагон шарҳҳо/ишораҳои мушаххас медиҳад, ки дорои маълумоти асоснок мебошанд ва барои возеҳ кардани нофаҳмиҳои хонандагон кӯмак мекунанд.<br>*Масалан: Дар дарси математика омӯзгор мегӯяд: «Шумо дар хотир доред, ки ҳангоми зарб задани адади мусбӣ ва манфӣ чӣ мешавад? Биёед ба қайдҳои шумо назар андозем. Акнун, биёед ба ҷавоби худ назар андозед. Барои ёфтани ҷавоби дуруст чиро тағйир додан лозим аст?» Дар дарси забони англисӣ омӯзгор мегӯяд: "Дар ҷумлаи худ ба калимаи "Lets" нигаред. Оё шумо дар хотир доред, ки ҳангоми истифодаи шакли кӯтоҳ мо бояд чӣ кор кунем? Шумо бояд чиро дохил кунед? "* |
| 5.2<br>**Омӯзгор шарҳҳо ё ишораҳои мушаххасро барои муайян кардани муваффақиятҳои хонандагон пешниҳод мекунад** | Омӯзгор ё ба хонандагон оид ба дастовардҳои онҳо шарҳ ё ишора пешниҳод намекунад, ё шарҳҳои пешниҳодгардида ба баёнияҳои содда ва арзёбикунанда маҳдуд мешаванд (масалан: «Ин дуруст аст».<br>*Масалан: Вақте ки хонанда ба саволи омӯзгор дуруст ҷавоб медиҳад, омӯзгор мегӯяд, ки "Дуруст" ва дарсро идома медиҳад.* | Омӯзгор ба хонандагон дар хусуси пешрафти онҳо шарҳҳои умумӣ ё рӯякӣ медиҳад<br>*Масалан: Агар хонандагон графики сутунӣ тартиб диҳанд, омӯзгор мегӯяд: «Корро хуб ба роҳ мондаед барои тасвири графики сутуниатон» ё «Графики сутунии шумо хуб тасвир ёфтааст», бидуни мушаххас намудани он, ки маҳз кадом ҷиҳати кори ин хонанда хуб иҷро гардидааст.* | Омӯзгор ба хонандагон шарҳҳо/ишораҳои мушаххас медиҳад, ки дорои маълумоти асоснок мебошанд ва барои муайян кардани муваффақияти хонандагон кӯмак мекунанд.<br>*Масалан: Агар хонандагон графики сутунӣ тасвир карда истода бошанд, омӯзгор мегӯяд: "Шумо дар сохтани ин графики сутунӣ маҳорати хуб нишон додед. Меҳварҳои уфуқӣ ва амудии шумо* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | *Ба таври дигар, омӯзгор ҷавоби дурусти хонандаро тасдиқ намекунад ва бе пешниҳоди фикру мулоҳизаҳо ба пурсидани хонандаи дигар мегузарад* | | *ба таври возеҳ нишон дода шуда, дар як хат ҷойгиранд ва дуруст нишонгузорӣ гардидаанд.” Ё омӯзгор кори як хонандаро ҷудо мекунад ва ба синф мегӯяд: "Ба кори ҳамсинфатон нигаред, бубинед, ки ин хонанда чӣ гуна фосилаҳои калонтарро дар меҳвари уфуқӣ истифода кардааст, то ки сатрҳои камтар дошта бошанд?" ва сипас ба фаҳмондан мегузарад, ки чӣ тавр хонанда фосилаҳои калонтарро барои самараноктар нишон додани маълумот истифода намудааст* |
| *[9] Ишораҳо қисмҳои иттилооте мебошанд, ба монанди маслиҳатҳои роҳнамо ё саволҳо, ки аз ҷониби омӯзгор дода мешаванд ва хонандагонро водор мекунанд, ки дар бораи нофаҳмиҳо фикр кунанд ё муваффақиятҳоро муайян кунанд.* | | | |
| *Сарчашма: дастури мушоҳидавии Teach Secondary.* | | | |

## Ҷадвали A1.6: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои тафаккури интиқодӣ

| Хол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Меъёри сифати рафтор** | **Паст** | | **Миёна** | | **Баланд** |
| 6.1<br>**Омӯзгор саволҳои кушода медиҳад,**<br>*ки асоснокkунӣ, шарҳдиҳӣ ё ҷамъбасткуниро талаб мекунанд ё зиёда аз як ҷавоби дуруст доранд* | Омӯзгор саволҳои кушода намедиҳад ё танҳо як саволи кушода медиҳад. Омӯзгор метавонад саволҳои пӯшидае диҳад, ки ҷавоби пешакӣ муайяншударо доранд.<br>*Масалан: Дар дарси математика омӯзгор мепурсад: “Кадомаш бузургтар аст, ¾ ё 83%?” Ё дар дарси биология омӯзгор мепурсад: “Кӣ метавонад ба ман номи молекулаеро гӯяд, ки фермент бо он реаксия мекунад? ”* | | Омӯзгор ба хонандагон ҳадди аққал 2 саволи кушода медиҳад, аммо ба ҷавобҳои хонандагон такя намекунад, ё омӯзгор 2 саволи кушода медиҳад, ки 1-тои он саволи пайгирикунанда мебошад.<br>*Масалан: Дар дарси биология омӯзгор мепурсад: “Чаро ферментҳо муҳиманд?” Баъдтар дар дарс омӯзгор мепурсад: “Кадом омилҳо ба фаъолияти фермент таъсир мерасонанд?” Ё дар дарси фанни забон омӯзгор мепурсад: “Ҳафтаи оянда имтиҳон доред. Шуморо аз ҳама бештар чӣ ба ташвиш меорад?” Пас аз ҷавоб додани хонанда омӯзгор* | | Омӯзгор ба хонандагон 3 ё зиёда саволҳои кушода медиҳад ва ҳадди аққал 1-тои онҳо ба ҷавобҳои хонандагон такя мегардад, ки аз хонандагон хоҳиш мекунад, то далелҳои худро асоснок кунанд, бештар шарҳ диҳанд ё андешаҳои худро возеҳ баён намоянд.<br>*Масалан: Дар дарси химия омӯзгор мепурсад: “Чӣ гуна мо метавонем ин озмоиши илмиро ташкил кунем?” Баъдтар дар дарс омӯзгор мепурсад: “Ба фикри шумо дар ин озмоиш чӣ рух медиҳад?” Пас аз ҷавоби хонанда, омӯзгор аз пайи он мепурсад: “Чаро шумо чунин фикр мекунед?”* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | *аз пайи он мепурсад: "Шумо ин ҳафта чӣ кор кардан мехоҳед, то боварӣ ҳосил кунед, ки шумо ба имтиҳон омодаед?"* | |
| **6.2 Омӯзгор вазифаҳои фикрӣ медиҳад,** *ки аз хонандагон таҳлили фаъолонаи мавзӯъро талаб мекунад, на ин ки гирифтани маълумот ё буррогии забонро (яъне, аз ёд кардан)* | Омӯзгор вазифаҳои фикрӣ намедиҳад. Синфхонаҳое, ки вазифаҳои фикрӣ надоранд, синфхонаҳое мебошанд, ки дар он хонандаҳо фақат омӯзгорро гӯш мекунанд ё вазифаҳоро ба тасри механикӣ иҷро мекунанд. | Омӯзгор вазифаҳои фикрии рӯякӣ медиҳад. Вазифаҳои фикрии рӯякӣ вазифаҳое мебошанд, ба монанди мувофиқ кардани маҷмӯи ашё, муайян кардани консепсияҳо ё қисмҳои асосии иттилоот ва муқоиса кардани хусусиятҳо. Онҳо, инчунин татбиқи иттилоот ё усулҳои омӯхташуда ба вазифаҳоеро, ки омӯзгор аллакай нишон додааст, дар бар мегиранд. | Омӯзгор вазифаҳои фикрии назаррас медиҳад. Вазифаҳои фикрии назаррас метавонанд вазифаҳое бошанд, ки аз хонандагон пешгӯӣ кардан, намунаҳоро муайян сохтан, алоқаманд намудан ва маълумотро шарҳ доданро талаб кунанд. Ба он вазифаҳо, инчунин дохил мешаванд, татбиқ намудани маълумот ё усулҳо ба супоришҳои наве, ки омӯзгор нишон надодааст, аз қабили хулосабарорӣ, арзёбӣ, тарҳрезӣ ё эҷодсозӣ дар асоси маълумоти омӯхташуда. |
| **6.3 Хонандагон вазифаҳои фикриро иҷро мекунанд** | Хонандагон вазифаҳои фикриро иҷро намекунанд. | Камтар аз се ду ҳиссаи хонандагон дар синф вазифаҳои фикриро иҷро мекунанд. | Аксари хонандагон вазифаҳои фикриро иҷро мекунанд. |
| **6.4 Хонандагон фикрҳои худро ба омӯзгор мефаҳмонанд ё саволҳои кушода медиҳанд** | Хонандагон дар вақти фаъолиятҳои таълимӣ фикри худро ба омӯзгор намефаҳмонанд ва саволҳои кушода намедиҳанд. Онҳо ба саволҳо ҷавоб медиҳанд ва/ё ба мубоҳисаҳо бо ҷавоби «Ҳа» ё «Не» ё бо пешниҳоди як далели оддӣ саҳм мегузоранд. *Масалан: Дар дарси математика омӯзгор мегӯяд: "Эҳтимолияти партофтани шашии дуқабата (двойная шестерка) ҳангоми партофтани мӯҳраҳои бозӣ (игральная кость) ба чанд баробар аст?" Хонанда ҷавоб медиҳад, "1/36" аммо шарҳ намедиҳанд, ки онҳо ҷавобро чӣ гуна* | Хонандагон дар рафти машғулиятҳои дарсӣ ба омӯзгор фикрҳои худро мефаҳмонанд ё саволҳои кушода медиҳанд, гарчанде ки ин хеле кам рух медиҳад (танҳо як маротиба). *Масалан: Хонанда мефаҳмонад, ки чӣ тавр онҳо ҷавоби як масъалаи математикаро кор карда баромадаанд ва мегӯяд: "Ман кор карда баромадам, ки эҳтимолияти ғелонидани шашии дуқабата ҳангоми партофтани мӯҳраҳои бозӣ ба 1/36 баробар аст, инро ман бо зарб задани эҳтимолияти ғелонидани шашӣ ҳангоми партофтани як мӯҳраи бозӣ бо ҳамин* | Хонандагон дар рафти машғулиятҳои синфӣ аксар вақт ба омӯзгор фикри худро мефаҳмонанд ва ё саволҳои кушодаро медиҳанд (зиёда аз як маротиба) *Масалан: Хонанда мефаҳмонад, ки чӣ тавр онҳо ҷавоби як масъалаи математикиро кор карда баромадаанд ва мегӯяд: "Ман кор карда баромадам, ки эҳтимолияти ғелонидани шашии дуқабата ҳангоми партофтани мӯҳраҳои бозӣ ба 1/36 баробар аст, инро ман бо зарб задани эҳтимолияти ғелонидани шашӣ ҳангоми партофтани як мӯҳраи бозӣ бо ҳамин* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | *ёфтаанд. Ё дар дарси физика омӯзгор мегӯяд: "Се шкалаҳои ҳароратсанҷ, ки имрӯз истифода мешаванд, кадомҳоянд?" Хонанда "Селсия, Келвин ва Фаренгейт" ҷавоб медиҳад, аммо шарҳ намедиҳад, ки чаро шкалаҳои гуногун истифода мешаванд.* | *рақам ҳисоб кардам. Ҳамин тавр, ман 1/6 х 1/6-ро зарб кардам ва ин ба ман ҷавоби 1/36 дод." Ё ҳангоми дарси физика хонанда мепурсад: "Чаро барои чен кардани ҳарорат шкалаҳои гуногун мавҷуданд?"* | *рақам ҳисоб кардам. Ҳамин тавр, ман 1/6 х 1/6-ро зарб кардам ва ин ба ман ҷавоби 1/36 дод." Сипас, як хонандаи дигар муносибати худро барои ёфтани ҷавоб чунин шарҳ медиҳад: "Ман инро тавассути кашидани ҷадвал ҳисоб кардам, ки ҳама натиҷаҳои имконпазири партофтани шашии дуқабатаро дошт. Ман фаҳмидам, ки 36 комбинатсияи имконпазир вуҷуд дорад ва танҳо яке аз ин комбинатсияҳо шашии дуқабата аст."* |
| *Сарчашма: дастури мушоҳидавии Teach Secondary.* | | | |

## Ҷадвали А1.7: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои мустақилият

| Хол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Меъёри сифати рафтор** | **Паст** | | **Миёна** | | **Баланд** |
| 7.1 **Омӯзгор ба хонандагон имконияти интихоб карданро медиҳад** | Омӯзгор ба хонандагон ба таври возеҳ имконияти интихоб карданро намедиҳад. Оид ба чӣ гуна иҷро шудани машғулиятҳои таълимӣ омӯзгор қарор қабул мекунад ва бо роҳи дигар, ки хонандагон он супоришҳоро иҷро карда метавонанд, пешниҳод намекунад. *Масалан: Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки маҷмӯи муодилаҳои математикиро бо риояи маҷмӯи қадамҳои муқарраршуда ҳал кунанд. Ё омӯзгор ба хонандагон мегӯяд, ки дар якҷоягӣ бо ҳамсабақи худ иншои баҳсӣ нависанд ва ягон имконияти интихоби шахсеро, ки хонанда бо ӯ кор кардан мехоҳад ё мавзӯе, ки дар доираи он хонанда навиштан мехоҳад, намедиҳад.* | | Омӯзгор ба таври возеҳ ба хонандагон ҳадди аққал як интихоби рӯякӣ медиҳад, ки ба мақсади дарс алоқаманд нест. *Масалан: Омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки тартиби анҷом додани машғулиятҳоро интихоб кунанд (масалан, маҷмӯи муодилаҳои математикиро ҳал кунанд ё ҷадвалҳои мустақилонаро машқ кунанд) ё барои навиштани иншо шарики худро интихоб кунанд .* | | Омӯзгор ба таври возеҳ ба хонандагон ҳадди аққал як интихоби асосиро медиҳад, ки ба мақсади дарс алоқаманд аст. *Масалан: Омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки усулҳои худро барои ҳалли муодилаҳои математикӣ истифода баранд (масалан, бо истифода аз маводи мушаххас, диаграммаҳо ё формулаҳои хаттӣ) ё ба онҳо имконият медиҳад, ки масъалаи дилхоҳи математикиро аз байни якчанд мисолҳо ҳал кунанд. Ё омӯзгор ба хонандагон имкон медиҳад, ки мавзӯи мақолаи баҳсии худро интихоб намоянд ё яке аз вариантҳои зеринро интихоб кунанд: таҳияи мақола, ироаи сарсухан ё иҷрои пешниҳоди визуалӣ* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7.2<br>**Омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар синф нақшро иҷро кунанд** | Омӯзгор ба хонандагон имконият намедиҳад, ки дар синф нақшҳоро иҷро кунанд.<br>*Масалан: Дарс асосан ба лексия асос ёфта, қолабӣ аст ва иштироки хонандагон бо рӯйбардории маълумот маҳдуд аст. Дар дарс хонандагон ҳеҷ гоҳ имконияти ба назди тахтаи синф баромадан ё бо овози баланд хондани матнро надоранд.* | Омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки нақшҳои маҳдудро дар синф иҷро кунанд.<br>*Масалан: Хонандагон ҳозиру ғоиб мекунанд, вазифаҳоро месупоранд, маводҳоро тақсим мекунанд ё дар тахтаи синф менависанд. Нақшҳои маҳдуд, инчунин вазифаҳои нигоҳубини синфро, ба монанди тоза кардани тахтаи синф дар бар мегиранд.* | Омӯзгор ба хонандагон имконият медиҳад, ки нақшҳои муҳимро дар синф иҷро кунанд, ки дар доираи он барои қисматҳои машғулиятҳои таълимӣ масъуланд.<br>*Масалан: Омӯзгор ба хонанда имкон медиҳад, ки муодиларо дар тахтаи синф ҳал кунад ва ба синф фаҳмонад, ки чӣ тавр хонанда мушкилоти асосии масъаларо ҳал кардааст. Ё омӯзгор метавонад ба хонанда нақши ҳамсинф-омӯзгорро барои дастгирии раванди омӯзиши хонандаи дигар ё нақши сардори синфро барои мусоидат ба муҳокима ва иштироки гурӯҳӣ вогузорад* |
| 7.3<br>**Хонанда дар дарс ихтиёран иштирок мекунад** | Хонанда дар дарс ихтиёран иштирок намекунад. | Танҳо якчанд хонанда дар дарс ихтиёран иштирок карда, фикру ақидаи худро иброз медоранд ва супоришҳоро иҷро мекунанд.<br>*Масалан: Вақте омӯзгор савол медиҳад, танҳо чанд хонанда барои ҷавоб додан даст мебардоранд ва боз вақте ки омӯзгор саволи дигар медиҳад, ҳамон чанд нафар хонанда даст боло мебардоранд.*<br><br>*Аз дигар тараф, вақте ки омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки агар онҳо дар мубоҳисаи синфӣ иштирок кардан хоҳанд, аз ҷой хезанд, танҳо чанде аз хонандагон мехезанд ва далелҳои худро ба синф баён мекунанд.* | Аксари хонандагон дар дарс ихтиёран иштирок карда, фикру ақидаи худро иброз медоранд ва супоришҳоро иҷро мекунанд.<br>*Масалан: Вақте ки омӯзгор савол медиҳад, аксари хонандагон дастҳои худро мебардоранд, то ҷавобҳои худро мубодила кунанд. Хонандагон, инчунин метавонанд бидуни дархости омӯзгор ихтиёран ҷавоб диҳанд (масалан, вақте ки омӯзгор мафҳумро шарҳ медиҳад, хонанда пешниҳод мекунад, ки таҷрибаи марбутро нақл намояд)*<br><br>*Ё вақте ки омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки агар онҳо дар мубоҳисаи синфӣ иштирок кардан хоҳанд, аз ҷой хезанд, аксари хонандагон мехезанд ва андешаҳои худро ба синф баён мекунанд.* |

| |
|---|
| *Сарчашма: дастури мушоҳидавии Teach Secondary.* |

## Ҷадвали А1.8: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои матонат

| Хол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| Меъёри сифати рафтор | **Паст** | | **Миёна** | | **Баланд** |
| 8.1<br>**Омӯзгор кӯшишҳои хонандагонро эътироф мекунад**<br><br>*на ин ки танҳо ба натиҷаҳо, қобилиятҳои фикрӣ ё табиӣ таваҷҷӯҳ мекунад* | Омӯзгор кӯшишҳои хонандагонро эътироф намекунад. Ҳарчанд омӯзгор метавонад хонандагонро барои «зиракӣ» ё «дониш» ситоиш кунад, аммо ба саъю кӯшиш ва фаъолияти хонандагон таваҷҷӯҳ намекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор мегӯяд: «Хеле хуб! Ту донотарин хонандаи синф ҳастӣ!" ё «Офарин! Ту хеле зирак ҳастӣ!"* | | Дар синф омӯзгор баъзан кӯшишҳои хонандагонро эътироф мекунад, аммо бештари таърифҳо ба натиҷаҳо ё дониши хонандагон нигаронида шудааст.<br>*Масалан: Вақте ки хонанда кори санҷиширо хуб месупорад, омӯзгор мегӯяд: "Саъю кӯшиши хуб" ё вақте ки хонанда кӯшиш мекунад, ки ба савол ҷавоб диҳад, аммо нодуруст ҷавоб медиҳад, омӯзгор мегӯяд, ки "Хуб кӯшиш кардӣ", аммо ба таври возеҳ муайян намекунад, ки ин кӯшишҳо аз чӣ иборат буданд.* | | Дар синф омӯзгор аксарияти вақт кӯшишҳои хонандагонро барои азхудкунии малакаҳо ё мафҳумҳои нав эътироф мекунад ва ин кӯшишҳоро ба таври возеҳ муайян мекунад.<br>*Масалан: Вақте ки хонандагон як масъалаи душвореро, ки барои ҳалли он мушкилии зиёд кашиданд, ҳал мекунанд, омӯзгор кӯшишҳои онҳоро барои ҳалли он масъала таъриф мекунад ва таъкид мекунад. Омӯзгор мегӯяд: "Шумо дар фаҳмиши алгебра хеле пеш рафтаед. Агар шумо стратегияҳоеро, ки мо дар синф омӯхтаем, давом диҳед ва истифода баред, шумо ба зудӣ ҳамаи онҳоро азхуд хоҳед кард!"* |
| 8.2<br>**Омӯзгор ба мушкилоти хонандагон муносибати мусбӣ дорад** [10] | Омӯзгор ба мушкилоти хонандагон муносибати манфӣ дорад.<br>*Масалан: Омӯзгор хонандагонро барои хатогиҳо сарзаниш мекунад ё нисбат ба хонанда барои фаҳмидани мафҳуми нав бетоқат мешавад.* | | Омӯзгор нисбат ба мушкилоти хонандагон бетарафона муносибат мекунад. Ҳарчанд омӯзгор хонандаро барои хатогӣ ё аз худ кардани мафҳуми нав ҷазо намедиҳад, аммо омӯзгор ошкоро намегӯяд, ки нокомӣ ва ноумедӣ ҷузъи муқаррарии раванди таълим аст.<br>*Масалан: Вақте ки хонанда ҳангоми ҳалли муодилаи математикӣ дар тахтаи синф хатогӣ мекунад, омӯзгор ба хонанда танҳо ба таври бетараф ҷавоб медиҳад (яъне, на бо хашм ё бетоқатӣ).* | | Омӯзгор ба мушкилоти хонандагон муносибати мусбӣ дорад ва ба хонандагон барои фаҳмидани он ки нокомӣ ва ноумедӣ ҷузъҳои муқаррарии раванди таълим ҳастанд, кӯмак мекунад.<br>*Масалан: Вақте ки хонанда ҳангоми ҳалли муодила дар тахтаи синф хатогӣ мекунад, омӯзгор мегӯяд: «Дар хотир доред, ки ҳангоми кӯшиши иҷрои ягон чизи нав хато кардан ва рӯҳафтодагӣ чизи муқаррарӣ аст! Биёед дар бораи он фикр кунем, ки чӣ тавр мо ин муодиларо ҳал карда метавонем." Омӯзгор, инчунин хонандагонро дар бораи* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | *манбаъҳои гуногуне, ки метавонанд барои ёрӣ муроҷиат кунанд, ташвиқ менамояд (масалан, гирифтани маслиҳат аз ҳамсинф, ҷустуҷӯи ҷавобҳо аз китоб, истифодаи мавод ё расмҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикӣ* |
| 8.3 **Омӯзгор гузоштани мақсадҳоро муайян мекунад** | Омӯзгор хонандагонро барои гузоштани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат ҳавасманд намесозад.[11] | Омӯзгор хонандагонро ҳавасманд мекунад, ки ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддатро гузоранд.[11] *Масалан: Барои гузоштани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат, омӯзгор мепурсад: "Шумо ин ҳафта чанд боби китобро бояд хонед?" ё "Шумо ин ҳафта чанд элементи Ҷадвали давриро бояд аз ёд кунед?" Барои муайян кардани ҳадафҳои дарозмуддат омӯзгор мегӯяд: "Ман мехоҳам шумо дар бораи ҳадафҳое, ки мо дар оғози соли хониш гузоштаем, то чӣ андоза пешрафт кардаед, маълумот диҳед"* Ба таври дигар, омӯзгор метавонад дар бораи аҳамияти гузоштани ҳадафҳои умумӣ сӯҳбат кунад. *Масалан: Омӯзгор мегӯяд: " Муҳим аст, ки дар бораи нақшаҳои худ пас аз хатми мактаб андеша кунед". Ё омӯзгор таъкид мекунад, ки қаҳрамонони китоб барои худ ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат мегузоранд ва чӣ гуна барои ноил шудан ба онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд.* | Омӯзгор хонандагонро ҳавасманд мекунад, ки ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро ба миён гузоранд. Омӯзгор метавонад, ҳамзамон ба ҳадафҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат диққатро равона кунад, алахусус ҳангоми ташвиқи хонандагон барои гузоштани ҳадафи кӯтоҳмуддат ҳамчун як қисми банақшагирии онҳо барои ноил шудан ба ҳадафи дарозмуддат. *Масалан: Омӯзгор мегӯяд: «Биёед, дар бораи ҳадафҳое, ки дар оғози соли хониш дар назди худ гузоштаем, фикр кунем. Як коре, ки шумо дар ин ҳафта анҷом медиҳед ва шуморо ба ин ҳадаф наздиктар мекунад, кадом аст?» Ё омӯзгор дар бораи ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат дар алоҳидагӣ (тавре ки дар мисолҳои бахши "Миёна" зикр шудааст) сӯҳбат мекунад.* |
| *[10] Ин мушкилот метавонад хатогиҳо, гирифтани баҳои паст дар санҷиш ё эҳсоси рӯҳафтодагӣ ҳангоми кӯшиши фаҳмидани мафҳумро дар бар гирад. [11] Ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ҳадафҳое мебошанд, ки хонандагон дар давоми як моҳ ё камтар аз он ба онҳо ноил мешаванд ва ҳадафҳои дарозмуддат ҳадафҳое мебошанд, ки дар муддати тӯлонӣ (масалан, дар давоми соли хониш, вақте ки онҳо калон мешаванд) мебошанд.* | | | |
| *Сарчашма: дастури мушоҳидавии Teach Secondary* | | | |

## Ҷадвали A1.9: Ҷадвали намунавии баҳогузорӣ барои малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ

| Хол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Меъёри сифати рафтор** | **Паст** | | **Миёна** | | **Баланд** |
| 9.1<br>**Омӯзгор ба ҳамкории хонандагон тавассути муошират бо ҳамсолон мусоидат мекунад** | Омӯзгор ба хамкории байни хонандагон мусоидат намекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор барои дар гурӯҳҳо ё ҷуфтҳо кор кардан ҳеҷ гуна шароит фароҳам намеорад.* | | Омӯзгор ба ҳамкории хонандагон тавассути мубодилаи фикру ақидаҳо, маводҳо ё ғояҳо рӯякӣ мусоидат мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки китобҳои дарсиро мубодила кунанд ё кори худро бо шарике барои баҳогузорӣ иваз кунанд* | | Омӯзгор ба ҳамкории назарраси хонандагон тавассути хоҳиш кардани онҳо барои истеҳсоли маҳсулот, кӯмак ба хонандаи дигар, ҳалли масъала, пур кардани варақаи корӣ ё пешниҳоди идеяи нав мусоидат мекунад.<br>*Масалан: Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ҷуфтҳо ё гурӯҳҳо ташкил кунанд, то супоришеро иҷро кунанд, ки ҳамкориро талаб мекунад, ба монанди банақшагирии таҷриба ё ҷамъоварии маълумот ва сохтани график. Ба таври дигар, омӯзгор метавонад аз хонандаи алохон хоҳиш кунад, ки ба хонандаи сустхон кӯмак кунад.* |
| 9.2<br>**Омӯзгор малакаҳои байнишахсии хонандагонро инкишоф медиҳад**<br>*ба монанди қабули нуқтаи назари дигар, ибрози ҳамдардӣ, танзими эҳсосот ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ* [12] | Омӯзгор малакаҳои байнишахсии хонандагонро инкишоф намедиҳад. | | Омӯзгор малакаҳои байнишахсии хонандагонро ба таври мухтасар ё рӯякӣ инкишоф медиҳад.<br>*Масалан: Омӯзгор ба хонандагон мегӯяд: “Ба ҳамдигар кӯмак кунед”, аз хонанда хоҳиш мекунад, ки фикру ақидаҳои ҳамсинфони дигарашро эҳтиром намояд ё хонандагонро ташвиқ мекунад, ки дар давоми машғулиятҳои гурӯҳӣ баробар саҳм гузоранд. Аммо омӯзгор намефаҳмонад, ки чаро ин рафторҳо муҳиманд.* | | Омӯзгор малакаҳои байнишахсии хонандагонро тавассути ташвиқи қабули нуқтаи назари дигар, ибрози ҳамдардӣ, танзими эҳсосот ё ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мусоидат мекунад.<br>*Масалан: Ҳангоми масхара шудани хонанда аз ҷониби ҳамсинфон барои додани ҷавоби нодуруст, омӯзгор ҳисси ҳамдардиро бо хотиррасон кардани он ки ҳар шахс метавонад иштибоҳ кунад, ташвиқ менамояд ва/ё бо баррасии он, ки агар худи онҳо мавриди масхара қарор мегирифтанд, чӣ эҳсос мекарданд.* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | *Вақте ки омӯзгор мушоҳида мекунад, ки хонандагон рӯҳияи рақобат пайдо менамоянд, ӯ барои тарғиби идоракунии эҳсосот мегӯяд: «Мо дар ҳолати рақобат қарор надорем. Дар хотир доред, ки ҳамаи мо қисми як синф ҳастем ва барои омӯхтан ва ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин якдигарро дастгирӣ менамоем». Пас аз қироати ҳикоя дар бораи қаҳрамони нобино омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки тасаввур намоянд, агар имкони дидан намебуд, чӣ эҳсос мекарданд.* |
| **9.3 Хонандагон тавассути муошират бо ҳамсолон, бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд** | Хонандагон ҳамкорӣ намекунанд, Ё вақте ки онҳо бо ҳамдигар муошират мекунанд, онҳо рафтори манфӣ нишон медиҳанд. *Масалан: Вақте хоҳиш карда мешавад, ки шариконро барои фаъолият интихоб кунанд, хонандагон бо ҳамсолони худ муошират намекунанд ва мустақилона кор мекунанд. Онҳо, инчунин метавонанд рафтори манфиро ба монанди тела додан, таҳқир кардан ё ба таври мақсаднок истисно кардани як ё якчанд ҳамсолони худ нишон диҳанд* | Хонандагон рӯякӣ ҳамкорӣ мекунанд. Ҳеҷ гуна зуҳуроти рафтори манфӣ мушоҳида намешавад. *Масалан: Ҳангоми кор дар гурӯҳ як хонанда метавонад дар муҳокима бартарӣ дошта бошад, дар ҳоле ки дигарон танҳо ғайрифаъол иштирок мекунанд. Ба таври дигар, хонандагон дар як гурӯҳ маводҳоро байни худ мубодила мекунанд, аммо онҳо фаъолиятро мустақилона анҷом медиҳанд ва ҳангоми ҳалли мушкилот бо ҳамдигар ҳамкорӣ намекунанд.* | Хонандагон бо роҳи якҷоя кор мекунанд барои ҳалли мушкилот, варақаи корӣ ё пешниҳоди идеяи нав бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд. Намоиши рафтори манфӣ ба назар намерасад. *Масалан: Хонандагон дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳо кор мекунанд, то кореро, ки ҳамкориро талаб мекунад, ба монанди банақшагирии таҷриба ё ҷамъоварии маълумот ва таҳияи график иҷро кунанд. Ба таври дигар, хонандае, ки дониши хуб дорад, метавонад ба хонандаи сустхон кӯмак кунад.* |
| *[12] Қабули дурнамо: Қобилияти баррасии вазъият аз нуқтаи назари дигар. Ҳамдардӣ: Қобилияти эътироф ва мубодилаи эҳсосоти дигарон. Танзими эҳсосот: Қобилияти самаранок идора кардан ва вокуниш ба таҷрибаи эмотсионалӣ. Ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ: Раванде, ки шахс аз ҳалли мушкилоти байнишахсӣ мегузарад. Ин метавонад истифодаи ҷанбаҳои қабули дурнамо, ҳамдардӣ ё танзими эҳсосотро ба вазъияти иҷтимоӣ дар бар гирад.* | | | |
| *Сарчашма: дастури мушоҳидавии Teach Secondary.* | | | |

## Замимаи 2. Раванди омодасозӣ ва тартиби баргузории *TEACH Secondary*

### *TEACH Secondary* чист?

*TEACH Secondary* як воситаи ройгони мушоҳида дар синф буда, имкон медиҳад, ки яке аз ҷанбаҳои камтар омӯхташуда ва муҳимтарини таълим, яъне равандҳои дохили синфхонаро мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Ин восита барои истифода дар синфхонаҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ гардида, бо мақсади мусоидат ба кишварҳо, махсусан кишварҳои сатҳи даромаднокиашон паст ва миёна (LMICs) ҷиҳати назорат ва беҳтар намудани сифати таълим таҳия шудааст.

### Чӣ тавр *TEACH Secondary* таҳия карда шуд*?*

Барои ба даст овардани нусхаи ниҳоии кории восита гурӯҳи таҳиягари TEACH Secondary дар давоми 2 сол вариантҳои гуногуни ин воситаро бодиққат таҳқиқ, баррасӣ ва озмоиш карданд. Таҳияи восита аз санҷиши шакли мутобиқшудаи TEACH оғоз ёфт, ки аз ҷониби муҳаққиқони Маркази таҳқиқоти дастрасӣ ва омӯзиши баробар (Research for Equitable Access and Learning – REAL Centre ва Laterite) дар ҳамкорӣ бо гурӯҳи TEACH-и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар 103 синфҳои равияи математикии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Руанда дар доираи ташаббуси «Раҳбарон дар таълим» (Leaders in Teaching) Фонди Mastercard (Carter & Rose, 2021) озмоиш карда шудааст. Дар ин марҳила тағийрот ба намунаи рафтор маҳдуд буда, асосан ба фанни математика таваҷҷӯҳи таҳқиқот нигаронида шуда буд. Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти ибтидоӣ, муҳаққиқони Маркази REAL ҳамчун мушовирон ба гурӯҳи TEACH ҳамроҳ шуданд, то дар рушди минбаъдаи TEACH Secondary бо мақсади татбиқи фарогиртар дар фанҳо ва заминаҳои гуногун саҳм гузоранд.

Гурӯҳи таҳиягарон далелҳои назариявӣ ва таҷрибавии кишварҳои сатҳи даромаднокиашон паст ва миёнаро (LMICs) мавриди баррасӣ қарор дод, то мутобиқати чаҳорчӯбаи мавҷудаи TEACH ба сатҳи таҳсилоти умумӣ ва инчунин усулҳои иловагии синфхонаро, ки ба ин зинаи таҳсил дахл доранд, вале дар воситаи мавҷуда инъикос наёфтаанд, арзёбӣ намояд. Таҳлили мазкур, инчунин таҳлилҳои амиқи протоколҳои мушоҳидавии мавҷударо, ки дар синфҳои таҳсилоти умумӣ татбиқ шуда буданд, бо таваҷҷӯҳ ба кишварҳои ҷанубӣ (Global South) истифода мешаванд, дар бар гирифт. Таҳлили мазкур бо муҳокимаҳои ҳамаҷониба бо олимон ва мутахассисони соҳаи маориф, аз ҷумла онҳое, ки мутахассиси соҳаи таҳсилоти фарогир мебошанд, такмил дода шуд. Ин раванд боиси ворид намудани тағйироти иловагӣ ба воситаи TEACH гардид ва дар натиҷа чаҳорчӯбаи васеъшуда иборат аз 10 унсур ва 34 рафтор таҳия шуд.

Ин чаҳорчӯбаи васеъкардашуда шакли аввалини кории воситаи TEACH Secondary-ро ташкил дод, ки барои баррасии дохилӣ ирсол гардид. Раванд бо иштироки шумораи зиёди ҳамкорони Teach, ки дар таҳияи протоколи аслии мушоҳида ва мутобиқсозии он ба сатҳҳои дигари таҳсил саҳм гузошта буданд, фаро гирифт. Дар натиҷаи ин раванд тағйироти иловагӣ ворид гардида, муҳокимаҳои созанда оид ба дигаргуниҳое, ки метавонанд на танҳо TEACH Secondary, балки дигар шаклҳои воситаро низ такмил бахшанд, баргузор шуданд. Воситаи озмоишии TEACH Secondary тавассути наворбардории дарсҳо дар кишварҳои Уганда, Танзания ва Гайана мавриди санҷиш қарор гирифт. Ин раванд боиси таҳияи воситаи таҷдидшуда гардид, ки аз 10 унсур ва 32 рафтор иборат аст.

Гурӯҳи таҳиягарон иборат аз ҳайати машваратии техникӣ Кваме Акйампонг, Линдсей Браун, Даниел Муйс, Ҳерин Отиено-Меня, Алберт Пауло Тармо ва Полин Роузро даъват намуд, то фикру мулоҳизаҳои хаттӣ оид ба унсур пешниҳод намоянд. Мулоҳизаҳои онҳо дар доираи семинари техникӣ мураттаб ва баррасӣ карда шуданд, ки дар рафти он коршиносон лаҳзаҳои робитаи мутақобиларо муайян карданд ва ба гурӯҳ маслиҳат доданд, ки ба кадом масъалаҳо диққати аввалиндараҷа диҳанд ва чӣ гуна ин пешниҳодҳо барои такмили минбаъдаи восита татбиқ карда шаванд.

То охири соли 2022, шакли навшудаи TEACH Secondary дар Андхра-Прадеши Ҳиндустон ва Ҷазираҳои Укёнуси Ором татбиқ шудааст ва муҳокимаҳо барои истифода дар як қатор заминаҳои дигар, аз ҷумла Филиппин ва Сурия ҷараён доранд. Ин фаъолиятҳо якҷоя бо фикру мулоҳизаҳои Гурӯҳи коршиносони баррасии TEACH Secondary ба Гурӯҳи TEACH имконият медиҳанд, ки дигар ислоҳоти заруриро дар восита муайян намоянд ва дар ниҳоят имкони таъмини пойдории онро барои кишварҳои сатҳи даромаднокиашон паст ва миёна фароҳам оранд.

## Сифати раванди *TEACH Secondary*

Чаҳорчӯбаи созмондиҳандаи TEACH Secondary ҷанбаҳои сифати равандро дар бар мегирад. Ин қисмат шарҳи мухтасари Воситаи мушоҳидаи TEACH Secondary-ро (ченкунии сифати раванд) дар бар мегирад. Пас аз ин, мо заминаи далелҳои ҷанбаҳои сифати равандро, ки дар Воситаи мушоҳида инъикос ёфтаанд, пешниҳод мекунем. Дастурамал, ки Воситаи мушоҳидаро дар бар мегирад, дар веб-сайт.-и зерин пайдо кардан мумкин аст.

**Ҳамчун қисми Воситаи мушоҳида, ки ҷанбаҳои сифати равандро дар бар мегирад, *TEACH Secondary* сабт менамояд:**

(i) Вақт барои омӯзиш: вақти сарфкардаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои фаъолиятҳои таълимӣ, дараҷае, ки хонандагон дар иҷрои супоришҳо машғуланд ва то чӣ андоза хонандагон дар омӯзиши онҳо фаъолона иштирок мекунанд

(ii) Сифати таҷрибаҳои таълимӣ: таҷрибаҳое, ки ба рушди маърифат ва рушди иҷтимоию эмотсионалии хонандагон мусоидат мекунанд.

Ҳамчун қисми ҷузъи «Вақт дар машғулият», се “наворҳои фаврӣ” бо давомнокии 1–10 сония истифода мешаванд, то амалҳои омӯзгори зинаи таҳсилоти умумӣ, шумораи хонандагон, ки дар тӯли мушоҳида ба иҷрои супориш машғуланд ва иштироки фаъолонаи хонандагон дар омӯзиш сабт карда мешаванд.

Қисмати Сифати таҷрибаҳои таълимӣ ба се самти асосӣ тақсим шудааст: фарҳанги идоракунии синфхона, дастурдиҳӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ. Ин самтҳо дорои 9 унсури мувофиқанд, ки ба 29 рафтор ишора мекунанд. Рафторҳо дар асоси далелҳои ҳангоми мушоҳида ҷамъовардашуда ҳамчун паст, миёна ё баланд арзёбӣ карда мешаванд. Ин холҳои рафтор ба ҷадвали панҷ холӣ табдил дода мешаванд, ки Сифати таҷрибаҳои таълимро дар ду мушоҳидаи дарсӣ бо давомнокии понздаҳ дақиқавӣ муайян мекунанд.

*Расми A4.1: Соҳаҳои TEACH Secondary*




## *Соҳаҳои TEACH Secondary*

Тавре ки дар боло тавсиф шудааст, қисмати Сифати таълими *TEACH Secondary* ба 3 соҳа тақсим карда шудааст. Онҳо чаҳорчӯбаи васеъро барои андозагирии зерин таъмин мекунанд:

**Фарҳанги идоракунии синфхона:** Тамоюли ин соҳа ба эҷоди фарҳанге, ки барои омӯзиш мувофиқ аст, аз ҷониби омӯзгор аст. Таваҷҷӯҳ дар ин ҷо на ба ислоҳи рафтори манфии хонандагон аз ҷониби омӯзгор, балки он аст, ки омӯзгор то чӣ андоза муҳити мусоид барои омӯзиш фароҳам меорад ва интизориҳои рафтори мусбиро муқаррар мекунад.

**Дастурдиҳӣ:** Тамоюли ин самт ба усули таълим аз ҷониби омӯзгор равона шудааст, ки дарки хонандаро таҳким мебахшад, ба андеша ва таҳлили интиқодӣ ташвиқ менамояд. Дар ин ҷо диққати асосӣ на ба усулҳои мушаххаси мундариҷаи таълим, балки ба он нигаронида шудааст, ки омӯзгор то чӣ андоза дарсро осон мекунад, фаҳмиши хонандагонро месанҷад, фикру мулоҳизаҳо медиҳад ва хонандагонро ба фикррониии интиқодӣ ташвиқ мекунад.

**Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ:** Таваҷҷӯҳи ин соҳа ба омӯзгоре мебошад, ки малакаҳои иҷтимоию эмотсионалиро инкишоф медиҳад, хонандаро барои муваффақ шудан ҳам дар дохил ва ҳам берун аз синф ташвиқ мекунанд. Барои инкишоф додани малакаҳои иҷтимоию эмотсионалии хонандагон омӯзгор мустақилиятро ба вуҷуд меорад, суботро ташвиқ мекунад ва малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкориро инкишоф медиҳад.

Азбаски *TEACH Secondary* аз *TEACH Primary* мутобиқ карда шудааст, байни ҳар ду монандии аслӣ вуҷуд дорад, ба монанди чаҳорчӯбаи муштарак ва протоколи рамзгузорӣ. Бо вуҷуди ин, дар ҳар сатҳи восита фарқиятҳо низ мавҷуданд, ки асосан ба гурӯҳҳои синну соли гуногун ва муҳитҳои таълимӣ мушоҳида мешаванд. Дар ҷадвали зербуда фарқиятҳои байни *TEACH Primary* ва *TEACH Secondary* дар сатҳҳои восита, соҳа, унсурҳо ва рафторҳо нишон дода шудаанд. Тағйироти асосии аз *TEACH Primary* ворид шуда, дар *TEACH Secondary* инъикос ёфтаанд, инҳоянд:

1. **Сатҳи инкишоф**

Тавсифҳо ва мисолҳои тағйирёфта барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бештар мувофиқтар ва аз ҷиҳати марҳилаи рушд созгор бошанд ва сифати таълимро дар як қатор заминаҳои фарҳангӣ ва таҷрибаҳои гуногуни таълимӣ инъикос кунанд, аз ҷумла фаъолиятҳои омӯзишии ба омӯзгор, ба хонанда нигаронидашуда ва байни хонандагон.

2. **Диққати бештар ба тафаккури интиқодӣ**

Унсури васеъшудаи тафаккури интиқодӣ барои ба даст овардани талаботи бештари маърифатии синфҳои миёна ва аҳамияти фароҳам овардани имкониятҳо барои хонандагон ҷиҳати шарҳ додани андешаҳои худ дар давоми дарсҳоро нишон диҳад.

3. **Намоиши мукаммали мавзӯъ**

Васеъ кардани ҷадвали вазифаҳои тафаккур ва намунаҳои рафтор барои осон намудани фаҳмиши он, ки ин воситаро дар муҳитҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ чӣ тавр истифода бурдан мумкин аст. Ин мисолҳоеро дар бар мегирад, ки берун аз математика ва забони тоҷикӣ барои гирифтани омӯзиш дар фанҳои дақиқ, аз ҷумла физика, химия ва биология рух медиҳанд, дохил мешаванд.

4. **Тавсеаи бахши "Вақт барои омӯзиш"**

Бо мақсади фаро гирифтани дараҷае, ки то кадом андоза хонандагон дар иҷрои вазифаҳои таълимӣ фаъолона иштирок мекунанд. Як қатор рафторҳои дохили восита тағйир дода шуданд, то иштироки бештар ва нақши фаъоли хонандагон дар синфро инъикос намоянд. Тағйирот ба вокуниш ба мустақилият ва масъулияти рӯзафзуни хонандагон дар сатҳи миёнаи таҳсилот ворид карда шуданд.

# Замимаи 3. Шакли мукаммали намунаи интихобшудаи таҳқиқот

| Вилоят | Ноҳия/шаҳр | Мактаб № | Шумораи омӯзгорон | | | Шумораи хонандагон | | | Навъи мактаб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | мард | зан | умумӣ | писар | духтар | |
| Суғд | Айнӣ | 24 | 42 | 23 | 19 | 636 | 335 | 301 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Айнӣ | 40 | 41 | 26 | 15 | 579 | 281 | 298 | Назоратӣ |
| Суғд | Деваштич | 51 | 44 | 4 | 40 | 562 | 267 | 295 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Деваштич | 14 | 38 | 11 | 27 | 402 | 191 | 211 | Назоратӣ |
| Суғд | Исфара | 63 | 42 | 4 | 38 | 736 | 339 | 397 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Исфара | 60 | 20 | 13 | 7 | 270 | 131 | 139 | Назоратӣ |
| Суғд | Истаравшан | 40 | 29 | 16 | 13 | 290 | 126 | 164 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Истаравшан | 46 | 42 | 16 | 26 | 701 | 322 | 379 | Назоратӣ |
| Суғд | Ҷ. Расулов | 17 | 70 | 7 | 63 | 1419 | 688 | 731 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Ҷ. Расулов | 1 | 63 | 37 | 26 | 1715 | 1069 | 646 | Назоратӣ |
| Суғд | Мастчоҳ | 10 | 27 | 25 | 2 | 467 | 256 | 211 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Мастчоҳ | 24 | 33 | 28 | 5 | 440 | 192 | 248 | Назоратӣ |
| Суғд | Панҷакент | 53 | 61 | 25 | 36 | 1031 | 535 | 496 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Панҷакент | 35 | 18 | 10 | 8 | 282 | 158 | 124 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Панҷакент | 60 | 28 | 16 | 12 | 364 | 192 | 172 | Назоратӣ |
| Суғд | Панҷакент | 116 | 21 | 15 | 6 | 185 | 82 | 103 | Назоратӣ |
| Суғд | Спитамен | 13 | 69 | 19 | 50 | 1239 | 598 | 641 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Спитамен | 33 | 70 | 38 | 32 | 1467 | 736 | 731 | Назоратӣ |
| Хатлон | А. Ҷомӣ | 1 | 56 | 10 | 46 | 1499 | 768 | 731 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | А. Ҷомӣ | 62 | 38 | 5 | 33 | 810 | 503 | 307 | Назоратӣ |
| Хатлон | Балҷувон | 7 | 17 | 11 | 6 | 207 | 105 | 102 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Балҷувон | 34 | 18 | 14 | 4 | 176 | 96 | 80 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Балҷувон | 4 | 33 | 20 | 13 | 552 | 274 | 278 | Назоратӣ |
| Хатлон | Балҷувон | 8 | 33 | 21 | 12 | 435 | 234 | 201 | Назоратӣ |
| Хатлон | Данғара | 56 | 46 | 14 | 32 | 1031 | 519 | 512 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Данғара | 26 | 32 | 14 | 18 | 590 | 269 | 321 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Данғара | 2 | 68 | 17 | 51 | 2015 | 1040 | 975 | Назоратӣ |
| Хатлон | Данғара | 20 | 48 | 19 | 29 | 956 | 449 | 507 | Назоратӣ |
| Хатлон | Дӯстӣ | 10 | 63 | 13 | 50 | 1024 | 545 | 479 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Дӯстӣ | 11 | 44 | 26 | 18 | 850 | 419 | 431 | Назоратӣ |
| Хатлон | Фархор | 56 | 26 | 14 | 12 | 368 | 200 | 168 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Фархор | 39 | 48 | 20 | 28 | 647 | 321 | 326 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Фархор | 28 | 22 | 10 | 12 | 355 | 181 | 174 | Назоратӣ |
| Хатлон | Фархор | 53 | 34 | 17 | 17 | 387 | 198 | 189 | Назоратӣ |

| Вилоят | Ноҳия/шаҳр | Мактаб № | Шумораи омӯзгорон | | | Шумораи хонандагон | | | Навъи мактаб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | мард | зан | умумӣ | писар | духтар | |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 5 | 32 | 12 | 20 | 555 | 279 | 276 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 8 | 57 | 34 | 23 | 1282 | 654 | 628 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 18 | 53 | 18 | 35 | 931 | 468 | 463 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 51 | 31 | 17 | 14 | 563 | 263 | 300 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 4 | 59 | 29 | 30 | 1244 | 643 | 601 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 7 | 77 | 45 | 32 | 1903 | 979 | 924 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 19 | 51 | 25 | 26 | 825 | 447 | 378 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 30 | 85 | 61 | 54 | 1865 | 960 | 905 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ҷайҳун | 13 | 34 | 11 | 23 | 772 | 398 | 374 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ҷайҳун | 15 | 36 | 17 | 19 | 1011 | 539 | 472 | Назоратӣ |
| Хатлон | Хуросон | 5 | 28 | 13 | 15 | 1297 | 734 | 563 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Хуросон | 14 | 49 | 29 | 20 | 1103 | 590 | 513 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 3 | 42 | 24 | 18 | 574 | 277 | 297 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 23 | 37 | 23 | 14 | 500 | 258 | 242 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 12 | 29 | 16 | 13 | 322 | 158 | 164 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 2 | 26 | 15 | 11 | 334 | 166 | 168 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 4 | 27 | 14 | 13 | 450 | 222 | 228 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 15 | 27 | 17 | 10 | 400 | 209 | 191 | Назоратӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 9 | 83 | 21 | 62 | 1313 | 677 | 636 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 53 | 102 | 22 | 80 | 2429 | 1259 | 1170 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 33 | 20 | 16 | 4 | 190 | 91 | 99 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 13 | 57 | 28 | 29 | 807 | 406 | 401 | Назоратӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 34 | 74 | 42 | 32 | 830 | 462 | 368 | Назоратӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 51 | 88 | 49 | 39 | 1340 | 665 | 675 | Назоратӣ |
| Хатлон | Муъминобод | 3 | 35 | 20 | 15 | 453 | 230 | 223 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Муъминобод | 14 | 39 | 27 | 12 | 578 | 304 | 274 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Муъминобод | 10 | 26 | 10 | 16 | 266 | 136 | 130 | Назоратӣ |
| Хатлон | Муъминобод | 25 | 20 | 11 | 9 | 226 | 109 | 117 | Назоратӣ |
| Хатлон | Панҷ | 31 | 29 | 7 | 22 | 592 | 296 | 296 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Панҷ | 29 | 17 | 9 | 8 | 234 | 102 | 132 | Назоратӣ |
| Хатлон | Шаҳритуз | 5 | 51 | 16 | 35 | 601 | 288 | 313 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Шаҳритуз | 48 | 35 | 16 | 19 | 410 | 205 | 205 | Назоратӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 39 | 30 | 11 | 19 | 442 | 222 | 220 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 5 | 41 | 21 | 20 | 870 | 480 | 390 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 12 | 20 | 11 | 9 | 281 | 149 | 132 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 3 | 41 | 12 | 29 | 708 | 358 | 350 | Назоратӣ |

| Вилоят | Ноҳия/шаҳр | Мактаб № | Шумораи омӯзгорон | | | Шумораи хонандагон | | | Навъи мактаб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | мард | зан | умумӣ | писар | духтар | |
| Хатлон | Темурмалик | 4 | 45 | 8 | 37 | 1012 | 524 | 488 | Назоратӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 21 | 16 | 10 | 6 | 199 | 93 | 106 | Назоратӣ |
| Хатлон | Вахш | 3 | 70 | 15 | 55 | 1606 | 754 | 852 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Вахш | 18 | 43 | 22 | 21 | 1023 | 548 | 475 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 3 | 65 | 32 | 33 | 1416 | 727 | 689 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Восеъ | 22 | 79 | 21 | 58 | 1711 | 889 | 822 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Восеъ | 9 | 49 | 20 | 29 | 737 | 347 | 390 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Восеъ | 33 | 60 | 15 | 45 | 1133 | 561 | 572 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Восеъ | 38 | 45 | 13 | 32 | 551 | 261 | 290 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Восеъ | 5 | 56 | 37 | 19 | 1010 | 520 | 490 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 16 | 47 | 24 | 23 | 639 | 331 | 308 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 23 | 61 | 32 | 29 | 1136 | 600 | 536 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 44 | 27 | 14 | 13 | 326 | 183 | 143 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 49 | 30 | 18 | 12 | 624 | 299 | 325 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ёвон | 15 | 34 | 13 | 21 | 763 | 388 | 375 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ёвон | 27 | 39 | 11 | 28 | 607 | 303 | 304 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ёвон | 3 | 28 | 10 | 18 | 709 | 361 | 348 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ёвон | 46 | 30 | 11 | 19 | 489 | 254 | 235 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Дарвоз | 12 | 15 | 11 | 4 | 111 | 61 | 50 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Дарвоз | 10 | 14 | 8 | 6 | 131 | 62 | 69 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Роштқалъа | 9 | 24 | 3 | 21 | 192 | 108 | 84 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Роштқалъа | 29 | 18 | 5 | 13 | 104 | 53 | 51 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Роштқалъа | 12 | 34 | 11 | 23 | 330 | 148 | 182 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Роштқалъа | 30 | 18 | 6 | 12 | 79 | 42 | 37 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Рушон | 4 | 20 | 2 | 18 | 150 | 69 | 81 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Рушон | 5 | 22 | 8 | 14 | 120 | 59 | 61 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Шуғнон | 40 | 22 | 10 | 12 | 215 | 121 | 94 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Шуғнон | 38 | 24 | 9 | 15 | 153 | 68 | 85 | Назоратӣ |
| НТҶ | Файзобод | 33 | 24 | 18 | 6 | 566 | 313 | 253 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Файзобод | 27 | 29 | 17 | 12 | 502 | 256 | 246 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 44 | 25 | 17 | 8 | 443 | 232 | 211 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 101 | 32 | 16 | 16 | 581 | 298 | 283 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 102 | 15 | 5 | 10 | 295 | 145 | 150 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 41 | 46 | 20 | 26 | 798 | 392 | 406 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 92 | 35 | 16 | 19 | 583 | 262 | 321 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 100 | 11 | 6 | 5 | 72 | 33 | 39 | Назоратӣ |

| Вилоят | Ноҳия/шаҳр | Мактаб № | Шумораи омӯзгорон | | | Шумораи хонандагон | | | Навъи мактаб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | мард | зан | умумӣ | писар | духтар | |
| НТҶ | Нуробод | 24 | 16 | 13 | 3 | 265 | 139 | 126 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Нуробод | 40 | 18 | 13 | 5 | 323 | 167 | 156 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Нуробод | 10 | 29 | 29 | 0 | 650 | 315 | 335 | Назоратӣ |
| НТҶ | Нуробод | 31 | 11 | 5 | 6 | 312 | 175 | 137 | Назоратӣ |
| НТҶ | Рашт | 15 | 22 | 21 | 1 | 424 | 216 | 208 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Рашт | 16 | 20 | 14 | 6 | 247 | 128 | 119 | Назоратӣ |
| НТҶ | Роғун | 21 | 12 | 10 | 2 | 179 | 88 | 91 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Роғун | 20 | 9 | 7 | 2 | 120 | 64 | 56 | Назоратӣ |
| НТҶ | Рӯдакӣ | 119 | 30 | 6 | 24 | 887 | 448 | 439 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Рӯдакӣ | 13 | 56 | 11 | 45 | 1601 | 883 | 718 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Рӯдакӣ | 12 | 50 | 21 | 29 | 1209 | 614 | 595 | Назоратӣ |
| НТҶ | Рӯдакӣ | 118 | 30 | 12 | 18 | 773 | 394 | 379 | Назоратӣ |
| НТҶ | Шахринав | 43 | 14 | 5 | 9 | 146 | 75 | 71 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Шахринав | 27 | 22 | 15 | 7 | 485 | 254 | 231 | Назоратӣ |
| НТҶ | Тоҷикобод | 9 | 28 | 25 | 3 | 396 | 194 | 202 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Тоҷикобод | 5 | 18 | 13 | 5 | 335 | 177 | 158 | Назоратӣ |
| НТҶ | Турсунзода | 59 | 61 | 3 | 58 | 954 | 491 | 463 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Турсунзода | 57 | 11 | 5 | 6 | 177 | 64 | 113 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ваҳдат | 43 | 22 | 6 | 16 | 816 | 437 | 379 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ваҳдат | 63 | 13 | 8 | 5 | 252 | 131 | 121 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ваҳдат | 77 | 14 | 11 | 3 | 156 | 84 | 72 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ваҳдат | 134 | 25 | 14 | 11 | 642 | 338 | 304 | Назоратӣ |
| НТҶ | Варзоб | 40 | 49 | 7 | 42 | 1012 | 509 | 503 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Варзоб | 42 | 21 | 10 | 11 | 328 | 165 | 163 | Назоратӣ |

# Замимаи 4: Воситаҳои мушоҳидакунии таҳқиқот

| ID-МАКТАБ: | ID-МУАЛЛИМ: | ID-РАМЗГУЗОРАНДА: | СИНФ: | ФАНН: | ҚИСМАТИ 1 |
|---|---|---|---|---|---|
| АНДОЗАИ СИНФ: *духтарон* ____ *писарон* ___________ | | ВАҚТИ БА НАҚША ГИРИФТА ШУДА: _ : ____ то __________________ : ____ | | ВАҚТИ АСЛӢ: __ : ____ то ____ : ____ | ДАВОМНОКИИ ҚИСМАТ: __________________ *дақ* |

**ВАҚТ БАРОИ ИҶРОИ ВАЗИФА**

| 0. | ВАҚТ БАРОИ ОМӮЗИШ | *1ум акс (4дақ)* | | | | *2юм акс (9дақ)* | | | | *3юм акс (14дақ)* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0.1 | Муаллим ба аксарияти хонандагон имконияти дар дарс иштирок карданро медиҳад | | Ҳа | | Не | | Ҳа | | Не | | Ҳа | | Не |
| 0.2 | Хонандагон ба иҷрои супориш ҷалб карда шудаанд. | М/Н | П | М | Б | М/Н | П | М | Б | М/Н | П | М | Б |
| 0.3 | Хонандагон дар иҷрои супоришҳои таълимӣ фаъолона иштирок мекунанд | М/Н | Ҳа | | Не | М/Н | Ҳа | | Не | М/Н | Ҳа | | Не |

**СИФАТИ МЕТОДИ ДАРСӢ**

| *Соҳаҳо / унсурҳо / рафторҳо* | | | *Холгузорӣ* | | | *Холи ниҳоӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **A.** | **МАДАНИЯТИ СИНФ** | | | | | |
| 1. | МУҲИТИ ДАСТГИРИКУНАНДАИ ТАЪЛИМ | | 1 2 | 3 | 4 5 | |
| 1.1 | Муаллим ба ҳама хонандагон бо эҳтиром муносибат мекунад | | П | М | Б | |
| 1.2 | Муаллим бо хонандагон бо забони хуб муошират мекунад | | П | М | Б | |
| 1.3 | Муаллим ба ниёзи хонандагон ҷавоб медиҳад | М/Н | П | М | Б | |
| 1.4 | Муаллим нисбати хонандагон ғараз надорад ва дар синф ба стереотипҳо муқобилат мекунад — a. Гендерӣ *П М Б*; b. Маъюбӣ *П М Б*; *Зерхолҳо* ▷; *Муайян кардани хол* ▷ | | П | М | Б | |
| 2. | ИНТИЗОРИИ РАФТОРИ МУСБӢ | | 1 2 | 3 | 4 5 | |
| 2.1 | Муаллим барои машғулиятҳои синфӣ интизориҳои равшани рафториро муқаррар мекунад | | П | М | Б | |
| 2.2 | Муаллим рафтори мусбати хонандагонро эътироф мекунад | | П | М | Б | |
| 2.3 | Муаллим рафтори ношоистаро ислоҳ мекунад ва диққати асосиро ба он чи ки дар назар дошта шудааст, равона мекунад. | | П | М | Б | |
| **B.** | **ДАСТУРАМАЛ** | | | | | |
| 3. | ГУЗАРОНИДАНИ ДАРС | | 1 2 | 3 | 4 5 | |
| 3.1 | Муаллим мақсадҳои дарсро возеҳ баён мекунад ва машғулияти синфиро бо мақсадҳои дарс алоқаманд мекунад | | П | М | Б | |
| 3.2 | Муаллим мундариҷаро бо истифода аз шаклҳои гуногуни намоиш шарҳ медиҳад | | П | М | Б | |
| 3.3 | Муаллим дар дарс робитаҳое мекунад, ки ба дигар донишҳои мундариҷа, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон алоқамананд. | | П | М | Б | |
| 3.4 | Муаллим бо намоиш додан ё бо овози баланд фикр кардан ибратсозӣ мекунад | | П | М | Б | |
| 4. | ТАФТИШ БАРОИ ФАҲМИШ | | 1 2 | 3 | 4 5 | |
| 4.1 | Муаллим барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши хонандагон аз саволҳо, дастурҳо ё стратегияҳои дигар истифода мебарад | | П | М | Б | |
| 4.2 | Муаллим аксари хонандагон ҳангоми кори мустақилона/гурӯҳӣ назорат мекунад | М/Н | П | М | Б | |
| 4.3 | Муаллим дарсро ба сатҳи дониши хонандагон мутобиқ мекунад | | П | М | Б | |
| 5. | ФИКРУ МУЛОҲИЗАҲО | | 1 2 | 3 | 4 5 | |
| 5.1 | Муаллим шарҳҳо ё луқмаи мушаххасе медиҳад, ки барои равшан кардани он чизҳое, ки хонандагон нафаҳмидаанд, кӯмак мекунанд. | | П | М | Б | |
| 5.2 | Муаллим шарҳҳо ё луқмаи мушаххасе медиҳад, ки барои муваффақиятҳои хонандагон кӯмак мекунанд | | П | М | Б | |
| 6. | АФКОРИ ИНТИҚОДӢ | | 1 2 | 3 | 4 5 | |
| 6.1 | Муаллим саволҳои кушода медиҳад | | П | М | Б | |
| 6.2 | Муаллим супоришҳои фикрӣ/зеҳнӣ медиҳад | | П | М | Б | |
| 6.3 | Хонандагон супоришҳои ба рушди тафаккур нигаронидашударо иҷро мекунанд | | П | М | Б | |
| 6.4 | Хонандагон ба муаллим фикри худро мефаҳмонанд ва ё саволҳои кушода медиҳанд | | П | М | Б | |
| **C.** | **МАЛАКАҲОИ ИҶТИМОӢ-ЭМОТСИОНАЛӢ** | | | | | |
| 7. | МУСТАҚИЛИЯТ | | 1 2 | 3 | 4 5 | |
| 7.1 | Муаллим ба хонандагон имконияти интихобро пешкаш мекунад | | П | М | Б | |
| 7.2 | Муаллим ба хонандагон имконият медиҳад, ки нақшҳоро дар синф иҷро кунанд | | П | М | Б | |
| 7.3 | Хонандагон ихтиёран дар дарсҳо иштирок мекунанд | | П | М | Б | |
| 8. | УСТУВОРӢ | | 1 2 | 3 | 4 5 | |
| 8.1 | Муаллим саъу кӯшишҳои хонандагонро қайд мекунад. | | П | М | Б | |
| 8.2 | Муаллим ба мушкилоти хонандагон муносибати мусбӣ дорад | | П | М | Б | |
| 8.3 | Муаллим гузоштани ҳадафро ҳавасманд мекунад | | П | М | Б | |
| 9. | МАЛАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ҲАМКОРӢ | | 1 2 | 3 | 4 5 | |
| 9.1 | Муаллим ба ҳамкории хонандагон тавассути муошират бо ҳамсолон мусоидат мекунад | | П | М | Б | |
| 9.2 | Муаллим малакаҳои байнишахсии хонандагон инкишоф медиҳад | | П | М | Б | |
| 9.3 | Хонандагон тавассути муошират бо ҳамсолон бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд | | П | М | Б | |